# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ

# АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

**ISSN 2308-3662**

## ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

(Маҷаллаи илмию методӣ)

## НАУКА И ИННОВАЦИЯ

(Научно-методический журнал )

**№1 2016 (15)**

**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ СОЛИ 2012 ТАЪСИС ЁФТААСТ
НАУЧНО - МЕТОДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2012 ГОДУ

**Шӯрои таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

***Исрофилниё Ш.Р.*** *– сармуҳаррир, доктори илмҳои филологӣ, профессор*
***Туронов С.Ш.*** *– муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои педагогӣ*

***Ҳайати таҳририя:***
***Члены редколлегии:***

***Саидов Н.С.*** *– доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Раҳимӣ Ф.-*** *академики АИ ҶТ, доктори илмҳои физика - математика, профессор*
***Мирбобоев Р.-*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
***Каримова И.Х.*** *– академики АТТ, профессор*
***Лутфуллоев М.*** *– академики АТТ, профессор*
***Бобизода Ғ.М. –*** *президенти АТТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор*
***Камолова С.Ҷ.*** *– номзади илмҳои филологӣ*
***Абдулазизов В. -*** *номзади илмҳои филологӣ*
***Амонов Н.*** *- номзади илмҳои равоншиносӣ*
***Байзоев А.М.*** *– номзади илмҳои филологӣ*
***Котибова Ш.*** *- номзади илмҳои педагогӣ*
***Сатторова Ҳ .*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Муллоҷонов С.*** *- номзади илмҳои таърих*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2016**
**Институт развития образования, 2016**

**МУНДАРИҶА**
**СОДЕРЖАНИЕ**

***ИННОВАТСИЯИ ПЕДАГОГӢ***
***ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ИННОВАЦИЯ***

***НУГМОНОВ М., АМИНОВ С., ТУРОНОВ С., ТОШБОЕВА З.,***
*Афзалиятҳои низоми таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда...................................................3-9*
***ШАРИФА КОТИБОВА.***
*Моҳияти рушди барвақтии кӯдак аз нигоҳи илми муосири педагогӣ ...................................9-14*
***С. АМОНӢ***
*Аҳамияти кори мустақилона дар макотиби камнуфус.........................................14-18*
***МАҲКАМОВ ДАСТАМ.***
*Усули таълими ҳамфаъол ва афзалиятҳои он...................................................18-23*
***ЗЕБО НУРИДДИНОВА***
*Контроль учебных достижений обучающихся в условиях кредитной системы ...............23-26*
***ДЖОНМАХМАДОВА Г.Ш.,***
*Инновационные технологии оценивания учащихся требование времени ..........................26-35*
***М.С. ТАГАЙНАЗАРОВА, АЛИХАНОВА Д, ФАЙЗИДДИНОВА С.,***
*Основные принципы преподавания в высших учебных заведениях ..................................35-39*
**БОБОХОНОВ Х. Ю. ЭҲСОНЗОДА М.**
*Усули самарабахши дарси назариявӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муасисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ.........................................................................39-44*
***БАҲРОМ ЗУЛФОНОВ***
*Саволҳо барои гузаронидани маҳфил аз фанни химия (кимё)...................................44-52*


***ПСИХОЛОГИЯ***
***РАВОНШИНОСӢ***

***ТОШЕВА ХОЛБИБӢ БОБОҶОНОВНА***
*Баъзе хусусиятҳои синнусолӣ ва инкишофи фардии донишҷӯён* ......................................53-58
***АБДУРАШИТОВ Н.Ф., БОБОЁРОВ Х.***
*Вазъи фаъолияти психолог дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ..........................................................................................58-63*
**УМЕД ҲАМИДОВ**
*Васоити ҳамкории субъектҳои тарбия дар ҷараёни таъмини тарбияи ҳуқуқии наврасон...........................................................................................63-69*
***КАРИМОВ Қ.М.,***
*Омилҳои психологии рушди таҳаммулпазирии педагогӣ...................................69-73*
***ШАРИФОВА Б.***
*Нақши падару модарон ва кормандони муассисаҳои томактабӣ дар инкишофи шахсияти кӯдак.........................................................................73-76*
***АСАДУЛЛОЕВ Р.Д.***
*Роль экологической среды в формировании здорового образа жизни детей разного возраста и пола.......................................................................................76-82*


***МАТЕМАТИКА***
***МАТЕМАТИКА***

***ТАҒАЙНАЗАРОВ С, ИЗАТУЛЛОЕВ Д, САИДОВА Р., АБДУРАҲИМОВА С.***

*Определение оценок учебной деятельности студентов при изучении математики……………………...……………………………………..………...*83-87

***ЗАБОНШИНОСӢ***
***ЛИНГВИСТИКА***

***ХУДОЙДОДОВА Ф. С.***
*кор бо луғат - яке аз роҳҳои ганӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон аз фанни забони англисӣ...........................................................................................................88-90*

**ФАРҲАНГШИНОСӢ**
**КУЛЬТУРОВЕДЕНИЕ**

***ЛУТФУЛЛОЕВА ПАРВИНА***
*Обычаи и традиции Навруза………………………………………………………..91-95*
***БОЗОР БОРОН***
*Тароватҳои русуми Наврӯзӣ……………………………………….……….……95-98*
***САЛОҲИДДИНОВА ГУЛНОРА***
*Наврӯз ва суннатҳои он дар рӯзгори форсизабонон……………………….…………..99-103*

***МЕТОДИКА***
***МЕТОДИКА***

***Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ***
*Шеваи таълими «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ дар мактаб……………………..104-112*

***НИЁЗОВА ЗЕБО***
*Методикаи таълими «Рисолаи Дилкушо»-и Убайди Зоконӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ………………………………………………………………...…….112-117*

***ОЛИМОНИ МО***
***НАШИ УЧЁНЫЕ***

***И. ДАВЛАТШОЕВ***
*Тақриз ба рисолаи илмии С. Сулаймонӣ «Педагогикаи фароғат»………………......118*– 125

## АФЗАЛИЯТҲОИ НИЗОМИ ТАЪЛИМИ БА САЛОҲИЯТНОКӢ НИГАРОНИДАШУДА

***НУГМОНОВ М.,***
***доктори илмҳои педагогӣ, профессор узви вобастаи АТТ***
***АМИНОВ С.,***
***номзади илмҳои филологӣ, узви вобастаи АТТ***
***ТУРОНОВ С., ТОШБОЕВА З.,***
***ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” солҳои охир дар илми педагогика ва дидактикаи хусусӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Салоҳият талаботи (меъёри) пешакӣ муқаррааргардидаи иҷтимоӣ ба омодагии таҳсили хонанда, ки барои фаъолияти пурсамари ӯ дар соҳаи муайян зарур аст, ба ҳисоб меравад. Салоҳият натиҷаи таҳсил буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад.

Салоҳият вобаста ба аҳамият ба салоҳиятҳои асосӣ - умумитаҳсилотӣ, умумифаннӣ ва фаннӣ ҷудо мешавад.

***Салоҳият*** – маҷмӯи донишҳо, малака ва маҳоратҳое, ки дар раванди таълим ташаккул меёбад, инчунин қобилияти иҷрои фаъолиятҳоест, ки бо фан алоқаманд мебошад. Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳуми салоҳият қобилият, малака ва маҳорат маънидод шудааст.

***Салоҳиятнокӣ*** – қобилияти маҷмӯии инсон барои мустақилона истифода кардани унсурҳои мухталифи дониш, малакаю маҳорат ва усули фаъолият дар вазъияти муайян (вазъияти таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ) мебошад.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ, низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Низоми таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб гуфта, дониш дар ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад.

Дар низоми таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълимро муайян мекунад. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳои хонанда баланд бардошта шавад, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина муҳаё гардад.

Бояд қайд кард, ки “салоҳият”-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад, зеро салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат, натиҷаи таълим аст.

Мавриди зикр аст, ки унсурҳои таълими салоҳиятнокӣ, махсусан зинаи дониш (донистан) дар низоми таълими амалкунанда (ба дониш асосёфта) вуҷуд доранд. Ҳарчанд дар низоми таълими ба дониш асосёфта тартиби мантиқӣ, пайдарҳамии мавзӯъҳо дуруст пешниҳод шуда бошанд ҳам, раванд ва натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурд ва дар доираи вақти маҳдуд инъикос меёбанд. Аммо дар низоми ба

таълими салоҳиятнокӣ нигаронидашуда натиҷаи ниҳоӣ дар шакли пурра нишон дода мешавад, ки он ҳам натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорати хонандагон аст.

**Методикаи тадриси ба салоҳияти хонандагон нигаронидашуда**

Методикаи тадрис бар асоси таълими ба салоҳияти хонандагон нигаронидашуда дар асоси таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст, сурат мегирад.

Зимни ин таълим, яъне таълими хонандамеҳвар хусусиятҳои фардии хонандагон ба эътибор гирифта мешаванд. Мақсади асосии таълими зикршуда ташаккули механизми дар амал татбиқ кардани дониш, малака ва маҳорати худ, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав ва ношинос, худмуҳофизатӣ, худтарбиятдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое мебошад, ки барои ташаккули шахсият зарур.

Таълими мазкур дар асоси якчанд принсипҳо ба роҳ монда мешавад. Принсипҳои мазкурро ҳангоми банақшагирии раванди таълим ба эътибор гирифта, омӯзгорон метавонанд барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон замина гузоранд.

Дар ин росто, хонандагон ҳамчун зарфи холӣ шинохта намешаванд. Онҳо қобилияти фаҳмида гирифтан ва сарфаҳм рафтанро тадриҷан соҳиб мегарданд. Ҳар як хонанда оид ба ин ё он масъала таҷриба/дониши зарурӣ мегирад. Принсипи мазкур тавассути назарияи минтақаи наздиктарини рушд, ки аз ҷониби Л.С.Виготский таҳқиқ ва пешниҳод шудааст, амалӣ мегардад. Дар ин маврид диққати асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим (чӣ тавр меомӯзем?) равона мегардад. Ин принсип дар низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибати асосӣ ба таълим маҳсуб меёбад. Барои амалӣ намудани принсипи мазкур дар ҳар лаҳзаи дарс барои хонандагон имконияти таҳлилу баррасӣ ва арзёбии ҷараёни азхудкунии малака дода мешавад.

Вазифаи омӯзгор фароҳам овардани имконият ва фазои мусоид барои азхудкунии малака, ташаккули стратегия ва механизмҳои гуногун инкишофи қобилиятҳои фардии хонанда мебошад.

**Равишҳои рушди салоҳиятҳо.**

Тавре ки ишора шуд, салоҳият таълим дода намешавад, балки рушд меёбад. Низоми таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда раванди ташаккули салоҳиятҳо, вақт ва муносибати мураккабро талаб карда, тақсимоти фаннӣ дар ин низом хусусияти нисбӣ дорад. Салоҳиятҳо новобаста аз доираи фанни муайян ташаккул дода мешаванд. Ин ҷо дониши муайян аз сарчашмаҳои муътамади санҷидашуда, илман асоснокгардида тавассути омӯзгор ё китоби дарсӣ бо назардошти қобилият, маҳорати касбӣ ва фаъолияти навоварона ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Ҷиҳати рушди салоҳиятҳо омӯзгоронро зарур аст, ки тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд:

–омӯзгорон бояд технологияи педагогии муосири таълимро омӯзанд ва донанд;

–восита ва таҷҳизоти техникиро мунтазам дар дарсҳо истифода баранд;

–ба хонандагон имконияти мустақилона ё бо роҳнамоии омӯзгор машқ кардани малакаашонро пешниҳод намоянд, то ки хонандагон дониши муайянро аз худ карда, онро бозгӯйӣ ё амалан иҷро карда тавонанд;

–омӯзгорон тамоилҳои имконпазири инкишофи ояндаи кӯдакро дар ҷараёни таълим ба эътибор гирифта, имкон диҳанд, ки хонанда малакаҳои нав фаро гирифтаашро ба таҷриба ва малакаҳои қаблан ҳосил кардааш илова намояд;

–ҳангоми таҳияи нақшаи дарс ва супоришу иҷрои машқҳои гуногун майл, завқ ва қобилияти хонандаро ба эътибор гирифта, дар раванди дарс рафтори шогирдонро бодиққат мушоҳида кунанд ва ба инкишофи зеҳни шифоҳӣ-забонӣ, зеҳни мантиқӣ-риёзӣ, зеҳни биноӣ-фазоӣ, зеҳни ҳаракат (моторӣ), зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ, зеҳни байнишахсӣ, зеҳни дохилишахсӣ ва зеҳни табиии хонандагон мусоидат намоянд;

–натиҷаи таълимро тавассути андоза ва сифати бозгӯйӣ ё то кадом андоза ба намунаи додашуда дуруст иҷро кардани мисолу масъалаҳо баҳо диҳанд;

–ба хонанда шароите фароҳам оранд, ки дар ҷараёни омӯзишу азхудкунӣ ва машқи малака натиҷаи корашро баҳо дода, таҳлил карда тавонад. Ғалатҳои худро муайян карда, сабаби содир шуданашро мустақилона, бо ёрии ҳамсинфон ё омӯзгор ошкор намояд ва корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил диҳад.

Соли дуюм аст, ки бо қарордоди № MOE/GPE-4/SSS/2013/02 байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар доираи қисмати 2-и лоиҳаи чоруми «Фонди ҳамкориҳои глобалӣ дар соҳаи маориф» (ГПО-4) гурӯҳҳои кор дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ Сайман Ҷенкиз, Сокол Александр ва Антуан Боден лоиҳаи стандарт ва барномаҳои таълим аз фанҳои забони модарӣ, забони русӣ, забони англисӣ, математика, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ, табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ барои синфҳои 1- 4 ва стандартҳои забони тоҷикӣ, математика барои синфҳои 5-11 таҳия намуда, айни ҳол стандарту барномаи таълим ва маводи ёрирасон аз фанни забони тоҷикӣ ва математика барои синфҳои 1-4-ро мавриди озмоиш қарор доданд.

Инак барои тасдиқи гуфтаи боло хулосаву назарияи таҳиякунандагони стандарту барномаи таълим ва маводи иловагии ёрирасон аз фанҳои забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-9 ва математикаи синфҳои 5-11-ро манзури шумо менамоем.

Масалан, таҳиякунандагони стандарту барномаи таълим аз фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-9 ҷиҳати муайян намудани салоҳиятҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 5-9 корҳои хаттии хонандагонро таҳқиқ намуда, самтҳои салоҳиятҳоро чунин муайян намуданд.

Салоҳиятнокӣ дар стандарт, барномаи таълим ва китобҳои дарсии фанни забони тоҷикӣ ду самти асосиро фаро мегирад: коммуникативӣ ва забонӣ. Ташаккули салоҳиятҳои мазкур дар омӯзиши забони тоҷикӣ муҳлати дуру дарозро фаро гирифта, 5 марҳиларо (аз марҳилаи 0 то марҳилаи 4) дар бар мегирад. Хонанда пас аз марҳилаи 4 дорои салоҳияти муайян мегардад.

Салоҳиятҳои коммуникативӣ ва забонӣ дорои 4 салоҳиятҳои асосӣ ва зерсалоҳиятҳо буда, пай дар пай ва марҳила ба марҳила ташаккул меёбанд.

Дар фанҳои филологӣ аз ҷумла, фанни забони тоҷикӣ, салоҳияти забонӣ – дорои:

-Салоҳияти интиқоли нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ;

-Салоҳияти баёни (нақли) нутқи хаттӣ дар шакли шифоҳӣ;

-Салоҳияти интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳо ва ибораҳо;

-Салоҳияти интихоби аломатҳои китобат барои ба даст овардани мақсади коммуникативӣ;

Ва дар салоҳияти коммуникативӣ – дорои:

-Дарки матн (шифоҳӣ ва хаттӣ);

-Салоҳияти баҳодиҳӣ ба матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ;

-Салоҳияти тағйир додан (таҳрири) матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ;

-Салоҳияти таҳияи матн (шифоҳӣ ва хаттӣ) мебошад.

Соатҳои таълим дар синфҳои 5-6 бар асоси нишондоди нақшаи таълимии амалкунанда (102 - соатӣ дар ҳар як синф) пешбинӣ шудааст.

Татбиқи салоҳиятҳо дар таълими забони тоҷикӣ бо омӯзиши проблемавӣ ба роҳ монда шуда, мавзӯъҳои барномавӣ тибқи он муайян шудаанд.

Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ тавассути жанри матнҳо: нутқи гуфтугӯӣ, расмӣ-коргузорӣ, илмӣ ва рӯзноманигорӣ амалӣ мегардад. Инкишофи ёздаҳ зерсалоҳиятҳои коммуникативӣ ҳангоми кор бо жанрҳои гуногуни матнҳо аз рӯйи мураккабсозии салоҳиятҳои асосӣ сурат гирифта, барои умумигардонии зерсалоҳиятҳо мушаххасоти асосии матнҳо муайян карда шудаанд, ки барои ин ё он зерсалоҳият асосӣ мебошад. Дар ин росто, омӯзгор метавонад, ки ин ё он салоҳиятҳоро ба воситаи дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳия ба нақша гирад.

Барои рушди салоҳияти забонӣ ҳафтае як соат ва барои салоҳияти коммуникативӣ ду соат ҷудо карда мешавад. Мавзӯъҳо барои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ соатҳои зиёдеро дар бар мегиранд.

Ҳангоми ташаккули салоҳиятнокӣ дар таълими забони тоҷикӣ тавассути омӯзиши проблемавӣ варақаҳо ба хонандагон пешкаш мегардад. Илова бар ин, барои рушди салоҳияти коммуникативӣ жанрҳои матн ҷамъоварӣ ва коркардшуда, барои омӯзиш пешниҳод мегардад.

Гурӯҳи кор аз фанни математика бар он андешаанд, ки салоҳиятнокӣ худ таълим буда, омӯзиши математика дар рушди маърифати инсон мақоми хос дорад. Математика забони илм ва техника буда, ба ҳаёти ҳамарӯзаи инсон бемайлон дохил мешавад ва дар соҳаҳои гуногуни дар назари аввал аз математика дур татбиқ меёбад. Ин мақом бо инкишофи мошинҳои электронии ҳисоббарор ва компютергардонии ҷомеа мукаммал гардида, аз ҳар фарди дониши мушаххас ва тафаккури махсуси математикиро талаб мекунад.

Мусаллам аст, ки бе донишҳои махсуси математикӣ фаҳмиши сохт ва истифодаи техникаи муосир, донишҳои мукаммали илмӣ, фаҳмиш ва шарҳи ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ғайриимкон буда, фаъолияти амалии ҳамарӯзаи инсон бенатиҷа хоҳад монд.

Моҳияти математика дар фаъолияти амалии инсон бо табиат ва ҷамъият инъикос шуда, дар як вақт ин муносибатро ба қобилияти шахсии инсон инкишофи фикрии он табдил медиҳад. Ва ҳамин аст гуманизми математика.

Таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тафаккури мантиқии хонандагонро рушд дода, фаҳмиши пурраи онҳоро вусъат мебахшад. Ба дарк кардани шаклҳои геометрӣ ёрӣ расонда, табиати зебопарастии онҳоро ғанӣ мегардонад.

Барои ташаккули салоҳиятнокии шогирдон зарур аст, ки маҷмӯи мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои математикиро низ бояд омӯхт. Зеро аз худ кардани донишҳои

математикӣ чун қисми таркибии таҷрибаи иҷтимоӣ шарти зарурии инкишофи инсон аст.

Аз ин рӯ, аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки дар ҷараёни таълими математика хонандагонро ба азбаркунии донишҳои математикӣ раҳнамоӣ кунанд. Дар ин самт бояд аз нав ҳосил кардани донишҳое ба вуқӯъ ояд, ки дар раванди фаъолияти амалии инсон гирд омада ва санҷида шуда бошанд. Тахассусҳое ҳастанд, ки эҳтиёҷашон ба маълумоти математикӣ хеле зиёданд (физика, химия, техника, информатика, биология, психология, иқтисодиёт, тиҷорат, молия ва бисёр соҳаҳои дигар), бинобар ин, доираи хонандагоне, ки барояшон дурнамои математика воситаи интихоби касб мегардад, васеъ мешавад. Ва ин салоҳияти касбинтихобкунии хонандагонро рушд мебахшад.

Бо ин мақсад таълими математика дар синфи 5-ро, ки ба салоҳиятнокии хонандагон нигаронида шудааст, мисол меорем.

Математикаи синфи 5 яке фанҳои асосии мактаби миёна ба шумор рафта, ба омӯзиши дигар фанҳои мактабӣ мусоидат мекунад. Масалан, инкишофи тафаккури мантиқии талабагон барои аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ шароит фароҳам меорад.

Барои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон омӯзгоронро зарур аст, ки моҳият ва пайдоиши абстраксияҳои математикӣ, муносибати байни воқеият ва тахайюлот, характери инъикоси ҳодиса ва равандҳо ба онҳо омӯзонанд. Ин тарзи омӯзиш фикрронӣ устуворӣ, мақсаднокӣ, фаъолияти эҷодкорӣ, мустақилӣ, масъулият, меҳнатдустӣ, интизом ва тафаккури танқидии хонандагонро ташаккул медиҳад, ки аз гунаи салоҳиятҳо маҳсуб меёбад.

Дар ҷараёни фаъолияти математикӣ (аз ҷумла, фаъолияти математикии хонандагони синфи 5) ба хазинаи усул ва методҳои тафаккури онҳо бо тарзи табиӣ, индуксия ва дедуксия, ҷамъбаст ва мушаххасгардонӣ, анализ ва синтез, тасниф ва системабандӣ, абстраксия ва аналогия дохил мегарданд.

Дар қатори забони табиӣ дар ҳамбастагӣ истифода бурдани забони математика бо дигар забонҳо имкон медиҳанд, ки дар хонандагон фаҳмиши амиқ, сарфакорӣ, нутқи иттилоотӣ инкишоф ёфта, маҳорати бо воситаҳои забонӣ (рамзӣ, графикӣ ва ғ.) муҳокимарондани онҳо ташаккул меёбад.

Таълими математика дар синфи 5-ум маърифати политехникии хонандагонро рушд медиҳад. Шиносоӣ бо таърихи бою рангини математика ва намояндагони машҳури бунёдии ин фан, таърихи ихтирооти бузург хазинаи маънавии илмию таърихии мактабиёнро ғанӣ мегардонад.

Хулоса, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар синфи 5 омӯзгоронро лозим аст, ки тадбирҳои зеринро амалӣ гардонанд:

– ташаккули тасаввурот оид ба ададҳои натуралӣ ва касрӣ, малакаҳои устувори ҳисоб бо ададҳои натуралӣ ва касрӣ, таълими татбиқи ададҳои натуралӣ ва касрӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ;

– фарогирии таҷрибаҳои аввалини амалиёти геометрӣ ва алгебравӣ, ки ба фигураҳои геометрӣ, тасвири онҳо, ченкунии бузургиҳои геометрӣ ва муодилаю нобаробарӣ вобастаанд;

– ташаккул додани малакаҳои ибтидоии шарҳи амалиёти фардӣ ва инкишофи малакаҳои шифоӣ, таълими истифодаи амалҳои арифметикӣ ҳангоми омӯзиши амалҳо бо касрҳо;

–мусоидат ба инкишофи шахсияти кӯдак, инкишофи тафаккур, ташаккули фаъолии зеҳнӣ ва иртиботии хонандагон;

–ёрӣ ба ташаккули тасаввурот оид ба математика ҳамчун илм, ба ҷамъбасти ҳодисаҳои воқеӣ ва дарки муҳити воқеӣ ҳангоми амалҳо бо корҳои одӣ ва даҳӣ;

–ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки барои талабагон дар ҳаёт ва давом додани таҳсил дар мактаби асосӣ заруранд;

–ёфтани ҳиссаҳои ададҳо, муайян кардани фоизи адад ва ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ доир ба фоиз;

–инкишофи малакаҳои аввалин доир ба шаклу фигураҳои геометрии содатарин ва ченкуниҳои одитарини бузургиҳо;

–ҳосил кардани тасаввуроти содатарин доир ба ҳалли муодила, нобаробарӣ ва алоқамандии бузургиҳо.

Хулоса, бо амалӣ намудани масъалаҳои фавқ тасаввуроти хонандагон оид ба ададҳои натуралӣ ва касрӣ васеъ гардида, ададҳои зикршуда татбиқ мешавад. Дар ин замина ченкунии бузургиҳои геометрӣ ва муодилаю нобаробариҳои ба он вобаста иҷро шуда, дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳаётии талабагон, ки барои давом додани таҳсил дар мактаби асосӣ заруранд, ташаккул меёбанд.

**КИТОБНОМА:**

1.Стандарт ва барномаи таълимӣ барои синфҳои 5-6 аз фанҳои забони тоҷикӣ ва математика

2.Нугмонов М. Введение в методику обучения математике. – М.,1999г.-159с.

3.Нугмонов М. Пайдарҳамии таълими математика дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. -Душанбе : АИП. 2006.-156с.

## ПРЕИМУЩЕСТВО КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В ОБУЧЕНИИ

***НУГМОНОВ М., АМИНОВ С.,***
***ТУРОНОВ С., ТОШБОЕВА З.Р.***

В настоящее время в условиях развития всех отраслей современного общества и государства, в котором значимым ресурсом становится высококвалифицированный человеческий капитал, в Таджикистане идет реформа новой системы образования. Главным результатом реформы образования в Таджикистане направлена на готовность выпускников общеобразовательных школу, нести личную ответственность за собственное благополучие, за благополучие своей страны и всего общество.

Данную статью авторы посвящают вопросам компетенции и компетентностого подхода в общеобразовательных учреждениях республики. Выделены и раскрыты две внутренние базовых понятия: «компетенция» и «компетентность». Кратко описаны методика обучения и развития компетентности учащихся в изучении учебных предметов. Излагаются некоторые результаты рабочих групп по разработке основных документов по дисциплинам таджикского языка и математики, которые были разработаны с международными консультантами.

*Ключевые слова:* компетенция, компетентностный подход, реформа образования, обучение, задача.

## ADVANTAGE OF THE COMPETENCE APPROACH IN TEACHING

***NUGMONOV N., AMINOV S., TURONOV S., TOSHBOEVA Z.***

Currently under development of all sectors of modern society and the state, in which a significant resource becomes qualified human capital, in Tajikistan it is going the new reform of the educational system. The main result of the education reform in Tajikistan aims to readiness of graduates of secondary schools, to bear personal responsibility for their own welfare, for the welfare of their country and the whole society.

In this article the authors devote issues of competence and competent approach in secondary schools of the republic. Isolated and disclosed two meaning of the word: "competence". Briefly describes a training of competence development of students in the study subjects. We present some of the results of the working groups on the development of key documents in the disciplines of the Tajik language and mathematics that have been developed with international consultants.

**Keywords:** competence, competence approach, reform of the educational system, education, task.

## МОҲИЯТИ РУШДИ БАРВАҚТИИ КӮДАК АЗ НИГОҲИ ИЛМИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ

***КОТИБОВА Ш.***
***мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,***

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯ овардан ба муносибатҳои нави иқтисодии бозорӣ на танҳо барои рушди иқтисодиёт заминаи хубе фароҳам овард, балки барои инкишоф ва ислоҳоти соҳаи маориф низ мусоидат намуд. Дар ин замина як қатор дигаргуниҳо дар низоми маориф ба вуҷуд омада, заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфт ва барои беҳтар гардидани шароит дар соҳаи маориф фазои мусоид фароҳам омад.

Тағйироти воқеӣ дар зинаи аввали таҳсилот – тарбия ва таълими томактабӣ низ назаррас аст, ки ба эҳёи маънавиёт, ташаккули фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани нақши созандагии маориф дар ҷомеа равона гаштааст. Дар иртибот ба ин вазифаи аҳли ҷомеа, оила ва муассисаи томактабӣ аз тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, ки дорои афкори миллӣ ва рафтори ҳамидаи инсонӣ буда, дар асоси беҳтарин анъанаҳои халқ тарбия ёбад, иборат мебошад.

Дар инкишофи барвақти кӯдак, инкишофи зеҳнӣ ва ташаккули инкишофи шахсияти кӯдак маҳз тарбия ва таълим нақши асосӣ мебозанд. Бо мадади волидону мураббиён кӯдак таҷрибаи иҷтимоӣ, маданияти моддию маънавии инсонӣ, сифатҳои ахлоқию инсониро аз худ намуда, шахсияташ тарбия карда мешавад.

Вазифаи волидон ва мураббиён дар асоси баҳисобгирии қонуниятҳои инкишоф ва вазифаҳои таълиму тарбия дар ҳар як соли ҳаёт таъмин намудани инкишофи дурусти ҷисмонӣ, ақлию зеҳнӣ, ташкили бозӣ, меҳнат, машғулиятҳои таълимию ҳаёти маишии кӯдак мебошад.

Ин ба мураббиён имкон медиҳад, ки кӯдаконро аз ҷиҳати ҷисмонӣ, меҳнатӣ, маънавӣ ва зебоипарастӣ дуруст тарбия намуда, рушду инкишофи барвақтии онҳоро мувофиқи синну сол ва хусусиятҳои ҷудогонаи равонию физиологӣ пешбинӣ кунанд. Ин масъалаҳо дар раванди фаъолияти бозӣ, меҳ*нат,* таълим, фаъолияти бадеӣ ҳалли худро ёфта, имконияти ҳаматарафаи инкишоф, тарбия ва таълимро фароҳам меоранд.

Муҳити солими тарбия доираи ҳамсолон мебошад, ки ба кӯдак имконияти муошират намудан бо ҳамдигар, бозӣ ва машғулиятҳои гурӯҳиро фароҳам меорад. Ба туфайли ин дар кӯдакон ҳиссиёти иҷтимоӣ, муносибати байниҳамдигарӣ бомуваффақият ташаккул ёфта, барои инкишофи хусусиятҳои фардӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Мазмуни кор барои рушди барвақтии кӯдак оид ба тарбияи ҷисмониро мустаҳкамкунии саломатӣ, инкишофи дурусти ҷисмонӣ ва обутобдиҳӣ, баландбардории қобилиятнокии бадан ва инчунин ба роҳ мондани чорабиниҳо оиди пешгирии мондавашии кӯдакон ташкил медиҳад. Машқҳои варзишӣ, намудҳои гуногуни бозиҳоро бо кӯдакон ташкил намуда, ба он муваффақ шудан зарур аст, ки шавқ ва майлу рағбати кӯдакон қонеъ гардад, намудҳои асосии ҳаракатҳо такмил дода шуда, дар кӯдакон майлу хоҳиши иҷрои машқҳои мухталиф, ба монанди давидан, часпида баромадан, ҷаҳидан, хазидан, ҳаво додан, дошта гирифтан ва ғайра бедор карда шаванд. Бозӣ тарзе ташкил ва гузаронида шавад, ки дар кӯдакон рӯҳияи баланди эмотсионалӣ, ғайрату кӯшиш, зиндадилию хушҳолиро бедор намояд.

Мунтазам омӯхтани маҳорат ва малакаҳои ҳаракат, тарбияи сифатҳои ҷисмонӣ (чусту чолокӣ, серҳаракатӣ, пуртоқатӣ), инкишофи мутобиқати ҳаракат, ташаккули қобилияти баҳодиҳӣ ба сифати иҷрои ҳаракат, риояи қоидаи бозиҳои серҳаракат равона месозад.

Ба мазмуни муосири педагогии кор оид ба тарбияи ҷисмонӣ машқҳои асосӣ, машқҳои умумиинкишофдиҳанда, сафкашӣ, машқҳои рақсӣ, бозиҳои серҳаракат ва варзишӣ дохил ҳастанд.

Тарбияи дурусти ҷисмонӣ дар ҳамаи гурӯҳҳо аз назорати доимии тиббӣ низ вобаста аст. Ташил намудани рӯзи тандурустӣ ки дар ин рӯз танҳо чорабиниҳои васеи варзишию тандурустӣ пешбинӣ мегардад, аз аҳамият орӣ нест.

Ба тарбияи фикрии кӯдакон ташаккули тасаввуроти амиқу дуруст оид ба ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, такмилдиҳии равандҳои сенсорӣ, инкишофи диққат, хаёл, тафаккур ва нутқ мансуб аст.

Тарбияи фикрии кӯдакон бо роҳи таълим додан дар машғулиятҳо, дар бозӣ ва дар ҳаёти ҳаррӯза ба роҳ монда мешавад. Мавриди сайругашт ва мушоҳидаи ҳамарӯза, дар меҳнат ва бозӣ кӯдакон тасаввуроти бою рангин оиди ҳаёти атроф мегиранд. Фаъолияти фикрии кӯдак дар натиҷаи муошират бо калонсолон, бозӣ бо ҳамсолон ва инчунин дар раванди омӯзиши мунтазам ба амал меояд.

Кӯдакистон дар тарбияи фикрии кӯдакон нақши асосиро мебозад. Тарбияи фикрии кӯдакон дар кӯдакистон дар раванди машғулиятҳо дуруст ба роҳ монда мешавад. Машғулият шакли асосии таълим дар кӯдакистон дониста шуда, дар онҳо бозиҳои дидактикӣ ва усули омӯзиш васеъ истифода мегардад. Дар машғулиятҳо барои аз тарафи кӯдакон азхудкунии донишҳои нисбатан мураккаб ва инчунин ҳосил

кардани маҳорату малака барои ташаккули қобилиятҳои гуногун шароити муътадил ба вуҷуд оварда мешавад. Тарбияи фикрӣ бар замми азхуд намудани дониш ва тарзҳои фаъолияти фикрии кӯдакон ташаккули сифатҳои муайяни шахсиятро низ дар бар мегирад.

Дар шароити имрӯза вазифаи асосии тарбияи фикрӣ аз инкишофи шахсияти ҳаматарафаи кӯдак, мустақилияти тафаккур, равнақи фаъолияти фикрӣ, зоҳир намудани муносибати эҷодӣ дар ҳамаи шаклҳои фаъолият ва ташаккули лаёқати кӯдакон иборат аст.

Калонсол дар маводи барои кӯдак дастрас маҳорату малакаи фикррониашро ташаккул дода, мушоҳида, муқоиса, ҷудо намудан ва хулосабарориро дар мисоли ҳодисаю воқеаҳои атроф, фаҳмидани сабабҳои ба вуҷуд омадани алоқаро дар байни ашё ва ҳодисаҳоро меомӯзонад.

Вазифаи тарбияи фикрии кӯдакони ин синну сол на танҳо аз васеъ намудани ҳаҷми донишҳои азхуднамуда, балки инкишофи шавқу ҳавас ба дониш гирифтан ва ташаккули қобилияти фикррониро низ дар бар мегирад.

Барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон азхудкунии забони модарӣ, ташаккули нутқ аҳамияти калон дорад. Инкишофи нутқ дар ҳама намуди фаъолиятҳо, дар машғулиятҳо, дар муоширати ҳаррӯза бо калонсолон ва ҳамсолон, мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф, бо табиат, омодагӣ ба саводомузӣ, математика, расмкашӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Шиносоӣ бо муҳити зист инкишофи шавқу завқи кӯдакон нисбат ба ҳаёт ва фаъолияти одамон, ҳодисоти табиат аз давраи хурдсолӣ оғоз меёбад. Дар ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдакон бояд қобилияти ба ашё ва ҳодисоти табиат диққат додан, муқоиса ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани ашё фарқи хусусиятҳои муайяни онҳо ташаккул ёбад.

Дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ташаккули муҳаббат ба диёри азиз, ба ҷумҳурӣ мавқеи калонро ишғол менамояд. Вазифаи тарбияи ахлоқӣ он маврид ҳалли худро меёбад, ки агар давраи кӯдакӣ бо фаъолиятҳои гуногун ва шавқовар бою рангоранг буда, мазмуни ахлоқии ҳодисаҳои муҳити атроф бо ҳаёти кӯдакон дар мувофиқат буда, ба онҳо ҳамарӯза машқ намуданро дар рафторҳои ахлоқӣ имконият диҳанд.

Тарбияи маънавӣ яке аз қисмҳои муҳими тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба ҳисоб меравад. Вай дар ҳамаи намудҳои фаъолияти кӯдакон аз рӯйи қисматҳои барнома гузаронида мешавад. Кӯдакон бояд аз хурдӣ ҳисси ҳурмату эҳтиром ба калонсолон, малакаҳои ахлоқи ҳамида, сифатҳои маънавӣ, ҳисси масъулият ба супоришҳои додашуда, маҳорати аҳлона бозӣ кардан ва меҳнат намудан, баҳои ҳақиқӣ додан ба рафтору кирдори худ ва хамсолонро доро бошанд.

Ташаккули хислатҳои нек дар бозӣ, яъне бо ҳамсолон хайрхоҳона муносибат кардани кӯдак, бозичаҳоро додан ва ё бахшидан, ба якдигар ёрӣ расондан; дар кӯдакони синни хурд ва миёна инкишофи муносибати эҳтиёткоронаю сарфакорона нисбат ба бозичаю маводи бозӣ; дар кӯдакони синни калон ҳамкорӣ ва ёрии байни якдигар, масъалаҳои баҳсноки дар вақти бозӣ пайдошударо одилона ва мустақилона ҳал карда тавонистан; дар кӯдакон бомасъулият муносибат кардан бо ашёи бозӣ, эҳтиёту саришта кардани онҳо ва риоя намудани тартибот дар вақти бозӣ, ки аз талаботи одоби маънавӣ мебошанд, пешбинӣ шудааст.

Дар назди калонсолон вазифаи мустаҳкам кардани малакаҳои маданияти рафтор, одатҳои ахлоқӣ, ки бояд дар охири синни томактабӣ хислати қавӣ ва бошуурона дошта бошанд, гузошта мешавад. Масъулият дар иҷрои супоришу

вазифаҳо ташаккул дода, сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ, тартибу интизом, ботаҳаммул, хоксор будан, ба фаъолияти фоидабахш машғул буданро бояд тарбия кард.

Фаъолияти мустақилона аксар дар бозӣ сурат мегирад ва кӯдакон мувофиқи хоҳиши худ муттаҳид мешаванд, мустақилона амал менамоянд ва барои амалӣ гардонидани мақсади худ мекӯшанд. Ин фаъолият ба инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ, сифатҳои маънавӣ (якдигарфахмӣ, рафоқат, хайрхоҳӣ ва ғайра) таъсири амиқ расонида, қобилияти эҷодии кӯдакро ривоҷ медиҳад.

Масъалаи такмилу инкишоф ва дар амал ҷорӣ намудани бозиҳои гуногун бо назардошти синну соли кӯдак дар барномаи таълимӣ муайян карда шудааст, зеро ҳар як намуди бозӣ барои тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдакон муҳим аст. Дар гурӯҳ бозиҳо ҳар қадар гуногун бошанд, ҳаёти кӯдакон ҳамон қадар шавқовар мегузарад ва барои иҷрои вазифаҳои барномавӣ ва инкишофи шахсияти атфол бештар имконият фароҳам меояд. Маҳз аз ҳамин сабаб зарур аст, ки бачаҳо ҳар чӣ бисёртар ба бозиҳои гуногун машғул шаванд ва мураббӣ бояд бо онҳо бозиҳои гуногуни қоидадорро гузаронад.

Вазифаи асосӣ дар тарбияи экологӣ – тарбияи инсони комил, мукаммал намудан бо донишҳо, талқини дилсӯзӣ, дӯст доштан ва нигоҳубини мавҷудоти Замин идора кардани боигариҳо ва афзун намудани онҳо мебошад.

Аз ин рӯ, моҳияти таъсири инсон ба табиатро фаҳмидан, қобилияти ороишдиҳии гӯшаи табиат, гурӯҳ ва майдончаро ташаккул додан, сифатҳои фарқкунандаи олами зинда ва ғайризиндаро дида тавонистан: ҳаракат, инкишоф, паҳншавӣ, мутобиқшавӣ (неш задан, сабзидан, поя пайдо кардан, шоху барг ҷудо намудани, гул кардан, ҳосил додан ва монанди инҳо). Ташаккули тамоюли умумигуманистии шахсияти кӯдак тавассути муносибати дуруст ба табиат, яъне омодагии нигоҳубин ва кӯмак расонидан ба растанӣ ва ҳайвонҳо, аз талаботи муҳими тарбияи барвақтии онҳо ба шумор меравад.

Дар тарбияи кӯдакон меҳнат аҳамияти калон дорад. Меҳнат яке аз воситаҳои муҳими тарбия, шакли ташкили фаъолияти кӯдакон мебошад. Дар фаъолиятн меҳнатӣ мунтазам иштирок намудан, вазъияти кӯдаконро дар муҳити ҳамсолон ва муносибати онҳоро бо атрофиён, аз ҷумла калонсолон тағйир медиҳад. Дар ҷараёни меҳнат малакаю маҳорати кӯдакон такмил ва мушоҳидакориашон инкишоф меёбад, доираи шавқу рағбати онҳо васеъ мешавад, сифатҳои ахлоқӣ, меҳнатдустӣ, шаклҳои ибтидоии масъулиятшиносӣ, ҳисси вазифашиносии онҳо ташаккул меёбад.

Дар кӯдакон бояд тасаввурот дар бораи мазмун ва аҳамияти меҳнати калонсолон, муносибати онҳо ба меҳнат, дар бораи меҳнатдӯстӣ ҳамчун сифати ахлоқии шахсият ташаккул дода шавад.

Тарбияи меҳнатӣ дар инкишофи кӯдак, дар ташаккули шахсияти ӯ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар мушоҳидакорӣ доираи ҷахонбинии кӯдак васеъ гашта, ҳисси ҷавобгарӣ, меҳнатдустӣ падидор мегардад. Бинобар ин, фаъолияти мунтазами кӯдаконро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки он қувваи ҷисмонӣ ва фаъолияти фикрии онҳоро тезонад, хурсандиҳо оварад.

**Тарбияи хештаншиносӣ** ва **башардӯстӣ** ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар бораи оилаи худ, ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми падару модар, бародарону хоҳарон, хешу табор, наздикон, ҳамчунии ҳамсояҳо маълумот дошта бошанд. Баробари ин, шиносоӣ бо ин қисмат ҳисси худшиносии кӯдаконро баланд бардошта, онҳоро водор менамояд, ки **худро** узви ҳақиқии ҷомеа ҳисобанд, муносибату рафторашонро вобаста ба талабҳои он муайян намоянд ва шахсияташонро ташаккул диҳанд.

Тарбияи зебоипарастӣ ба инкишофи қобилияти дарккунии кӯдакон, фаҳмидан ва эҳсоси зебоиҳои асарҳои санъат ва олами атроф равона гардидааст. Тарбияи зебопарастӣ олами ботинии онҳоро бою рангин гардонида, меҳрубонию ҳамдардиро ба олами атроф бедор менамояд. Тарбияи зебоипарастӣ бояд бо тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонӣ зич алоқаманд бошад.

Барои рушди барвақтии кӯдак аз нигоҳи илми педагогикаи муосир омӯзгорони соҳа ба тариқи зайл вазифадор карда мешаванд:

- тарбия намудани кӯдак чун шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва инсони комил;
- баланд бардоштани сатҳи инкишофи ақлию-зеҳнии кӯдак; ташаккул додани тасаввурот оид ба муҳити гирду атроф ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ;
- таъмин намудани тайёрии амалӣ ва иродавӣ-ахлоқии кӯдак ба раванди таълиму тарбия;
- омода намудани кӯдак ба иҷрои қоида ва меъёрҳои одобу рафтор дар хонавода, кӯдакистон ва ҷомеа;
- парвариш намудани сифатҳои мусбати ахлоқӣ ва таҳаммулгароӣ;
- инкишоф додани маҳорату малакаи эҷодкорӣ ва ҳисси зебоипарастӣ ва ғайра.

Самаранокии тамоми вазифаҳои гузошташуда оид ба тарбияву таълими кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ аз маҳорату дониши мураббия ва ба эътиборгирии хусусиятҳои синнусоливу инфиродии тарбиятгирандагон вобаста аст.

**КИТОБНОМА:**

1.Иматова Л., Маҷидова Б., Мирхонова Н. «Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ)».–Душанбе, 2012.

2.Иматова Л., Маҷидова Б., Мирхонова Н. Барномаи таълимии «Омодагии пешазмактабии кӯдакони 5-7(6) сола». – Душанбе, 2012.

3.М. Лутфуллоев. Осор. Ҷили 4. – Душанбе, 2013.

4.Маҷидова Ҳ. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1,2. –Душанбе, 2011.

## СУЩНОСТЬ РАННЕГО РАЗВИТИЯ ДЕТЕЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКИ

***КОТИБОВА Ш.***

В статье говорится о педагогическом процессе формировании ранней развитии детей дошкольного возраста в детских дошкольных учреждениях.

Общий вопрос методики «Как развивать детей?» в области дошкольного образования решается путем определения, как именно развивать детей. Решение проблемы раннего развития детей требует принципиального осмысления важнейших элементов воспитания (содержания, форм, методов) с целью их индивидуализации и активизации.

**Ключивые слова:** воспитание, формирование, раннее развитие детей, дети дошкольного возраста.

## ESSENCE EARLIER DEVELOPMENT OF CHILDREN FROM A POINT SIGHT OF MODERN PEDAGOGICS

*KOTIBOVA SH.*

This article is about pedagogical process of forming early development of children of preschool age in preschool institutions.

The general question of a method «How to develop the children?» in the field of preschool education dares by definition development's children. The solution of a problem early development of children demands basic judgement of the major elements of education (the maintenance, forms and methods) for the purpose of their individualization and activization.

**Keywords:** education, formation, early developments of children, children of preschool age.

## АҲАМИЯТИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА ДАР МАКОТИБИ КАМНУФУС

***С. АМОНӢ***
***мудири шуъбаи филология, забони давлатӣ***
***ва кор бо ақаллиятҳои миллӣ***

Вижагии асосии омӯзиш дар макотиби камнуфус ин аст, ки омӯзгор то фаъолияти мустақилонаро роҳандозӣ накунад, наметавонад бо чанд синф дар як вақт кор кунад, Аз ин рӯ, кори мустақилона дар макотиби камнуфус бештар аз 50 дарсади вақти дарсро фаро мегирад. Ин нишондиҳанда дар мактаби муқаррарӣ ба 20 дарсад мерасад. Ба кори мустақилона одат кардани кӯдакон аз супоришҳои сода сар шуда, баъдтар дар шаклҳои гуногун, бо назардошти риояи меъёр мураккаб карда мешавад. Ин тарзи кор ба инкишофи тафаккури эҷодии донишомӯзон низ мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни таълим кӯдакон бо китоби дарсӣ ва маводи омӯзишӣ кор карданро ёд мегиранд.

Ҳангоми роҳандозии фаъолияти мустақил тибқи дастур ва талаботе метавон амал кард, ки дар мактабҳои муқаррарӣ роиҷ гардидаанд. Яъне:

1. Кори мустақилона бояд ба талаботи барномаи таълим мувофиқат кунад;
2. Кори мустақилона бояд тафаккури мантиқии донишомӯзро ташаккул ва тақвият бахшад;
3. Кори мустақилона аз ҷониби донишомӯзон бояд қобили иҷро бошад. Дар он сурат он ҳушмандона иҷро карда мешавад.

Анвои кори мустақилона бояд ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун гуногун бошанд. Ҳангоми ташкили кори мустақилона принсипи низомнокӣ бояд риоя карда шавад: ҳар як кори мустақилона бояд мавриди санҷиш ва баҳодиҳиву баҳогузорӣ қарор бигирад. Кори мустақилона на танҳо ҳангоми мустаҳкамкунии дониш, балки дар марҳилаҳои дигари дарс низ бояд ташкил карда шавад.

Ҳангоми омода сохтани донишомӯзон ба кори мустақилона бояд мақсад гузошт, ки онҳо роҳҳои иҷрои кори мустақилонаро ёд гиранд ва ба ин хотир равишҳоро шарҳу эзоҳ дода, ҳатто зарур шавад, намунаҳоро пешниҳод намудан

лозим аст. Ба донишомӯзони сустхон диққати бештар дода, назар ба имконот, ба таври илова барояшон шарҳу тафсир додан мувофиқи мақсад аст. Барои донишомӯзони пешрафта бошад, супоришҳоро метавон нисбатан мураккабтар пешниҳод намуд. Ин супоришҳоро пешакӣ омода сохта, дар тахта, коғаз ва коғазчаҳо навиштан муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар шароити кор бо якчанд синф омӯзгор имкон надорад, ки ҷараёни фаъолияти мустақилонаи донишомӯзонро пурра таҳти назорат қарор диҳад ва аз ин рӯ, роҳандозӣ намудани шеваи худсанҷӣ аҳамияти муҳим дорад. Худсанҷиро метавон дар марҳилаи фароварди синфи аввал ҷорӣ намуд, ки хеле муфид аст. Масалан, дар дарсҳои математика иҷрои мисолҳоро бо равиши «амали баръакс» анҷом додан мумкин аст.

Ҳангоми иҷрои мисолҳо роҳҳои гуногуни худсанҷӣ бояд ба донишомӯзон ёд дода шаванд.

Барои рушди маҳоратҳои худсанҷӣ равиши ҳамдигарсанҷӣ аҳамияти зиёде дорад. Донишомӯзон дафтарҳои якдигарро санҷида, бо ин роҳ ҳам ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд ва маҳоратҳои худро сайқал дода, таҳким мебахшанд.

Ҳангоми кор бо якчанд синф аксаран омӯзгорон ҳамон равишҳоеро истифода мекунанд, ки одатан дар макотиби муқаррарӣ роиҷ аст, зеро маҳз барои макотиби камнуфус дастури методии махсус вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ба дарсҳо тайёрии ҷиддӣ дида, бештар маводи таълимӣ (намудор (таблица), баргаҳо (варақчаҳо) ва супоришҳо) омода созем, то имкон пайдо кунем, ки фаъолияти мустақилонаи донишомӯзонро бо назардошти вижагиҳои инфиродиашон ташкил намоем.

Дараҷаи мураккабии корҳои мустақилонаро батадриҷ зиёд намуда, фаъолияти ҳар як донишомӯзро зери назорат қарор додан ниҳоят муҳим аст.

Ҳангоми кор бо бахшҳои душвори барнома истифода аз варақчаҳои алоҳидаи махсус, ки ҳам супориш ва ҳам тавсияҳои муҳимро дар бар мегиранд, ба мақсад мувофиқ аст. Барои кори мустақилона маводеро метавон интихоб кард, ки иҷрои он донишомӯзонро ҷиҳати иҷрои супоришҳои тоза омода месозад.

**1. Ташкили кори мустақилонаи донишомӯз**

Дар таълим зери мафҳуми кори мустақилонаи донишомӯз фаъолияте дар назар дошта мешавад, ки ӯ бе ширкати бевоситаи омӯзгор, вале таҳти назорати вай анҷом медиҳад. Кори мустақилона яке аз самтҳои муҳими кори омӯзгор ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба ташаккули маҳорати чунин фаъолият аҳамияти махсус додан лозим аст.

Ташкили кори мустақилонаи донишомӯз бояд ба ҳалли ду масъалаи ба ҳам алоқаманд мусоидат намояд:

1) мустақилона донишҳоро аз худ намудни донишомӯзон;

2) ба хонандагон ёд додани истифодаи донишҳои андӯхташуда ва татбиқи онҳо дар ҷараёни омӯзиш ва зиндагӣ.

Донишомӯзе, ки дорои малакаҳои кори мустақилона аст, маводи таълимро хубтар ва амиқтар аз худ менамояд, ба меҳнати эҷодӣ бештар омода аст, ба худомӯзӣ ва давом додани таҳсил мароқ дорад. Зеро дар шароити пешравии илму техника иттилоот зуд куҳна мешавад ва зарурати ба даст овардани иттилооти нав боло мегирад.

**2. Намудҳои кори мустақилонаи донишомӯзон:**

1) кор бо китоб ва маводи таълимию методӣ;

2) ҳалли масъалаҳо ва иҷрои супоришҳо;

3) изҳори андеша доир ба ҷавобҳои ҳамсинфон;

4) изҳор намудани назари шахсӣ доир ба ҳодисаю воқеаҳо;

5) пешниҳод ироа намудан;

6) тайёр намудани васоити таълим (расм, нақша, албом, мусаввара, рӯзнома ва ғайра);

7) иҷрои супоришҳои амалӣ ҳангоми саёҳат: гузаронидани таҷриба ва назорати он дар шароити хона.

Мувофиқи мақсади асосии таълим фаъолияти мустақилонаи донишомӯзонро метавон дар се самт тасниф кард:

1) аз худ кардани донишҳои васеъ;

2) ба даст овардани малакаю маҳоратҳо;

3) татбиқи малакаю маҳоратҳо.

Вобаста ба мазмуни маводи таълим, вижагиҳои он ва имконоти дастрас омӯзгор кори мустақилонаро бо назардошти қобилияти донишомӯзон ба нақша мегирад ва дастури батадриҷ мураккаб намуданро риоя мекунад.

**3. Самаранокии кори мустақилона**

Шаклҳои зиёди самараноки кори мустақилонаи донишомӯзон вуҷуд дорад, ки омӯзгорон дар раванди таълим мавриди истифода қарор медиҳанд.

Кори мутақилона яке аз шаклҳои фаъолият дар дарс аст, ки ба он диққати махсус додан даркор аст. Агар донишомӯз мустақилона аз худ намудани донишро аз сарчашмаҳои гуногун ёд гирад, иттилоотро нав созад, онҳоро дар амалия истифода бурда тавонад, дониши худ ва дониши рафиқон, ҳамсинфонро таҳлил кунад, он гоҳ идомаи таҳлил барояш осон ва шавқовар мегардад.

Барои баъзе донишомӯзон мустақилона ба даст овардани дониш шавқовартар аст, назар ба дарёфти маълумоте, ки қаблан ба нақша гирифта шудааст. Ҳатто хондани маърӯзаи одӣ метавонад барои донишомӯз ҳамчун кори таҳқиқотӣ пазируфта шавад.

Аз тарафи дигар, маҳдудияти барномаи мактабӣ ва системаи синфӣ- дарсӣ имкон намедиҳад, ки маводи таълим пурра омӯхта шавад. Соатҳое, ки барои омӯзиш муқаррар гардидаанд камӣ мекунанд.

Ҳангоми кор низ омӯзгор тахминан бо хонандагони дорои пешрафти миёна машғул мешавад ва донишомӯзони сустхону аълохон аз назар дур мемонанд. Аз ин рӯ, ҳар як донишомӯз ҳаҷми кори мустақилонаро худаш бо назардошти қобилият ва имконот интихоб мекунад. Гузашта аз ин, ҳар як донишомӯз ҳам дар синф ва ҳам дар хона бо суръати ба худаш писанд кор мекунад. Муайян намудани самаранокии кор бошад, аз дараҷаи ёдгирии маводи интихобкардаи донишомӯз вобаста аст.

Равиши мазкур имкон медиҳад, ки ҳангоми иҷрои кор рӯйбардоркунӣ рух надиҳад ва сифати иҷрои кори мустақилона дар марҳилаҳои дарс муайян гардад. Ҳатто агар донишомӯз роҳу равишҳои кори мустақилонаро ёд гирад, метавонад маводи таълимро мустақилона омӯзад.

Аммо барои расидан ба чунин комёбиҳо омӯзгор бояд як қатор шартҳоро иҷро намояд. Масалан, супорише, ки ба донишомӯзон дода мешавад, бояд ҳадафи аниқ ва равшан дошта бошад, то донишомӯзонро ҷалб намуда, ҳавасмандӣ ба бор орад. Ҳамчунон навгониҳои мазмуни маводи омӯхташавандаро дида тавонад, асарбахшии шаклҳои супоришҳоро донад, аҳамияти амалии масъаларо пешбинӣ кунад, хусусияти таҳқиқотӣ ва таҳлилии мавзӯъро ошкор сохта, ҳавасманд гардад.

***Калидвожа:*** *мактаби камнуфус, кори мустақилона, омӯзгор, эҷодкор, ҳавасмандӣ,донишомӯз, пешрафт, таҳлил, мустақилият, барномаи мактабӣ.*

**КИТОБНОМА**

1.Организация индивидуальной самостоятельной работы учащихся начальных классов сельской малокомплектной школы Г.Р. Валеева (Республика Башкортостан)

2.Колеченко А. К. «Энциклопедия педагогических технологий: пособие для преподавателей». Программа ФГОС НОО.

3.Самостоятельная работа в процессе обучения математики в малокомплектной сельской школе. Учебное пособие для спецкурса. Л. Г. Шестакова. Соликамск 2011 г.

## РОЛЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ В МАЛОКОМПЛЕКТНЫХ ШКОЛАХ

***С.АМОНИ***

Привитие навыка самостоятельной работы, использование на уроках различных её видов не только служит эффективным средством овладения учащимися определённой суммой знаний и умений, но и средством формирования общеучебных умений, повышения учебно-воспитательного процесса, формирования личности, рождения у школьников веру в себя, в свои силы и возможности.

**Ключевые слова:** малокомплектная школа, самостоятельная работа, учитель, творческий, стимуляция, ученик, успеваемость, анализ, самостоятельность, школьная программа.

## THE ROLE OF INDEPENDENT WORK IN SMALL – COMPLECT SCHOOLS

***S.AMONI***

Develop skills of independent work, the use at the lessons of its various forms, not only serves as an effective means of mastering the students a certain amount of knowledge and skills, but also a means of formation of general learning skills, means of improving the educational process, the formation of personality, gives birth in school children faith in themselves, in their strength and capabilities.

**Keywords:** ungraded school, self study, a teacher, a creative, stimulating, student achievement, analysis, autonomy, the school program.

## УСУЛИ ТАЪЛИМИ ҲАМФАЪОЛ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ОН

54. Кадом оксид санги қалъагӣ ва кадомаш піролюзит ном дорад? (Дуоксиди қалъагӣ ва дуоксиди манган).

55. Қанди ангур ва қанди қӯрғошим чист? Барои чӣ ин моддаҳоро чунин номидаанд? (Якумаш - глюкоза. Ин тавр барои он номида шудааст, ки дар шираи ангур глюкоза аз ҳама бисёр аст. Дуюмаш - намаки атсетати қӯрғошим. Азбаски қанди қӯрғошим тамъи ширин дорад, ҳамин тавр номидаанд).

56. Грамм/атом аз грамм/иони як модда бо чӣ фарқ мекунад ва умумияти онхо дар чист? (Грамм/атом миқдори грами моддаҳо, ки аз атомҳои нейтралӣ (бетараф) тартиб ёфтааст; грамм/ион миқдори грамми моддаи дар намуди ионбуда мебошад. Вазни грамм/ион ва грамм/атом як хел аст).

57. Дар кабинети ренгенӣ дар вақти татқиқоти тракти меъдаю рӯдаҳо чӣ хел намакро кор мефармоянд ва барои чӣ ? (Сулфати барий, чунки вай дар кислотаҳо ва дар ишқорҳое, ки дар организми одам мавҷуд аст, ҳал намешавад).

58. Барои чӣ сулфати колчеданро пирит меноманд? (Ин ном аз калимаи юнонӣ «пюр» гирифта шудааст, ки маънояш «оташ» аст).

59. Барои чӣ гази инертие, ки рақами тартибиаш 10 мебошад, неон номида шудааст? (Аз калимаи юнонии «неос» буда, маънояш «нав» мебошад).

60. Барои чӣ гази инертие, ки рақами тартибиаш 54 мебошад, ксенон номида шудааст? (Ксенон калимаи юнонӣ буда, манояш бегона мебошад).

61. Барои чӣ элементҳоро баъзан микроэлемент меноманд? (Элементҳое, ки ба таркиби организми зинда ба миқдори хело кам дохил шудаанд, масалан: мис, кобалт, қӯрғошим, арсен бор ва дигарҳо).

62. Кадом поруро пресипитат меноманд? (Кристаллгидрати фосфати калсии дуюмин, ки 2 молекула об дошта бошад).

63. Кадоме аз се сода дар таркиби худ молекулаи натрий дорад? (Содаи хӯрокӣ - бикарбонати натрий, содаи калсийдор - карбонати натрий ва содаи каустикӣ - ишқори натрий).

64. Кадом кислотаро дар зарфи алюминий овардан, ё нигоҳ доштан мумкин аст? (Кислотаи нитрати консентронидаро, чунки ба алюминий таъсир намекунад).

65. Кадом содаро содаи калсийдор меноманд ва барои чӣ? (Карбонати натрийро, ки аз бикарбонати натрий ҳосил мешавад. Калсинатсия - тафсонидан).

66. Ҷавҳари меваҳо ба кадом гурӯҳимоддаҳои органикӣ, ки дар истеҳсолоти атторӣ ва хӯрокворӣ истифода менамоянд, дохил мешавад? (Ба гурӯҳиэфирҳои мураккаб. Масалан, ҷавҳари нок – эфири амиласетат, эфири этиласетат).

67. Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки спирти алдегид ва кислотаи номбаршуда ҳосилаи кадом карбогидриди ҳаднок мебошад? (Бояд миқдори умумии атомҳои карбонро, ки дар молекулахои моддаи додашуда мавҷуданд, ҳисоб кардан лозим. Дар ин хол микдори атомҳои карбон ҳам дар радикал ва ҳам дар гӯруҳи функсионали якоя ҳисоб карда шавад). Масалан, спирти пропил C3H7OH ва кислотаи пропионат C2H5COOH ҳосилаи пропан мебошад, чунки дар молекулаи ҳар дуи ин моддаҳо ҳамагӣ 3 атоми карбон, ба монанди пропан мавҷуд аст.

68. Сӯзани патифонро, ки муддати дароз хизмат мекунад, аз чӣ месозанд? (Аз корунд, яке аз оксиди алюминий, ки дар мустаҳкамӣ пас аз алмос меистад).

69. Материали аввалини капрон кадом аст? (Фенол, ки дар вақти кор кардан катрон (смола) ҳосил карда, сонӣ аз он нахҳои капронро мекашанд).

70. Барои чӣ асбести табииро зағири кӯҳӣ меноманд? (Молекулаҳои асбест нахҳои кӯтоҳро ҳосил мекунанд, ки аз онҳо нахҳои дароз кашида матоъ бофтан мумкин аст. Асбест аз оташ натарсида, вале аз об метарсад, чунки наххои кутоҳи он дар об ба ҳар тараф парешон мешаванд. Азбаски онро ҳамчун растании зағир накорида, балки аз кӯҳ мегиранд, к номидаанд).

71. Кадом асбобу анҷоми моҳигирӣ дар натиҷаи дар об бисёр истодан намепӯсад? (Асбобу анҷоми капронӣ ва нитронӣ).

72. Капрони (смолаи) винилиро, ки барои тайёр кардани нахҳои синтетикӣ, лак, плёнка, моддаҳои ширешӣ, массаҳои пластикии гуногун ва асбобу анҷомхои моҳигири истифода бурда мешавад, аз чӣ тайёр мекунанд? (Аз атсетилен).

73. Корд чист ва дар куҷо онро истифода мебаранд? (Корд ресмони дутобаи дар шинаи резинӣ печонида шудааст, ки он монанди синҷи оҳанини железобитон дар шинаи резинии скилети пайвасткунанда мебошад, аз корд лента ҳосил мекунанд ва онро ба резини хом мепӯшонанд. Ҳар як шина аз якчанд чунин лентаи бо резин пӯшидагӣ иборат аст.

Кордро аз наххои вискози ва аз капрон тайёр мекунанд).

74. Куя чӣ хел либосро дӯст намедорад ва чаро? (Либоси нитронӣ ва капрониро. Куя аз сафедаи пашм ва абрешими пилла ғизо мегирад).

75. Барои чӣ баъзе элементҳои системаи давриро пароканда меноманд? (Элементҳое, ки аз замин ёфтан ва ба даст даровардан мушкил аст. Дар таркиби минералхо аломати ниҳоят ками онҳо дида мешавад. Масалан, германийро, ки дар замин нисбат ба қӯрғошим ҳафт маротиба зиёд аст, барои он элементи пароканда меноманд, ки дар аксарияти минералхо пароканда шудааст).

76. Сохти КДН чӣ гуна аст? (КДН полимер буда, мономерҳои он нуклеотид мебошад).

76. Селлулоид ва лентаи киноро (дарнагирандаашро) аз чӣ тайёр мекунанд? (Аз атсетоселлюлоза, ки бо кислотаи ацетат кор карда шудааст).

77. Сохти КДН чӣ гуна аст? (КДН полимери биологӣ буда, вай аз ду занҷири полинуклеотиди, ки бо ҳамдигар пайваста шудааст, иборат аст).

78. Яхи хушк чист? (Кислотаи карбонат дар ҳолати сахт. Кислотаи карбонати моеъ танҳо бо фишори 5,28 атмосфера вуҷуд дошта метавонад. Агар болои кистлотаи карбонатро кушоем, кислотаи карбонати моеъ ба ях мубадал мегардад).

79. Таркиби АТФ чӣ гуна аст? (АТФ аз асоси нитрогени аденин, қанди рибоза ва се боқимондаи кислотаи фосфат иборат аст).

80. Формулаи спирт, алдегид ва кислотаро аз формулаи ин ё он карбогидриди ҳаднок истифода бурда, чӣ тавр навиштан мумкин аст? Дар айни ҳол формулаи умумии моддаҳои синфи дода шуда ба назар гирифта мешавад.

Масалан, дар асоси формулаи молекулаҳои бутан формулаи молекулаҳои кислотаи равғаниро навиштан лозим аст. (Формулаи кислотаҳои карбонро, яъне RCOOH ва формулаи молекулаҳои бутан C4P10-ро дониста, аз чор атоми карбон як атоми карбонро барои тартиб додани гуруҳи функсиолналии COOH гирифтан лозим аст, се атоми боқимонда ба молекулаи радикали C3H7 дохил мешавад. Ҳамин тариқ, формулаи кислотаи равғани C3H7COOH мешавад).

81. Функсияҳои КДН-ро номбар кунед?

(1. Нигоҳдории ахбори ирсӣ, ки ба пайдарҳамии нуклеотидҳои яке силсилаҳои он асос ёфтааст. Пайдархамии триплетхоро дар занчири полинуклеотиди пайдарҳамии аминокислотаҳо дар молекулаи сафеда муайян месозад.

2. Аз насл ба насл додани ахбори ирсӣ – ин функсия ба туфайли редупликатсияи молекулахои модари ва баъдан чойгиршавии молекулахои духтари байни хучайрахои насли амали мегардад.

3. Вай ба сифати матритса дар чараёни интиколи ахбори генетики аз ядро ба ситоплазма ба ҷойи синтези сафеда иштирок мекунад).

82. Дар байни қурми сафед ва сиёҳ, ки дар истеҳсолоти резин кор фармуда мешавад, чӣ хел фарқ мавҷуд аст?. (Қурми сафед ин SiO2-и табии набуда, балки он тайёр карда мешавад. Моддаи аморфии сафед барои тайёр кардани асбобу анҷомхои рангаи резини истифода бурда мешавад. Қурми сиёҳ –қурми оддии соф аст, ки ҳамчун илова барои хубтар шудани сифати резин кор фармуда мешавад).

83. Кадом модда дар вояи 0,1 грамм захри марговар мебошад, ки он дар организми одам қариб 700 грамм мавҷуд аст? (Фосфор. Фосфори холиси сафед хеле заҳрнок аст. Фосфор ба шакли пайвастагиҳои органикӣ ба таркиби бофтаҳо, устухон, мушак ва асаби одаму ҳайвонот дохил мешавад).

84. Гурӯҳи электроаксепторӣ чист? (Гурӯҳе, ки бо худ абри электрониро ҷазб мекунад).

85. Гурӯҳи электродонорӣ чист? (Гурӯҳе, ки абри электроникиро аз худ тела медиҳад).

86. Реаксияи синхронӣ чист? (Реаксияе, ки бе ҳалшавии маҳсули мобайни радикал ва ионҳо мегузарад, кандашавии банди кӯҳна ҳосил мешавад, ки банди нав дар як вақт мегузарад).

87. Резонанс чист? (Мафҳум оид ба сохти ҳақиқии молекулаи бо ёрии сохторҳои гипотетикии (фарзи) резонанси шарҳ дода мешавад).

88. Радиуси ковалентии элемент чист? (Ними дарозии банди ковалентӣ дар молекулаи симметрӣ (навъи H2CL2 ва ҳоказо).

89. Дарозии банд чист? (Масофаи миёнаи банди ковалент дар байни ду ҳастаии атомҳо).

90. Гурӯҳи дохилшаванда чист? (Атом ё гурӯҳи атомие, ки атоми гидрогенро ё ягон гурӯҳи функсиналиро дар субстрад ҳангоми реаксия иваз мекунад).

91. Чуфти ионӣ чист? (Чуфти ионии мухталиф, ки аз ҳисоби кашиши кулонӣ ба ҳам якҷоя алоқаманд буда, бе банди коваленти нигоҳ дошта мешавад).

92. Карбкатион чист? (Заре, ки дар он атоми карбон Sp2 гибридшуда, дорои заряди мусбат мебошад).

93. Катион радикал чист? (Заррае, ки ҳангоми аз молекулаи нейтралӣ ҷудо шудани электрон боқӣ мемонад).

94. Кислотаи бренстед чист? (Ҳа гуна пайвастае, ки қобилияти протонро додан дорад).

95. Генетика чиро меомузад? (Ду хусусияти асосии орагнизмхои зинда ирсият ва тагйирпазириро меомузад).

96. Ген чист? (Хиссачаи ирсӣ буда, инкишофи аломатҳо ё синтези молекулахои сафедаҳоро идора мекунад).

97. Коди генетикӣ чист? (Якҷояшавии нуклеотидҳо ва паиҳам ҷойгиршавии онҳо дар молекулаи КДН код мебошад, ки оид ба сохтори сафеда хабар мерасонад. Дар молекулаи КДН, ки миллионхо чуфти нуклеотидҳо дорад, хабари пайдарҳамии аминокислотаҳо дар садҳо сафедаҳои гуногун сабт шудаанд. Код барои хамаи организмҳо умуми буда, харгиз катъ намешавад).

98. Электрофил чист? (Реагенте, ки ҳангоми реаксия чуфти электрониро барои барпо намудани банди коваленти қабул менамояд).

99. Амин чист? (Ҳосилаи амиак. Дар натиҷаи ивази атом ё атомҳои гидрогени карбогидрогенҳо бо гуруҳи амин (NH2) ҳосил мешавад).

100. Кислотаи Бренстед чист? (харгуна пайвастае, ки кобилияти протонро додан дорад).

Хулоса

Маҳфили кимиёвӣ яке аз корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таълимӣ буда, ба ғайр аз афзун кардани дониши хонандагон ва ҳавасмндии онҳо нисбат ба ин фан, тарбияи онҳо нақши асосӣ мебозад. Маҳфилҳои кимиёвӣ инчунин барои интихоби касб ба хонандагон кумак мерасонида. Кимиё барои инсон, дар ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯза ёрирасон мебошад.

**КИТОБНОМА:**


1. Б. Музаффаров – Аз таҷрибаи гузаронидаи экскурсия ( саёҳат).
2. А.В.Антипова – Таҷрибаи таълими химия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.
3. А.А.Эдуардова – Кори берун аз синф аз фанни кимиё.
4. К.Е.Галкина – Машғулиатҳои амалӣ дар дарси кимиё.


## ВОПРОСЫ ПО ПРОВЕДЕНИЮ КРУЖКОВ ПО ХИМИИ В УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ


***БАХРОМ ЗУЛФОНОВ***


В статье автор подробно приводит методику проведения тестирования по химии. Автор указывает, что обшая продолжительность экзамена по химии составляет 180 минут. Учителю нужно учесть распределение времени работы над

тестом. На одно задание части А можно потратить в среднем 2-3 минуты; на одно задание части В – до 5 минут; на одно задание части С потребуется примерно 10 минут. При виполнении тренировочных заданий советуем засекать время для контроля. Чтобы не теряеть времени попусту, пропустите задание, которое не удаётся выполнить сразу, и вернитесь к нему, если останется время.

**Ключевые слова:** химия, задачи, вопросы, химический элемент, химическая реакция, химическая формула.

## WAYS OF SPENDING THE EVENINGS OF QUESTIONS AND ANSWERS OF THE SUBJECT CHEMISTRY IN EDUCATION INSTITUTES

***BAHROM ZULFONOV***

The common duration of exam of chemistry consists from 180 minutes. Including the needs taking into account in the allocation of time working on the test. On one part of the task A can spend an average of 2-3 minutes; per job Part B - 5 minutes; one task is primary need of the C 10 minute.By doing training tasks suggested pinpoint the time of control. To avoid wasting time lose skip jobs that can’t perform immediately, if there is time.
**Keywords:** chemistry, tasks, issues, chemical elements, chemical reaktion chemical formula.

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛӢ ВА ИНКИШОФИ ФАРДИИ ДОНИШҶӮЁН

***ХОЛБИБИ ТОШЕВА ,***
***сармуаллимаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров***

Инкишофи шахсият, ҷараёни инкишофи маънавӣ, такомулёбӣ, тағйироти сифатӣ дар ҳамаи соҳаҳои барои шахсият аҳамиятнок, ба монанди амалиёт, инъикоси воқеияти гирдуатроф, муносибат ба ҳодисаҳои гирдуатроф ва одамон, ҷараёни донишандӯзӣ ба шумор меравад.

Инкишоф ва ташаккули шахсият, хусусан дар солҳои ҷавонӣ бо таъсири тарбия ба амал меояд, аммо дараҷа ва характери тарбия ба он вобастааст, ки тарбия то чӣ андоза қонуниятҳои инкишофро ба эътибор мегирад.

Ҷараёни ташаккул ва инкишофи шахсият хеле мураккаб ва дурудароз мебошад. Дар раванди иҷтимоишавии шахсият ҷойи асосиро давраи таҳсил дар мактаби олӣ мегирад, ки дар он ҷавонон имконияти нишон додани қобилиятҳо, дастовардҳо, истеъдодҳоро доранд ва нақшаҳои ояндаи худро муайян месозанд.

Эътиқод ва ақидаҳои ватандӯстӣ, ғояҳои сиёсӣ - ахлоқии ҷавонон мавқеи муносибати ҳаётии онҳо нисбат ба меҳнат, ба нафъи халқу Ватан хизмат карданашонро муайян мекунад.

Дар ин давра инкишофи системаи асаб ба дараҷаи баланд боло меравад. Сифатҳои маънавӣ ва иҷтимоии донишҷӯён бо суръати тез тараққӣ мекунанд. Ба ин на фақат марҳилаи сензитивии (пешравии ақл) камолоти маънавӣ, ҳамчунин шароити нав: дигаршавии хусусиятҳои фаъолият, шароити оммавӣ ва коллектив, шиддатнокии робита мувофиқат мекунад.

Дар синну соли донишҷӯйӣ сифат ва хислатҳои ӯ шакли ягонагиву мақсаднок мегирад, моҳияти тарбия боз ҳам афзун мегардад, ба масъалаҳои ахлоқӣ майлу рағбат зиёд мешавад. Муҳаббати аввалин ба ҷавон нафақат таассуроти зиёд ба бор меорад, балки ҳалли амалии бисёр масъалаҳои мураккабро ба миён мегузорад.

Синну соли донишҷӯйиро синни ҷаҳонбинӣ ҳам меноманд, зеро доираи дониши ҷавонон дар ин айём басо ривоҷ меёбад. Дар онҳо ҳисси дӯстӣ ва рафоқат инкишоф ёфта, баъзан эҳсоси дӯстӣ ба дӯстдорӣ табдил меёбад.

Коллективи педагогӣ вазифадораст, ки аз ин эҳсосоти баланди ҷавонӣ оқилона истифода бурда, дар онҳо хислатҳои мардонагӣ, вафодорӣ, қавииродагӣ, ростқавлӣ, рафтори поку беғуборро тарбия намояд, то ки онҳо на аз навмедиву доғбиёрӣ дар канор бошанд.

Давраи донишҷӯӣ - айёми худтарбиякунӣ, худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ мебошад. Дар ин давра хулосаи тарбия ошкор мегардад: сифатҳои мардонагӣ, одаму одамгарӣ, ватандӯстӣ, мубориза бурдан баҳри мақсадҳои олӣ, фатҳи қуллаҳои мурод, қавииродагӣ ва эҳсоси созандагӣ ташаккул меёбад.

Аммо ҳамаи донишҷӯён яксон набуда, ҳар кадом хусусиятҳои ба худ хос доранд ва мувофиқи табиати худ рушд меёбанд.

Синну соли донишҷӯӣ (17-23 - солагӣ) давраи ҷавонӣ ва оғози давраи бузургсолӣ ё ба камолрасӣ мебошад. Синну соли донишҷӯйӣ овонест, ки дӯстию муҳаббат ба эҳсоси ҷиддӣ мубаддал мегардад. Дар давраи донишҷӯӣ инсон беш аз ҳар вақти дигар, худро мешиносад, дақиқ менамояд, ки дар атрофи кадом масъалаҳо бояд кор кунад ва чӣ гуна ихтисос интихоб намояд.

Нақши омӯзгорон аз он иборат аст, ки донишҷӯёнро омӯзонанд ва фаҳмонанд, ки вазифаи муҳими донишҷӯён пеш аз ҳама, дониш омӯхтан аст. Дар ин айём ҳаматарафа омӯхтани хусусиятҳои синнусолии донишҷӯ, ошкор сохтани сифатҳо ва имкониятҳои ӯ, таҳқиқи хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ ва ба назар гирифтани онҳо дар ҷараёни таълим имконпазир гардад медиҳад. Маълум аст, ки шахсият аз рӯйи сифатҳои алоҳида ва хусусиятҳои такрорнашавандаи фардӣ муайян карда мешавад. Шахсият бо он муайян мегардад, ки фаъолияти фардӣ то чӣ андоза ба ҷаҳони иҷтимоии муносибатҳо пайваст аст. Омӯзгори мактаби олӣ, ки ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти тарбиявӣ ва дараҷаи дониши шогирдон кӯшиш менамояд, бояд зарурияти хусусиятҳои фардии донишҷӯро мадди назар дошта бошад.

Инсоният дорои инкишофи умумӣ ва хусусӣ аст. Хусусиятҳои умумии ҳамаи одамон дар синни муайян аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Одами махсусро фард беноманд, аммо шахсиятро бо ифодаи возеҳ фарди махсус гӯянд. Фардият бо маҷмӯи зеҳнӣ, иродавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба таври аёнӣ аз дигарон фарқ мекунад. Табиати саховатманд ҷинси гуногуни одамӣ офаридааст: дар рӯйи Замин тамоман одами якхела набуд, нест ва нахоҳад буд. Ҳар инсон ягона ва такрорнаёбанда дар фардияти худ аст. Фардият бо хислатҳои инфиродии худ ифода меёбад. Пайдоиши хусусиятҳои фардӣ ба он вобаста аст, ки ҳар кас роҳи инкишоф, хислатҳои психологии фаъолияти олии асаби худро дорост. Фаъолияти олии асаб ба пайдоиши сифатҳои гуногун таъсир мерасонад. Ба хусусиятҳои фардӣ ҳиссиёт, дарк, тафаккур, хотира, тасаввурот, хислатҳои шавқмандӣ, майл, қобилият, хусусиятҳои шахсӣ мансуб мебошанд.

Хусусиятҳои фардии зеҳнии донишҷӯ пеш аз ҳама тавассути тафаккури ӯ зоҳир мегардад, ки фарогири мафҳумҳои зерин аст:

- эҷодӣ, назариявӣ, аёнӣ;
- сифатҳои зеҳнӣ;
- фаъолияти маърифатӣ;
- хусусиятҳои равандҳои маърифатӣ;
- хусусиятҳои инкишофи малакаҳои умумитаълимӣ;
- хусусиятҳои шуур, салоҳият ва зеҳнияти донишҷӯ;

Донишҷӯйӣ ҳамчун гурӯҳи ҷамъиятӣ дар асрҳои X1-X11 дар Аврупо дар баробари кушодашавии аввалин мактабҳои олӣ ба вуҷуд омадааст. Он ҷавононеро муттаҳид менамояд, ки бомақсадона ва бошуурона донишҳо, маҳорату малакаҳои касбиро аз бар менамоянд, сифатҳои касбиро аз худ мекунанд, барои иҷрои вазифаҳои муҳими касбӣ, маданӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, оилавӣ ва ғайра бо воситаи таълимот дар мактаби олӣ тайёр мешаванд.

Истилоҳи "донишҷӯ" (аз лотинӣ students (studentis) – гирифта шуда, касро далолат мекунад, аз таҳти дил кор карда, донишҳоро аз худ менамояд.

Донишҷӯён дар муқоиса аз дигар гурӯҳҳои ҷавонони ин синну сол аз рӯйи чунин сифатҳо фарқ карда мешаванд:

- сатҳи баланди таҳсилот;
- саъю кӯшиши беандоза ба омӯзиши донишҳо;
- фаъолияти баланди иҷтимоӣ;

- омӯзиши хеле мутаносиби камолоти зеҳнӣ ва иҷтимоӣ;

Давраи донишҷӯйӣ мутахассисонро барои илм, муассисаҳои таълимӣ ва вазифаҳои роҳбарикунанда дар корхонаҳо ба воя мерасонад.

Омӯзгор на ҳама вақт инро мефаҳмад ва ӯро танҳо донишҷӯ чӣ тавр ба дарс меояд? супоришҳоро иҷро мекунад ё на? мешунавад ва ҷавоб медиҳад ташвиш медиҳад. Дигар ин ки ба шахсияти донишҷӯ аксарияти омӯзгорон аҳамият намедиҳанд. Аммо ин “дигар” аст-қисми ядрои шахсияти донишҷӯ - ин боигарӣ ё камбизоатӣ дар кӯшишу ҳаракатҳо, рӯҳбаландӣ ва рӯҳафтодагӣ, хушахлоқӣ ва бадахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ ва танбалӣ мебошад (С.И.Слепкан).

Инчунин бояд фарқи байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ курсҳои 1-2 ва 3-4-ро ба назар гирифт. Бояд дар бораи мувофиқ будан (стандарт) 17-22 солагӣ ва номувофиқ (нестандарт) донишҷӯёни синни хурд ва калони давраи синну соли донишҷӯйӣ гуфт.

Мисоли синну соли донишҷӯйии номувофиқ ин аст:

1) моҳи июни соли 1994 хатмкунандаи ҷавони ИМА Майк Кирни дипломи бакалаврро аз рӯйи ихтисоси антропология дар университети Алабамаи Ҷанубӣ дар синни 10 солагию 4 моҳагӣ гирифт.

2) хоҳарон Диана ва Анҷелла Князева (Москва). Соли 1988 Диана мактабро аъло хатм намуда дар синни 10 солагию 2 моҳагӣ донишҷӯйи мактаби олӣ гардид, Анҷелла дар синни 12 солагӣ донишҷӯ гардидааст. ”Аз китоби рекордҳои Гиннес, 2002 с.”

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар синну сол дорои сатҳи муайяни ҷисмонӣ –равонӣ ва инкишоф мебошад ва исботи он далели зиёдро талаб намекунад. Барои омӯзгори муассисаи олӣ донистани ин хусусиятҳо ниҳоят муҳим аст ва муҳимтар аз ҳама, ба ҳисоб гирифтан ва бамақсад истифода намудани ин хусусиятҳо барои ошкорсозии имконот ва инкишофи ҳамаҷонибаи истеъдодҳои донишҷӯ мебошад.

Чӣ хеле ки маълум аст, ақли инсон дар саршавии давраи навҷавонӣ пухта мерасад. Нейронҳо пурра ташаккул ёфта ҳуҷайраҳо инкишоф меёбанд. Аз синни 25 - солагӣ сар карда, асосан баъди 45- солагӣ ҳар рӯз даҳҳо ҳазор ҳуҷайраҳои асаб мемиранд, лекин онҳо ба қишрҳои майнаи сар ягон хел таъсироти манфӣ намерасонанд, чунки аз рӯйи ҳисоботи навтарин дар қишри майнаи сар зиёда аз 40 миллиард ҳуҷайраҳо ҷой доштаанд.

Ж.Ж.Руссо дар бораи давраи ҷавонӣ чунин гуфтааст: ”Ин вақт барои азхудкунии хирад аст. Ин давраи ҳаёт барои омӯзиш ва тайёрии касбии ҷавонон муҳим аст”.

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаи Б.Г. Ананев, ки дар он зиёда аз 1800 кас аз синни 18 то 35 солагӣ иштирок намуданд, муайян карда шуд, ки синну соли донишҷӯйӣ (“давраи тилоии шахс”) –давраи сензитивӣ (пешравии ақл) барои инкишофи қобилиятҳои асосии ҷамъиятии инсон ҳамчун шахсият муайян карда шуд:

1) ташаккули сифатҳои касбӣ, ҷаҳонбинӣ ва шаҳрвандии мутахассиси оянда;

2) инкишофи қобилиятҳои касбӣ ва фатҳи қуллаҳои эҷодӣ;

3) давраи марказии салоҳияти зеҳнӣ ва мувозинатии (стабилизатсия) сифатҳои характер;

4) ташаккули мунтазами сифатҳои ҷамъиятии марбут ба азхудкунӣ.

“Ин давраи тақдирсоз дар ҳаёти инсон шумораи зиёди масъалаҳои муҳимро ҳал менамояд, ки донишҷӯён бояд зуд баррасӣ намоянд. Онҳо дар як вақти муайян тақдириояндаи донишҷӯёнро ҳал менамоянд” - гуфтааст файласуф В. Шубкин.

Дар ин вақт ташаккули фаъоли шакли фардии фаъолият сурат мегирад. (Е.А.Климов). Таълим аз нуқтаи назари онҳо натанҳо азбар намудани касб, балки

дигар қиматҳо низ дорад: он инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин менамояд, дастовардҳои васеи ҳаётиро пешкаш менамояд, маълумоти олӣ меҳад ва ғ.

Дар шахсияти донишҷӯ инкишофи фаъоли ҳиссиёти ахлоқӣ ва зебопарастӣ, мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, худро идора карда тавонистан аҳамияти хос дорад. Ба масъалаҳои ахлоқӣ (мақсад ва мазмуни ҳаёт, вазифа ва ҷавобгарӣ, муҳаббат ва дӯстӣ ва ғ.) шавқу ҳавас баланд мегардад.

Баъзан дар синну соли донишҷӯйӣ чунин муаммоҳо ба вуҷуд меоянд: на ҳамаи донишҷӯён имконияти ба даст овардани дастовардҳои баланди инкишофи ахлоқӣ, зеҳнӣ ва ҷисмониро доранд. Аз сабабҳои гуногун дар давраи таҳсил ба бепарвоӣ дода мешаванд. Дар натиҷаи надоштани таҷрибаҳои ҳаётӣ баъзе донишҷӯён ба бесарусомонӣ роҳ медиҳанд.

Донишҷӯёни алоҳида танҳо дар давраҳои имтиҳонот мехонанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ягон хел фаъолият нишон намедиҳанд, ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ рӯ намеоранд надоранд. Диққати онҳоро лаҳзаҳои дилхушкунӣ бештар ҷалб мекунанд. Танҳо аз ним зиёди донишҷӯён дар охири таҳсилот нишондодҳои зеҳнии худро нисбати курси якум баландтар мебардоранд. Баъзан дар донишҷӯёни беҳтарин нишондиҳандаҳои инкишофи зеҳнӣ дар дараҷаи рӯзҳои аввали ба мактаби олӣ омадаашон боқӣ мемонанд.

Давраи донишҷӯйӣ – давраи муҳими барқароршавӣ мебошад. Ин давраи романтикӣ, некбинии ҳаётӣ, мавқеи фаъоли иҷтимоӣ мебошад. Ба зудӣ донишҷӯён дучори гуногунандешагӣ, калавиш ва гумроҳии ҷараёнҳои иртиҷоӣ мегарданд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки донишҷӯ дар муҳити донишгоҳӣ одат мекунад ва ба як маҷрои муайян ворид мешавад. Донишҷӯён баъд аз тағйири ақидаву андешаҳои чандинкарата оқибат арзишҳои хосси худро интихоб ва тарзи муайяни зиндагии хешро пайдо менамоянд.

Донишҷӯйи муосир ба шарофати ташкили дурусти таълиму тарбия ба ҷустуҷӯйи матлуб машғул мешавад. Донишҷӯёни бисёр кундзеҳн бо дастуру раҳнамоҳои омӯзгорон маҳдуд шуда, дар атрофи масъалаҳои мкраккаб камтар андеша мекунанд. Аз ин рӯ, донишҷӯёнро бо назардошти сатҳи мустақилияти маърифаташон метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: донишҷӯёне, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ – ва донишҷӯёне, ки ба фаъолияти эҷодӣ–таҳқиқӣ раҳсипор пайвастаанд.

Дар синну соли донишҷӯйӣ бухрони тағйирот ва дигаргуниҳои психологӣ тез ва ба таври назаррас ба рушди шахсият ҷавонон таъсир мегузорад.

Нишонаҳои бӯҳронӣ аз инҳо иборатанд:

1) ноумедӣ;
2) бад шудани низоъ байни “донишҷӯ-омӯзгор”, “донишҷӯ-донишҷӯ”;
3) рафтори зишти донишҷӯён ба монанди бемасъулиятӣ, мастигарӣ ва истифодаи маводи мухаддир;

Корҳои тарбиявӣ бояд дар асоси талаботи ҷамъият, инчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии донишҷӯён ташкил карда шаванд.

Хусусиятҳои инкишофи ҷисмонии ҷавононро бояд дар раванди ташкили корҳои тарбиявии берун аз таълим ба назар гирифт. Дар синни ҷавонӣ ташаккули организм пурра ба охир мерасад, лекин ба таври кофӣ мустаҳкам намебошад. Ҷавон ҳоло пуртоқат нест, тез хастагиро ҳис мекунад. Дар ин ҳолат барқароршавии қувваи ҷисмонӣ дар ӯ тез ҳосил мешавад.

Дар мактаби олӣ, дар раванди худомӯзӣ ҷавонон бо қонуниятҳои асосии инкишофи табиат ва ҷамъият, бо дастовардҳои илму техника шинос шуда, бовоситаи онҳо маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ва касбиро аз бар менамоянд.

Дар давраи ҷавонӣ сифатҳои шаҳрвандӣ фаъолона ташаккул меёбанд. Асосан ҳиссиёти фаъолияти аҳлона бо муваффақият инкишоф меёбад. Ҷавондухтарон ва ҷавонписарон ба ҳамкорон бовоситаи сифатҳои фардии худ таъсир мерасонанд. Қисме аз донишҷӯён ҳаракат мекунанд, ки худро ҷудо намоянд, ба атрофиён қимати инсонӣ, ягонагӣ, такрорнашавандагии худро нишон дода, "мисли ҳама" набуданашонро исбот мекунанд.

Вяткин Л.Г., Капичникова О.Б., Дружинин А.В. Актуальные проблемы воспитания молодёжи. Вып. 3. – Саратов, 1997. – с.22.

Дар давраи донишҷӯйи шавқу ҳаваси ҷавонон чуқуртар ва бошууронатар мегардад. Шавқи донишомӯзӣ меафзояд. Ҷавонон мафҳумҳои "қарз", "шараф", "виҷдон"- ро мефаҳманд.

Корҳои тарбиявӣ бояд ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии шахсият нигаронида шуда бошанд: инсонпарварӣ, боинтизомӣ, шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, адаби касбӣ. Дар рафти ин корҳо бо назардошти ба шумули хусусиятҳои синнусолии ҷавонон, пеш аз ҳама ба назар бояд гирифт, ки донишҷӯён аъзои баробарҳуқуқи оила мегарданд, дар онҳо сифатҳои инсонӣ ташаккул меёбанд.

**КИТОБНОМА:**

1.Вяткин Л.Г., Капичникова О.Б., Дружинин А.В. Актуальные проблемы воспитания молодёжи. Вып. 3. - Саратов. - 1997. - с.22.

2.Маленькова Я.И. Теория и методика воспитания., Москва, - Пед. Об-во Россия, 2002.- 480 с.

3.Методика воспитательной работы. Под ред. Я.И.Рувинского. – Москва.: Просвещение, 1989. - 335 с.

4.Педагогика профессионального образования: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / Е.П. Белозерцев, А.Д. Гонеев, А.Г.Пашков. Под ред. В.А. Сластенина. - М.: ИЦ «Академия», 2004. - 368 с.

5.Трушников Д.Ю. Воспитание в студенческом общежитии: Монография. /Д.Ю.Трушников. - Тюмень: изд. Тюм. ГНГУ, 2006. - 104 с.

6.Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. - В 2-х книгах. – Душанбе, 2009. - 459 с., 2010.- 197 с.

7.Шоев Н.Н. Педагогические доминанты воспитательно - образовательной технологии системы высшего образования. – Душанбе: Ирфон, 2004 - 304 с.

## НЕКОТОРЫЕ ВОЗРАСТНЫЕ ОСОБЕННОСТИ В ИНДИВИДУАЛЬНОМ РАЗВИТИИ СТУДЕНТОВ

***ХОЛБИБИ ТОШЕВА***

Автор статьи рассматривает некоторые особенности индивидульного развития студентов.

Ключевые слова: технологияи таълимӣ-тарбиявӣ, хусусият, воспитательная работа, в студенческие годы, молодость.

## SOME FEATURES OF AGE IN INDIVIDUAL DEVELOPMENT OF STUDENTS

***KHOLBIBI TOSHEVA***

The author considers some features individual development of students.

**Key words:** teach – education technology, features, educational work, student’s years and younges.

## ВАЗЪИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ.

***АБДУРАШИТОВ Н.Ф., БОБОЁРОВ Х.***
***ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***

Бо ташаббуси шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (ҳоло шуъбаи педагогика, психология ва таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номгузорӣ шудааст), тибқи талаботи моддаи 26-и Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф” ва “Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017” (қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08. 2012, № 382) аз 04.05.2015 то 06.06.2015 (дар муддати як моҳ) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ чор ноҳияи ш. Душанбе: н. Шоҳмансур, н. И. Сомонӣ, н. Сино ва н. Фирдавсӣ, дар самти фаъолияти психологӣ муассиса (хадамоти равоншиносӣ) корҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

Озмоиш бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикитон, дар ҳамкорӣ бо Раёсати маорифи ш. Душанбе ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо сурат гирифт.

**Мақсади озмоиш -** муайян намудани вазъи фаъолияти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонидани ёрии методию амалӣ ба психологҳо (равоншиносон)-и мактабӣ буд.

**Вазифаҳои озмоиш:**

1) омода намудани Низомномаи намунавии хадамоти психологӣ барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

2) муайян намудани муассисаҳое, ки воҳиди кории психолог доранд

3) ташкил ва гузаронидани озмоиш дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки воҳиди кории психолог доранд.

4) омӯхтан ва муайян намудани вазъи фаъолияти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ;

5) дар раванди кор расонидани ёрии методию амалӣ ба психологҳо (равоншиносон)-и мактабӣ.

6) ташкил ва гузаронидани семинар-машварат барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади сайқал додани донишҳои психологӣ ва ба онҳо омӯзонидани усули нави кор дар шароити муассиса;

7) бо назардошти фикру мулоҳизаҳои психологҳои муассисаҳо мукаммал гардонидани Низомномаи намунавии хадамоти психологӣ барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба чоп расонидани он;

8) омода намудани ҳисоботи илмӣ оид ба озмоиш ва барои муҳокима пешниҳод намудани он ба Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ

9) бо назардошти таклифу пешниҳодоти Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳ пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ ба Вазорати маориф ва илми ҶТ;

10) дар шакли китоб ба нашр расонидани ҳисоботи илмӣ оид ба озмоиш.

Барои гузаронидани озмоиш ***ҳамаи психологҳои*** муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии ш. Душанбе ҷалб карда мешаванд.

**Дар ҳайати гурӯҳи корӣ** Абдурашитов Н.Ф. (раҳбари гурӯҳ, мудири шуъба), Кодиров Б.Қ (аъзои гурӯҳи корӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики АТТ, ходими пешбари илми шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ АТТ), Амонов Н.Қ. (аъзои гурӯҳи корӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент, ходими пешбари илми шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ АТТ), ДавлатшоевИ. (аъзои гурӯҳи корӣ, номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илми шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ АТТ) Бобоёров Х. (ходими калони илмии шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ АТТ) шомил будаанд.

Нақшаи корӣ дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Нақшаи кори озмоишӣ**

оид ба муайян намудани вазъи фаъолияти психолог (равоншинос) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонидани ёрии методию амалӣ ба психологҳо (равоншиносон)-и мактабӣ

| № | Мазмуни чорабиниҳо | Шахсони масъул | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1 | Омода намудани Низомномаи намунавии хадамоти психологӣ барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; | Абдурашитов Н.Ф. Бобоёров Х.Х. | То 12.05.2015 |
| 2 | Муайян намудани муассисаҳое, ки воҳиди кории психолог доранд | Абдурашитов Н.Ф. ва Бобоёров Х.Х. дар якҷоя бо кормандони Раёсати маорифи ш. Душанбе ва шуъбаҳои маорифи зертобеи он | То 12-13.05.2015 |
| 3 | Ташкил ва гузаронидани озмоиш дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки воҳиди кории психолог доранд | Абдурашитов Н.Ф. ва Бобоёров Х.Х. дар якҷоя бо намояндагони шуъбаҳои маориф | |
| 4 | Омухтан ва муайян намудани вазъи фаъолияти психолог (равоншинос) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ; | Абдурашитов Н.Ф. Бобоёров Х.Х. | То 05.06.2015 |
| 5 | Дар раванди кор расонидани ёрии методию амалӣ ба психологҳо (равоншиносон)-и мактабӣ | Абдурашитов Н.Ф. Бобоёров Х.Х. | |
| 6 | Ташкил ва гузаронидани семинар-машварат барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади сайқал додани донишҳои психологӣ ва ба онҳо омӯзонидани усули нави корӣ дар шароити муассиса; | Абдурашитов Н.Ф. Кодиров қ.Б. Амонов Н.қ. ДавлатшоевИ. Бобоёров Х.Х. | Аз 09.06.2015 то 12.06.2015 |
| 7 | Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои психологҳои муассисаҳо мукаммал | Дар якҷоя бо ҳамаи иштирокчиёни | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | гардонидани Низомномаи намунавии хадамоти психологӣ барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба чоп расонидани он; | семинар-машварат | |
| 8 | Омода намудани ҳисоботи илмӣ оид ба озмоиш ва барои муҳокима пешниҳод намудани он ба Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ | Абдурашитов Н.Ф. Бобоёров Х.Х. | То 20.06.2015 |
| 9 | Бо назардошти таклифу пешниҳодоти Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳ пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ ба Вазорати маориф ва илми ҶТ; | Абдурашитов Н.Ф. | То 01.07.2015 |
| 10 | Дар шакли китоб ба нашр расонидани ҳисоботи илмӣ оид ба озмоиш. | Абдурашитов Н.Ф. Бобоёров Х.Х. | То 01. 09.2015 |

Дар асоси нақшаи корӣ то имрӯз иҷроиши бандҳои аз 1 то 5 нақша (нигар ба ҷадвали 1) таъмин карда шуд. Бо сабаби ба анҷом расидани соли хониши 2014-2015, ки психологҳои муассисаҳоро дар ҷои корӣ дарёфт кардан инконнопазир буд, иҷрои бандҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 ба моҳҳои сентябр-декабри соли 2015 мавқуф гузошта шуд.

**Таъмини иҷрои нақша (ҷад. 1)**

1. Мувофиқи нақша Низомномаи намунавии хадамоти психологӣ барои психологҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз тарафи ходимони шуъба (Абдурашитов Н.Ф., Бобоёров Х.Х.) омода гардида, барои муҳокима ба Шӯрои методии ПРМ АТТ пешниҳод карда шуд.

2. Аз тарафи ходимони шуъба (Абдурашитов Н.Ф. ва Бобоёров Х.Х.) дар якҷоя бо кормандони Раёсати маорифи ш. Душанбе ва шуъбаҳои маорифи зертобеи он муассисаҳое, ки воҳиди корӣи психолог доранд, муайян карда шуд. Барои муайян намудани мавҷудияти воҳиди психолог дар муассиса ва фаъолияти психолог сараввал ба воситаи телефон пурсишнома гузаронида шуд, ки дар он қариб ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ш. Душанбе (муассисаи таҳсилоти томактабӣ – 93 адад; муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ – 97 адад; маркази кӯдакону наврасон – 4 адад; мактаб-интернатҳо – 6 адад; литсей – 7 адад; гимназия 9 адад; мактаби байналмилалӣ - 2 адад, ки дар маҷмӯъ 218 муассиса) ҷалб карда шудаанд.

3. Дар зинаи сеюми кор: “Ташкил ва гузаронидани озмоиш дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки воҳиди корӣи психолог доранд, омӯхтан ва муайян намудани вазъи фаъолияти психолог (равоншинос) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ” ходимони шуъба (Абдурашитов Н.Ф. ва Бобоёров Х.Х.) дар якҷоя бо намояндагони шуъбаҳои маориф аз он муассисаҳое дидан намудаанд, ки психолог фаъолият менамудаанд ва бо ҳуҷраи корӣи психолог таъмин будаанд. Дар раванди кор ба ҳамаи психологҳо, чи дар шакли хаттӣ (маводи чопӣ) ва чи дар шакли шифоҳӣ (тавассути машварату маслиҳатҳо) ёрии методӣ расонида шуд.

Дар натиҷаи озмоиш маълум гардид, ки дар ш. Душанбе ҳамагӣ дар 104 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ воҳиди корӣи психолог (штати психолог) мавҷуд аст. Аз 218 муассисае, ки ба озмоиш шомил буданд, дар 72 -тои

онҳо психолог кор мекунад. Аз ҷумла 13 – психолог аз рӯйи ихтисос фаъолият дорад ва 30 – психологи муассисаҳо ғайриихтисос вазифаи психологро ишғол намудааст.

Доир ба масъалаи таъмин будани психологони муассисаҳо бо шароити корӣ, хусусан мавҷуд будани ҳуҷраи кории психолог маълум гардид, ки дар 15 муассиса ҳуҷраи корӣ мавҷуд ҳаст. Дар баробари ин, дар 28 муассиса психолог фаъолият мекунанду вале ҳуҷраи корӣ вуҷуд надорад. Онҳо дар синфхонаҳои холӣ фаъолияти психологиро анҷом медодаанд.

Доир ба масъалаи сифати фаъолияти психолог дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ш. Душанбе ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки 4 психолог корро нисбатан беҳтар ба роҳ мондааст, 4 психолог хубтар ба роҳ мондаанд. Кори 6 психолог қаноатбахш ва 32 психологи муассисаҳо ғайриқаноатбахш ҳисобида шуд.

Мутаассифона, дар раванди озмоиш қайд карда шуд, ки бо сабаби доир ба ин масъала мавҷуд набудани фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 психологи муассисаҳо аз ҳамкорӣ даст кашидаанд. Зеро озмоиш бо ташаббуси шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф гузароинда шуд. Барои пурра омӯхтани ин масъала мавҷуд будани фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур дониста мешавад. Маҳз фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони масъули муассисаҳоро то як андоза водор менамояд, ки нисбат ба масъалаи фаъолияти психолог (равоншинос) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ муносибати ҷиддӣ дошта бошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо сабаби маҳдуд будани вакт мо натавонистем ба ҳамаи он муассисаҳои дар руйхати мо мавҷудбуда ошно шавем. Барои боз ҳам пурратар анҷом додани кори озмоишӣ дар ин самт зарур дониста мешавад, ки озмоиш дар моҳҳои сентябр-декабри соли 2015 дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ш.Душанбе давом дода шавад.

Хамин тариқ, натиҷаи озмоиш то имрӯз, ба таври мушаххас чунин аст: дар 104 муассиса – воҳиди кории психолог ҳаст; дар 72 муассиса – психолог кор мекунад; дар 13 муассиса – психолог аз рӯйи ихтисос фаъолият дорад; дар 30 муассиса – психолог ғайриихтисос фаъолият менамояд; дар 29 муассиса – психологҳо аз ҳамкорӣ даст кашидаанд; дар 15 муассиса – утоқи корӣ барои психологҳо ҳаст; дар 28 муассиса – утоқи корӣ барои психолог вуҷуд надорад; дар 4 муассиса – психологҳо бо назардошти фаъолияти намунавӣ беҳтаринҳо шуморида шуд; дар 4 муассиса – психологҳо хуб кор мекунанд; дар 6 муассиса – фаъолияти психологҳо қаноатбахш ҳисобида шуд; ва дар 32 муассиса – фаъолияти психологҳо ғайриқаноатбахш дониста шуд.

Натиҷаи озмоишро доир ба масъалаи вазъи фаъолияти психолог (равоншинос) дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли диаграма чунин дидан мумкин аст:




Аз натиҷаи озмоиш бар меояд, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо вуҷуди мавҷуд будани воҳиди кории психолог, мушкилоти зиёде низ дар фаъолияти психологӣ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, барои то як андоза бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта чунин пешниҳодро зикр кардан ба маврид аст:

1. Барои беҳтар намудани фаъолияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳо ҷалб кардани мутахассисони соҳаи психология хеле муфид аст;

2. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти психологӣ ва ба мушкилоти гуногун дучор нашудани психологҳо бояд ҳуҷраи корӣ бо таҷҳизоташ (ҷузъдон, адабиёти гуногуни психологӣ, методикаҳои озмоишӣ ва дигар маводи лозимӣ) ташкил карда шавад;

3. Психологҳои муассисаҳои таълимӣ бояд бо мутахассисони таҷрибаи баланди кори психологидошта ҳамкорӣ намуда, фаъолияти худро дуруст ба роҳ монанд;

4. Бо мақсади рубарӯ нашудан ба мушкилоти касбӣ барои психологҳо дар муассисаҳои таълимӣ ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат, семинар ва конфронсҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаи психологияи донишгоҳу донишкадаҳои олию касбӣ мувофиқи мақсад аст;

5. Барои боз ҳам хубтар кардани фаъолияти хадамоти психологӣ бо назардошти мушкилоти ҷойдошта давом додани озмоиш дар ин самт зарур ва муҳим дониста мешавад;

6. Барои ҳавасманд кардани психологҳои ҷавон хуб мебуд, ки маоши онҳо баланд бардошта мешуд.

## ПОЛОЖЕНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПСИХОЛОГА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ И ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

***АБДУРАШИТОВ Н., БОБОЁРОВ Х.***

Деятельность психолога в школе включает анализ школьной среды совместно с педагогическим составом, возможности развития и требований к школьнику,

определение критериев эффективности обучения и развития; разработку и внедрение мероприятий, форм и методов, которые рассматриваются как условием успешного обучения и развития, приведение этих условий в постоянно действующую систему.

Ключевые слова: эффективности обучения и развития, деятельность психолога, требование, возможность, критерия, школьник, внедрение мероприятий.

## STATUS OF PSYCHOLOGIST ACTIVITY IN THE SECONDARY EDUCATIONAL SCHOOLS

***ABDURASHITOV N., BOBOYOROV KH.***

The activity of the psychologist in the school includes an analysis of the school environment together with the teaching staff, development opportunities and requirements to the student, the definition of criteria for the effectiveness of training and development; development and implementation of activities, forms and methods that are regarded as a condition for successful learning and development, to bring these terms into a permanent system.

**Keywords:** effectiveness of training and development activities of a psychologist, a requirement, the possibility criterion, the student, the implementation measures.

## ВАСОИТИ ҲАМКОРИИ СУБЪЕКТҲОИ ТАРБИЯ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪМИНИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ НАВРАСОН

***УМЕД ҲАМИДОВ,***
***ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

Зимни тадқиқот ба мо аён гашт, ки ташкили тарбияи ҳуқуқии наврасони хурдсол дар шароити мактаб дар сурате метавонад нати ҷаи дилхоҳ ба бор орад, ки агар бо ин мақсад: а) ҳамбастагии фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимии хонандагон таъмин гардад; б) аз ҷониби муаллимон нисбат ба хонандагон муносибати фардӣ бо баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии онҳо амалӣ гардад; в) фаъолияти муштараки субъектҳои тарбия ба амал баровaрда шавад.[1]

Басо рамзист, ки комгор шудан дар ҳалли ҳама гуна масъала қабл аз ҳама, аз амалишавии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ дар фаъолияти субъектҳои ин ё он раванд вобастагии зич дорад. Зеро Мавлоно Балхӣ фармудааст:

*Ақлҳо м-ар ақлҳоро ёрӣ диҳад,*
*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.*

Аз ин нигоҳ, бо назардошти он, ки рафти ташаккулёбии фард дар айёми наврасӣ аз як тараф, бо мушкилӣ сипарӣ мешаваду аз с ӯйи дигар, «бо душвориҳои ин давра ом ӯзгорону волидайн ва худи наврасон бори нахуст вомех ӯранд»,[2] ҷараёни татбиқи муваффақонаи тарбияи ҳуқуқии наврасон низ бидуни ҳамкории субъектҳо ва ашхоси саҳмгузор дар ин самт мутобиқ ба талабот амалӣ нахоҳад шуд. Азбаски дар баробари амалисозии тадбирҳо бобати афзунгардонии захираи донишҳои ҳуқуқии наврасон бояд такмилёбии сатҳи фарҳанги ҳуқуқии худи ом ӯзгорону волидайн низ таъмин гардад, ҳолати мазкур бори дигар зарурияти таъмини робитаи наздики ниҳодҳои асосии иҷтимоиро ҷиддан ба миён меорад.

Ғайр аз ин, дар та ҷрибаи педагогӣ ба таври кофӣ ом ӯхта нашудани масъалаи дарёфти воситаҳои беҳтарини ҳамкорӣ миёни субъектҳои таъминкунандаи тарбияи ҳуқуқии толибилмони наврас моро водор намуд, то дар ин самт тава ҷ ҷ ӯҳи бештар зоҳир созем.

Дар ҳошияи ҳамин гуфтаҳо ба қавли Г.П.Давидов низоми умумии кори тарбияи ҳуқуқӣ фарогири ҷараёни ташаккулёбии маърифати ҳуқуқии муҳассилин, ом ӯзгорон ва падару модарон мебошад,[3] ки ба андешаи мо дар амалишавии ҳолати мазкур мебояд нақши ҳамкориро муҳим хонд. Зеро аҳамияти роҳандозии ҳамкорӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки дар ҷараёни он и ҷрои ду вазифаи асосӣ таъмин хоҳад шуд: аз як тараф, осон шудани таъмини раванди тарбияи ҳуқуқии наврасони хурдсол барои субъектҳои алоҳида ва аз с ӯйи дигар, беҳтар шудани самарнокии кор дар ин самт. Маҳз ҳамкорӣ қодир аст, ки боварии субъектҳои тарбияро ба худ афзун ва нати ҷаи кори онҳоро дучанд гардонад.

Дар ҷодаи комилгардонии раванди ҳамкории субъектҳои тарбия бо мақсади мусоидат дар рушди ҳуқуқии наврасони хурдсол ба ҷуз аз шаклҳо нақши воситаҳои ҳамкорӣ низ басо бузург мебошад. *Таҳти мафҳуми воситаҳои ҳамкорӣ ҷамъи асбобу лавозимот ва та ҷҳизоту васоити техникие фаҳмида мешавад, ки ҷиҳати таъмини робитаи устувори субъектҳо мавриди корбарӣ қарор мегиранд.* Асри XXI, ки асри иттилооту иртибот маҳсуб меёбад, шароити мусоидро баҳри истифода аз воситаҳои сершумори ҳамкорӣ миёни субъектҳо фароҳам сохтааст. Зимнан, воситаҳои иртиботи муосир туфайли хусусияти оммавии хеш қодир ҳастанд, ки дар як вақт алоқаи мутақобилаи ҳамаи субъектҳои ран ҷбарро дар самти амалисозии раванди тарбияи ҳуқуқии толибилмони наврас мунтаззам таъмин карда бошанд. Ҳамзамон бо истифода аз воситаҳои ҷадиди иртиботӣ робитаи наздики субъектҳои тарбияро новобаста аз мав ҷудияти фосила дар сатҳи хеле олӣ роҳандозӣ намудан имконпазир аст. Аз ин рӯ, истифода ва корбарии чунин васоити аз ҳар ҷиҳат муфиди ҳамкориро дар фаъолияти амалии ҳамаи субъектҳо ҷиҳати воқеъшавии ҳамқадамии онҳо бо пешрафти замона ҳатмӣ ва ниҳоят муҳим мехонем.

Падидоии шумораи ҳарчи бештари воситаҳои таъминкунандаи ҳамкории субъектҳои тарбия аз риво ҷи дастовардҳои иртиботӣ дар ҷомеаи башарӣ вобаста буда, ҳар кадоми он метавонад вобаста аз дара ҷаи нати ҷабахшӣ ва созгории тарзи истифодакуниаш ҳамон қадар зиёдтар мавриди корбарӣ қарор ёбад. Аз ҷумла, зимни паж ӯҳиши мо ҳашт адад воситаҳои ҳамкорӣ муайян гаштанд, ки шояд теъдоди онҳо аз ин ҳам бештар бошад ва ё дар солҳои баъдӣ зиёд гардад. Ҳамзамон мо ин ҳашт адад васоити ҳамкориро вобаста аз хусусиятҳояшон шартан ба ду гур ӯҳ: *техникӣ* ва *ғайритехникӣ* ҷудо кардем. Сараввал, аз шарҳи воситаҳои ғайритехникии ин раванд шур ӯъ хоҳем кард, ки истифодабарии онҳо дар фаъолияти субъектҳо ҳан ӯз дар асри XX маъмул буд.

Мусаллам аст, ки яке аз воситаҳои маъмули таъминкунандаи иртиботи мактаб бо хонавода - ***р ӯзномаи хонанда*** ба шумор меравад, ки дар он ҳар ҳафта натанҳо вазъи азбаркунии донишҳои фаннӣ аз тарафи хонанда қайд мегардад, балки дар он дар фароварди ҳафта аз ҳолати ахлоқи талаба низ нати ҷагирӣ аз с ӯйи роҳбари синф сурат мегирад. Бар замми ин ҳангоме, ки хонанда дар р ӯзи муайян рафтори ғайриахлоқӣ ва ё хилофиқонунӣ содир мекунад, дарҳол ин ҳолат дар р ӯзномаи ӯ қайд гардида, бад-ин тариқ, падару модари наврас огоҳонида ва ё ба суҳбати инфиродӣ даъват карда мешавад. Ба ҳамин монанд даъвати волидон ба ма ҷлиси синфии падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ, ҳамзамон муро ҷиати волидон ба ом ӯзгор ва ё баръакс муро ҷиати мушаххаси роҳбари синфу намояндаи раёсати таълимгоҳ ба падару модар таввассути рӯзномаи хонанда амалӣ карда мешавад. Бо назардошти ин ҳама вазифаҳои рӯзнома месазад, ки онро воситаи муҳими мусоидаткунанда дар таъмини ҳамкории дабистону хонавода ҷиҳати амалигардонии рушди ахлоқӣ-ҳуқуқии наврасон донист.

Воситаи дигари таъминкунандаи иртиботи мактабу хонавода ҷиҳати сайқали донишҳои ҳуқуқии падару модарон, ташкили ***гӯшаи синфии падару модарон*** мебошад. Дар гӯшаи синфии падару модарон чун қоида оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳои волидон дар таълиму

тарбияи фарзанд иқтибосҳо аз банду моддаҳои қонунгузориҳои гуногуни марбут ба ҳамин масъала оварда мешаванд. Ҳамзамон иқтибос аз Оинномаи худи мактаб доир ба масъулияти падару модар дар ҷ мегардад, ки волидон метавонанд аз ин воситаи судманд истифода намоянд.

Ҳамчунин ба хотири изҳори фикру хоҳишҳои муфассал аз тарафи як субъект нисбат ба субъекти дигар бобати дар сатҳи нисбатан хубтар татбиқи ҷараёни тарбияи ҳуқуқии наврасон воситаи аз ҳама қулай ин ***ирсоли нома*** ба унвонии якдигар мебошад. Мавриди ёдоварист, ки аз чунин воситаи ҳамкорӣ, ҳан ӯз дар замонҳои қадим субъектҳо миёни ҳам ба таври хеле фаровон истифода мекарданд. Афзалияти ин воситаи ҳамкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо пайвандгари мактабу оила, балки қодир ҳаст, ки иртиботи ҳамаи субъектҳои тарбияро бо мақсади тавъамсозии ма ҷм ӯи қувваҳо дар тарбияи ҳуқуқии муҳассилини наврас таъмин намояд. Чунончи маълум аст, дар ҳоли ҳозир ирсоли нома ба суроғаи якдигар метавонад бо роҳи расмӣ, яъне тариқи «Почтаи давлатӣ» ва ё ғайрирасмӣ, яъне тавассути шахси боваринок амалӣ гардад. Масалан, бо назардошти роҳи аввал волидайн метавонанд баҳри посух гирифтан ба суоли мазмуни ҳуқуқидоштаи хеш ва ё дарёфти роҳи раҳоӣ аз вазъияти мураккаби ҳуқуқии баамаломада, ки яке аз воситаҳои афзунсозандаи ҳа ҷми донишҳои ҳуқуқии эшон мебошад, номаеро бо дархости ирсоли мактуби ҷавобӣ, ба унвонии машваратгоҳи ҳуқуқӣ навишта, ҳамзамон дар р ӯйи мактуб индекси почта ва суроғаи муассисаро дуруст инъикос намуда, онро тариқи «Почтаи давлатӣ» ирсол намоянд. Пас аз гузашти чанд р ӯз мактуби ҷавобӣ ба манзили истиқоматии онҳо боз ҳам тавассути хаткашони расмӣ ва ё як тан намояндаи машваратгоҳи ҳуқуқӣ дастрас хоҳад шуд. Вале бояд дар хотир дошт, ки дар замони гузариши ҷомеа ба низоми нави иқтисоди бозоргонӣ, одатан хизматрасониҳои ҳуқуқӣ низ бар ивази пардохти маблағи муайян амалӣ мешаванд.

Ирсоли нома тавассути шахси боваринок, ё худ татбиқи ғайрирасмии ин амал онро дар назар дорад, ки дар мавриди ошкоршавии ҳолатҳои берун аз чаҳорч ӯби талаботи қоидаҳои ахлоқӣ рафтор намудани хонандаи муайян роҳбари синф имкон дорад, ки бо мақсади рафъ сохтани чунин рафтори наврас дар доираи ҳамкорӣ бо оила номаеро бо нишон додани вазъи бади ахлоқи ӯ ва роҳу усули пешгирӣ аз чунин ҳолатро нигошта, онро бо дасти ягон нафар ба падару модари наврасӣ ахлоқаш халалёфта равон намояд.

Табиист, ки солҳои охир бо тадри ҷан созгоршавии низоми корбарӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи таълиму тарбия туфайли пайдо шудани воситаҳои ҷадиди техникӣ доираи истифодаи васоити ғайритехникии таъминкунандаи ҳамкории субъектҳои тарбия торафт маҳдуд гашта истодааст. Албатта ин ҳолат хуб аст ва боиси қаноатмандии ҳар фард мебошад.

Зимнан, яке аз воситаҳои техникии ҳамкорӣ - истифодабарии ***телефони боварӣ*** дар низоми фаъолияти субъектҳо, ё худ тамосгирии субъектҳо тавассути телефон дар ҳалли масъалаи таъмини тарбияи ҳуқуқии наврасон мебошад. Бояд гуфт, ки нақши телефони боварӣ дар таъмини иртиботи субъектҳои тарбия басо бар ҷаста буда, ҳамзамон ин навъи восита дар болоравии сатҳи маърифати ҳуқуқии чи наврасону чи падару модари эшон ва ом ӯзгорон аҳамияти беназирро дорост. Ҳамин аст, ки имр ӯзҳо тавре аз роликҳои таблиғотии соири шабакаҳои телевизионии Русия бар меояд, феълан дар қаламрави ин кишвар телефони бовари ройгон амал мекунад, ки вазифаи он аз дароз намудани дасти к ӯмак тавассути ироа сохтани маслиҳату тавсияҳои муфиди коршиносон ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҳуқуқии наврасон ва осон намудани рафти тарбияи ҳуқуқии онҳо аз тарафи волидону ом ӯзгорон иборат мебошад. Телефони боварӣ дар ҳар ноҳия метавонад, ҳам аз тарафи Хадамоти кор бо ноболиғони ШКД, ҳам аз ҷониби машваратхонаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам аз тарафи мактабҳо таъсис дода шавад, то ки волидайн тавонанд бо ин ниҳодҳои и ҷтимоӣ иртиботи доимӣ барқарор намуда, туфайли ан ҷом додани суҳбатҳои инфиродӣ бо мутахассисони соҳа, ҳам донишҳои ҳуқуқии хешро афзун гардонанду ҳам тарбияи ҳуқуқии фарзандонашонро дуруст

ба роҳ монанд. Мавриди таъкид аст, ки телефони боварӣ дар ин роҳ воситаи нисбатан судманду мусоид буда, тавассути он метавонад дилхоҳ масоили пешор ӯомада марбут ба таъмини тарбияи ҳуқуқии мактабиёни наврас миёни субъектҳо матраҳ ва ҳалли худро пайдо намояд.

Лекин бо ин ҳама судмандиаш, мутаассифона дар ҳудуди давлати мо бинобар сабаби ҳамоно суст будани заминаҳои моддӣ-техникӣ, сатҳи бади таъминоти кадрӣ ва нокифоя будани маблағгузории муассисоти давлатӣ то кунун дар низоми фаъолияти онҳо чунин воситаи хуби ҳамкорӣ таъсис дода нашудааст, агар шуда бошад ҳам, на ҳама аз мав ҷудияту фаъолияти онҳо огаҳӣ доранд. Бинобар ин, мақомоти дахлдори давлатиро мебояд бо назардошти вазъи маърифати ҳуқуқии наврасони имр ӯза ва бо баҳисобгирии заминаҳои иқтисодии ҷойдошта сари ин масъала низ боре андеша намоянд ва дар ин самт тадбирҳои мушаххаси амалиро ҳарчӣ тезтар р ӯйи кор оранд.

Ҳамчунин боз як восиати нисбатан ҷадиди техникӣ, ки феълан дар таъмини робитаи субъектҳои тарбия нақши фаъол дошта, ҳамзамон маҳз бо ҳамин хусусияти хеш доираи истифодашавии васоити ғайритехникии ин раванд, ба вижа ирсоли номаро миёни субъектҳо ниҳоят танг сохтааст, ин созмонёбии суроғаи ***почтаи электронии*** субъектҳои алоҳида дар шабакаи ҷаҳонии интернет мебошад. Почтаи электронӣ низ ҳамчун нати ҷаи дастовардҳои муосири техникӣ воситаи комилан созгори бароҳмонии ҳамкории мутақобила буда, он ҳоло дар низоми фаъолияти кулли субъектҳо бо суръати баланд доман густурда истодааст. Хусусияти фарққунандаи ин навъи воситаи таъминкунандаи ҳамкорӣ аз телефони боварӣ дар он аст, ки онро метавонанд, на танҳо субъектҳои муассисавӣ, инчунин оилаҳо низ таъсис диҳанд ва ҳатто падар ва модар ҳар кадом дар алоҳидагӣ метавонанд суроғаи почтаи электронии худро дошта бошанд, ки воситаи сатҳи олиест ҷиҳати созмонёбии иртиботи мутақобилаи ҳамаи субъектҳои тарбия.

Тавассути почтаи электронӣ низ, чунончӣ дар мавриди таъиноти ирсоли нома гуфта будем, метавонад ироаи саволу пурсишҳо ва дархосту пешниҳодоти муфид бобати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди такмили ҳуқуқии наврасон дар шароити хонавода ва мактаб миёни субъектҳои дар ин ҷараён саҳмдор сурат пазирад.

Илова бар ин, солҳои охир воситаи дигари таъминкунандаи иртиботи мустақими субъектҳо бобати расидагирии онҳо дар баррасии масъалаҳои дилхоҳ миёни ҳам ба ву ҷуд омадааст, ки онро ***«чат»*** (англ. chat — лаққидан) г ӯянд. Ин воситаи ҳамкорӣ, ки истифодааш танҳо тариқи интернет ипконпазир аст, ба субъектҳои тарбия имкон медиҳад, то ҳамаи онҳо дар як вақт аз нишастгоҳи хеш берун наомада, атрофи ин ё он масоили тарбия байни ҳам табодули назар ва муҳокимаронӣ намоянд ва бад-ин васила якдигарро аз нозукиҳои кори тарбия, махсусан аз татбиқи раванди тарбияи ҳуқуқии наврасон огоҳ созанд. Гузашта аз ин, дар доираи имконоти «чат» ва ҳамзамон «*Скайп*» субъектҳои тарбия имкон доранд, ки шаклҳои мухталифи ҳамкории хешро бо якдигар, ба монанди: гузаронидани ҳамоишу суҳбатҳои гур ӯҳӣ, конфронсу семинарҳои ом ӯзишӣ ва ғайраҳоро тариқи истифодаи босамар аз ин навъи воситаи ҳамкорӣ роҳандозӣ намоянд. Яъне волидайн ва дигар ашхоси саҳмдор дар ин раванд дар сурати ташкил шудани ҳамоиш тариқи «чат» аз тарафи ин ё он ниҳоди и ҷтимоӣ имкон доранд, ки бидуни қадам ран ҷа намудан ба даргоҳи муайян, аниқтараш аз қароргоҳи хеш набаромада, метавонанд дар кори ҳамоиш ширкат ва ҳамзамон нуқтаи назари худро дар ҷараёни он иброз доранд. Чунончи, аз тарзи истифодабарии ин навъи воситаи таъмингари робита, ки на ҳама субъектҳо аз он пурра огаҳӣ доранд, бармеояд, он имкон медиҳад, ки ҳам вақти иштирокчиёни ҳамоиш сарфа гардад ва ҳам субъектҳои муассисавӣ барои гузаронидани чорабиниҳои гур ӯҳӣ ба толорҳои алоҳида ниёз надошта бошанд. Ва судмандии «чат» ҳам баҳри татбиқи ҳамкории субъектҳои тарбия бо мақсади беҳтарсозии раванди тарбияи ҳуқуқии наврасони хурдсол маҳз дар ҳамин хусусияташ зоҳир мегардад.

Ғайр аз ин, ***сомонаҳои интернетӣ***, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои тарбия, ба истиснои оилаҳо дар шабакаи ҷаҳонӣ боз карда мешаванд, дар таъмини иртиботи ниҳодҳои иҷтимоӣ ва болоравии савияи донишҳои ҳуқуқии эшон саҳми босазо доранд. Дар доираи ин гуна сомонаҳо вобаста ба ҳаҷмашон метавонад матни пурраи қонунгузориҳо, аз қабили: Кодексҳои ҳуқуқӣ, қарору фармонҳои сатҳи маҳалливу ҳукуматӣ, қонунҳои алоҳидаи амалкунанда ва дигар маводи мазмуни ҳуқуқидошта ҷой дода шаванд, ки метавонанд дар сайқалёбии фарҳанги ҳуқуқии ом ӯзгорону волидон аҳамияти муҳим дошта бошанд. Ҳамзамон бо назардошти талаби замон машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкории хеш бо ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ баҳри мусоидат дар таъмини дурусти тарбияи ҳуқуқии наврасон аз тарафи онҳо ва зоҳир намудани мадад ҷиҳати рафъ сохтани мушкилоти ҳуқуқии эшон имкон доранд, дар саҳифаи сомонаи муассисаашон раванди посух гуфтан ба саволҳои ҳуқуқиро ба роҳ монанд. Ё худ, сомонаи алоҳидаеро бо ин ҳадаф боз намоянд, ки айни ҳол фаъолияти пурсамар доштани сомонаи маслиҳати ҳуқуқии ройгон дар фазои иттилоотии кишвар бо суроғаи www.bhr.tj намунаи возеҳи ҳамин гуфтаҳост.

Ва воситаи ниҳоии ҳамкории субъектҳои тарбия, ки ҳам техникӣ ва ҳам ғайритехникӣ буда метавонад, ***васоити ахбори омма (ВАО)*** ба шумор меравад. Ба воситаҳои ғайритехникии ВАО рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ дохил мешаванд, ки тавассути онҳо аз сӯйи ин ё он намояндаи ниҳодҳои иҷтимоӣ тарзу усули мушаххаси фарохгардонии доираи тасаввуроти ҳуқуқии мактабиёни наврас, мавҷудияти проблемаҳои ҳалталаб дар ин самт ва дигар нуқтаҳои марбут ба ҳамин масъала дар шакли мақолаҳои илмӣ-оммавӣ нашр гардида, дастраси дигар субъектҳои тарбия гардонида мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ҳар шумораи матбуоти даврӣ дар як вақт теъдоди зиёди субъектҳои тарбия аз ҳар гӯшаю канори мамлакат фикру мулоҳизоти хешро дар бастагӣ ба қазияи мазкур навишта, бо ҳамин ҳиссаи худро дар низоми ҳамкорӣ доир ба тарбияи ҳуқуқии наврасон мегузоранд.

Ба воситаҳои техникии ВАО бошад, радио ва телевизион шомил ҳастанд, ки аз тариқи инҳо низ туфайли пахши барномаҳои гуногунмазмун андешаҳои ҷолиби диққати коршиносони бахши таълиму тарбия ро ҷеъ ба вазъи кунунии фарҳанги ҳуқуқии наврасон, ҳолати рафторҳои мактабиёни имрӯза ва роҳҳои беҳтарсозии ин хусусиятҳо дар насли наврас аз тарафи оилаву ҷомеа, шунавонида ва намоиш дода мешаванд. Ҳамзамон тавассути васоити мазкур раванди фаҳмондадиҳии моҳияти қонунгузориҳои мухталиф бо услуби публисистӣ аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносон ва худи журналистон сурат мегирад, ки онро тамоми ом ӯзгорону волидон метавонанд дарк намуда, аз ин ҳама хулосаҳо бароранд ва мавриди татбиқи тарбияи ҳуқуқии наврасон ба кор баранд. Бо ҳамин, нақши ВАО дар қатори дигар воситаҳои мусоидаткунанда дар таъмини ҳамкории субъектҳои тарбия бобати амалисозии ҷараёни густаришпазирии шуури ҳуқуқии наврасони хурдсол аз ҳар ҷиҳат муҳим хонда мешавад.

Хулоса, татбиқи амалии ҳама шаклҳои ҳамкорӣ ва истифодаи оқилонаи васоити таъминкунандаи ин раванд, ки яке аз омилҳои асосӣ дар роҳи расидан ба ҳадаф бобати таъмини муваффақонаи тарбияи ҳуқуқии наврасони хурдсол мебошад, танҳо ҳамон вақт метавонад имконпазир гардад, ки агар дар низоми корбарии ҳамаи субъектҳои тарбия соири тадбирандешиҳои мушаххаси аввалия дар ин самт ҷоннок карда шаванд. Ба монанди: а) беҳтарсозӣ, ё худ мутобиқ ба талаботи замон гардонидани вазъи маблағгузории давлатӣ дар соҳаҳои маориф ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; б) беҳтарсозии ҳолати таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои номбурда; в) беҳтаргардонии заминаҳои моддӣ-техникии субъектҳои муассисавӣ ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳо; г) боло бурдани сатҳи кордонӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносии кормандони субъектҳои муассисавӣ ва ҳамчунин масъулиятшиносии худи волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон.

**КИТОБНОМА:**
1. Кузнецов Г.А. Взаимодействие нравственного и правового воспитания в формировании личности старшего подростка. Автореф. дис. канд. пед. наук. – М., 1979.
2. Вознесенская И.Н. Психологические основы формирования дисциплинированности у младших подростков. Автореф. дис. канд. псих. наук. – М., 1994.
3. Давыдов Г.П. Основы правового воспитания учащихся общеобразовательной школы. Автореф. дис. докт. пед. наук. – М., 1984.

## СРЕДСТВА СОТРУДНИЧЕСТВА СУБЪЕКТОВ ВОСПИТАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ

***УМЕД ХОМИДОВ***

В нынешних условиях системы образования страны в поддержании эффективной взаимосвязи субъектов воспитания для обеспечения правового воспитания подростков знание видов средств, обеспечивающих, этих процессов и методов и их использования имеет большое научное и практическое значение. В статье делается попытка решения данного вопроса, целью которой является оказание методической помощи сотрудникам сферы образования.

**Ключевые слова:** *подростки, правовое воспитание, сотрудничество, субъекты воспитания, средства сотрудничества, школа, семья, учителя, родители.*

## (MEANS OF COOPERATION EDUCATION SUBJECTS IN THE PROCESS OF LEGAL EDUCATION OF TEENAGERS)

***YMED HAMIDOV***

Under the current circumstances the country's education system in the maintenance of effective relationships education entities to provide legal education of teenagers the knowledge of species means ensuring, the process and methods of their use is of great scientific and practical importance. The article is an attempt to address this issue, which aims to provide guidance to employee education.

**Key words:** *adolescents, legal education, cooperation, training actors, collaboration tools, school, family, teachers, parents.*

## ОМИЛҲОИ ПСИХОЛОГИИ РУШДИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ПЕДАГОГӢ

***Қ. М..КАРИМОВ***
***ассистенти кафедраи психологияи ДМТ***

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун хусусияти шахсият дар тамоми соҳаҳое, ки муносибатҳои доимӣ ва мураккабу гуногунҷанбаи инсонҳоро тақозо менамоянд, муҳим мебошад, аммо он дар раванди таълиму тарбия аҳамияти махсус пайдо мекунад. Зеро дар ин раванд бархурди шахсиятҳое ба вуҷуд меояд, ки аз як ҷониб, вобаста ба хусусиятҳои касб нисбат ба омӯзгор талабот ба риояи ҷиддии чорчӯбаи муайяншудаи рафтор муқаррар шудааст, аз ҷониби дигар, рафтору муносибати шахсиятҳои ҳанӯз ноустувору такомулнаёфтаи хонандагон дар баъзе вазъиятҳо пешбининашаванда мебошанд. Ҳамин тавр, системаи мураккаби муносибатҳое, ки омӯзгор дар раванди иҷрои вазифаҳои касбии хеш ба он ворид мегардад, дар ду самт ихтилофҳоеро ба вуҷуд оварда метавонад, ки дар ҳоли ташаккул наёфтани хусусияти таҳаммулпазирӣ дар роҳи расидан ба мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ монеаҳоро ба вуҷуд меоваранд. Самти аввал ихтилофҳои ботиниро дар назар дорад, ки дар

натиҷаи бархурди майлҳои инсонии омӯзгор бо чаҳорчӯбаи меъёрҳои иҷтимоӣ барои касби ӯ муқарраршуда ба вуҷуд меоянд. Самти дувум бошад, ихтилофҳои байнишахсиро ифода мекунад, ки бевосита дар муносибати байни омӯзгор бо дигар аъзои раванди педагогӣ (хонандагон, ҳамкорон) ба вуҷуд меояд.

Дар алоқамандӣ бо гуфтаҳои боло хусусиятҳои таҳаммулпазирии омӯзгорро дар раванди педагогӣ таҳлил намуда, Ю.П. Поваренков ду намуди таҳаммулпазирии педагогиро ҷудо намудааст: таҳаммулпазирии иҷтимоӣ (ё иҷтимоиву психологӣ) ва психологӣ (ё психофизилогӣ) [4]. Мавҷудияти таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ба андешаи муаллиф ба омӯзгор имконият медиҳад, ки бо тамоми аъзои раванди таълиму тарбия ба таври самарнок ҳамкорӣ намояд. Ташаккули таҳаммулпазириии психологӣ бошад, устувории баланди омӯзгорро ба стрессҳои зиёди касбӣ таъмин намуда, ба самаранокии ташкили пешрафту муваффақиятҳои касбӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқ ҳамчунин пешниҳод менамояд, ки дар таркиби таҳаммулпазирии иҷтимоӣ унсурҳои сохтории динамикӣ ва амалиётӣ ҷудо карда шаванд. «Тарафи динамикии таҳаммулпазирӣ аз рӯйи мазмуни соҳаи маромнокии омӯзгор (омодагӣ ба қабул кардани шогирд ончуноне, ки ӯ ҳаст), системаи арзишҳо, шавқу ҳавас, эътиқодҳо ва мақсадгузориҳои иҷтимоии вай муайян карда мешавад. Ҷанбаи амалиётии таҳаммулпазирии иҷтимоиро бошад, дониш, маҳорат ва қобилиятҳои мушаххас (дониш дар бораи хусусиятҳои психологии одамон, қобилияти муомила бо шахсиятҳои гуногун, қобилияти назорати раванди муошират ва ғ.) ташкил медиҳанд» [4, с. 38].

Дар асоси ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ташаккул додани ҷанбаи иҷтимоии таҳаммулпазирии педагогӣ дар омӯзгорон ва хусусан омӯзгорони ҷавон дар ду самт таъсиррасонии педагогию психологиро ба роҳ мондан зарур аст. Аввалан, дар байни хатмкунандагони мактабҳои ҳамагонӣ омӯзиши тамоюли касбӣ, роҳнамоии касбиро дурусту самаранок ба роҳ монда, хатмкунандагони дорои шавқу ҳавасҳои мувофиқ ва майл ба фаъолияти педагогидоштаро ба дорулмуаллимин ва ихтиссосҳои педагогии дигар макотиби олӣ ҷалб намудан ва минбаъд маромҳои касбиро мунтазам дар онҳо ташаккул додан лозим аст.

Сониян, дар раванди омӯзиши касбӣ ба педагогҳои оянда дар баробари донишҳои соҳавӣ дониш, маҳорат ва малакаҳои педагогиро ташаккул додан лозим аст, ки дар ин ҷо фаъол намудани институти таҷрибаомӯзӣ ва тамрину тренингҳои психологӣ нақши муҳим иҷро карда метавонанд.

Ташаккул додани ҷанбаи психологӣ ва ё психофизиологии таҳаммулпазирии педагогӣ бошад, бевосита бо таъсиррасониҳои психологӣ вобаста буда, онро дар заминаи хусусиятҳои заминавии шахсияти мутахассиси оянда амалӣ гардонидан мумкин аст. Чунин таъсиррасониро метавон бевосита дар раванди таҳсили донишгоҳӣ низ амалӣ намуд. Дар раванди дарсҳои амалии фанҳои психологӣ он хислатҳои шахсияти донишҷӯёни ихтисосҳои равияи педагогидошта, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ мусоидат ва ё монеа эҷод карда метавонанд, ошкор карда мешаванд ва вобаста ба онҳо тренингҳои психологӣ ё корҳои психокоррексионӣ ташкил карда мешаванд ё худ ба ин мазмун барномаҳои худтарбия тавсия карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз шароити рушди таҳаммулпазирии педагогӣ – ин худи фаъолияти педагогӣ мебошад, ки дар раванди он омӯзгор таҷрибаи бойи ба роҳ мондани муносибат ва муомила бо шахсиятҳои гуногунро аз худ менамояд. Аммо дар назар бояд дошт, ки маҳз муҳити мусоиди иҷтимоиву психологие, ки фаъолияти касбии омӯзгор дар он ҷараён мегирад, шарти инкишофи сифатҳои касбие чун таҳаммулпазирӣ шуда метавонад. Чуноне, ки дар ин бора В.В.Шалин қайд мекунад, «яке аз муҳимтарин ниҳодҳои иҷтимоие, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ (-и педагогӣ) мусоидат карда метавонад - ин таҳсилоте мебошад, ки дар он муколама, ҳамкорӣ, эҳтироми байниҳамии тамоми субъектҳои раванди педагогӣ самаранок амалӣ мегарданд» [6, с. 45].

Муҳаққиқ Л.Б. Коржакова низ дар асоси таҳқиқоти хеш ба хулосае омадааст, ки фароҳам овардани шароити мусоид шарти асосии ташаккули таҳаммулпазирии

педагогӣ мебошад. Ҳамчунин ӯ қайд намудааст, ки ин хусусият бо раванди муошират алоқамандии зич дорад ва вобаста ба ин ҷанбаи муҳими таҳаммулпазирии педагогӣ – ин таҳаммулпазирии иртиботиву педагогӣ мебошад [1].

Муайян карда шудааст, ки таҳаммулпазирии иртиботиву педагогӣ дар раванди фаъолияти касбии омӯзгор такомул ёфта, дар давраи муайяни собиқаи педагогӣ ба авҷи олии худ мерасад. Минбаъд, дар асоси таъсири ҳаяҷонҳои касбӣ, падидаи афсурдагии касбӣ, ҳамчунин зиёд шудани фосилаи синнусолӣ дар байни омӯзгор ва шогирдон, ки гуногунии ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ҳаётиро ба вуҷуд меоварад, ин хусусияти шахсият метавонад тадриҷан рӯ ба таназзул оварад. Доир ба давраи авҷи зуҳури таҳаммулпазирии иртиботиву педагогӣ андешаҳо гуногун мебошанд. Чунончи Л.Б. Коржакова дар асоси таҳлили таҳқиқоти ба ин мавзӯъ бахшидашуда ин давраро ба собиқаи кори 7-15 солаи омӯзгор мувофиқ донистааст [1]. Дар тадқиқоти О.Б. Нурлигаянова бошад, ин давра ба собиқаи педагогии 4-7 - сола мувофиқ дониста мешавад ва муаллиф сабаби онро дар таваҷҷуҳи хоссаи омӯзгор ба натиҷаи меҳнати хеш ва раванди ҳамкорӣ бо дигар аъзои раванди педагогӣ дар ин давра мебинад. Ҳамчунин, ин муаллиф бар хилофи аксар муҳаққиқони дигар авҷи дувумбораи зуҳури ин хусусиятро дар давраи собиқаи 20-40 - солаи омӯзгорон ба қайд гирифтааст, ки бо андӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ ва камолоти касбӣ алоқаманд медонад [3].

Боиси қайд аст, ки вобаста ба фаъолияти омӯзгор дар зинаҳои алоҳидаи таҳсилот таҳаммулпазирӣ хусусиятҳои хоссро пайдо мекунад. Масалан, тадқиқоти О.П. Морозова нишон дод, ки унсури асосии таҳаммулпазирии педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки ба самаранокии фаъолияти педагогӣ таъсири мусоидаткунанда расонида метавонад, унсури «Меҳрубонӣ» мебошад [2]. Ҳол он ки мувофиқи тадқиқоти О.Б. Нурлигаянова дар сохтори таҳаммулпазирии педагогии омӯзгорони синфҳои миёна ва боло унсури «Эҳтиром» нақши асосиро иҷро мекунад [3].

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, омилҳои асосии рушди табиии таҳаммулпазирии педагогиро мавҷудияти хусусиятҳои мусоидаткунандаи шахсият, шароит (муҳит)-и мувофиқ ва таҷрибаи муваффақи педагогӣ ташкил медиҳанд, вале ин хусусиятро чун дигар хусусиятҳои мусбии шахс ва сифатҳои муҳими касбӣ бо роҳи таъсиррасонии мувофиқ низ ташаккул додан мумкин аст, ки яке аз мақсадҳои асосии омӯзиши ин масъала низ маҳз дар ҳамин ифода меёбад.

Муҳаққиқони масъала барои ташаккул додани таҳаммулпазирии педагогӣ модели 5 марҳалавиро тавсия медиҳанд, ки марҳалаҳои омодагӣ, даркнамоӣ, баҳогузорӣ, амалнамоӣ ва рефлексияро дар бар мегирад. Вобаста ба ин модел марҳила ба марҳила хусусиятҳои ба рушди таҳаммулпазирӣ монеашаванда бартараф ва хусусиятҳои мусоидаткунада инкишоф дода шуда, таҳаммулпазирии педагогӣ аз шакли тасодуфӣ – вазъиятӣ ба шакли устувору мақсаднок ташаккул дода мешавад. Мақсад ва роҳу усули амалисозии марҳилаҳои рушди таҳаммулпазирии педагогӣ дар ҷадвали зерин баён карда шудааст:

Ҷадвади №1. Модели ташаккул додани таҳаммулпазирии педагогӣ

| Марҳилаҳо | Мақсад | Роҳу усул |
|---|---|---|
| Омодагӣ | Аниқ намудани интизориҳои касбии омӯзгорон оид ба ташаккули таҳаммулпазирии педагогӣ, ба вучуд овардани муттаҳидии гурӯҳӣ, боварӣ ба якдигар, бартарафсозии монеаҳои иртиботӣ | Мушоҳида, тест – пурсишномаҳо, суҳбат, тамринҳо, тренингҳо ва бозиҳо |

| | | |
|---|---|---|
| Даркнамоӣ | Дарки масъалаи таҳаммулпазирӣ, паст кардани сатҳи изтиробнокӣ, кӯшиш барои маърифатнокӣ ва худтағйирдиҳӣ | Мубоҳиса, тамринҳо, тренингҳо ва бозиҳо |
| Баҳогузорӣ | Баҳогузорӣ ба худ ҳамчун шахсияти таҳаммулпазир, имкониятҳои худтағйирдиҳӣ, ташаккул додани қабули фардияти одами дигар | Анкетагузаронӣ, тамринҳо, тренингҳо ва бозиҳо |
| Амалнамоӣ | Такмили фаҳмиши сарҳади таҳаммулпазирӣ, ташаккули ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории самаранок | Бозиҳои нақшӣ, мубоҳиса, тамринҳо, тренингҳо ва бозиҳо |
| Рефлексия | Баҳогузорӣ ба натиҷаҳои дар раванди тренинг бадастовардашуда | Унсурҳои арттерапия, худбаҳодиҳии натиҷаҳои бадастовардашуда, тамринҳо, тренингҳо ва бозиҳо |

Хулоса, таҳаммулпазирии педагогӣ аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгор баҳо дода шуда, ташаккул додани он шарти бомуваффақият ба роҳ мондани фаъолияти педагогӣ ва қаноатмандӣ аз раванду натиҷаҳои он дониста мешавад. Барои ташаккул додани таҳаммулпазирӣ дар мутахассисони ояндаи соҳаи маориф ҳанӯз аз давраи хониши мактабӣ ба маромнокии онҳо таъсири мувофиқи педагогиву психологӣ расонидан зарур аст. Минбаъд, дуруст ба роҳ мондани роҳнамоии касбӣ, интихоби касб ва дар давраи фаъолияти касбӣ бошад, шароити мусоид ва муҳити солими психологӣ рушди ин хусусиятро таъмин менамояд. Дар инкишофи таҳаммулпазирии педагогии омӯзгорони оянда раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ нақши муҳим иҷро карда метавонад. Вобаста ба ин, макотиби олиро лозим аст, ки сохтор ва мазмуни таҷрибаомӯзии педгогии донишҷӯёни ихтиссосҳои равияи педагогидоштаро мувофиқан таҷдиди назар намоянд.

## КИТОБНОМА:


1. Коржакова Л.Б. Педагогическая толерантность как профессионально важное качество педагога //Международный журнал экспериментального образования №9, 2013 С.49-52
2. Морозова О. П. Педагогическая толерантность учителя начальных классов //Ярославский педагогический вестник– 2013 – №2 – ТомII (Психолого-педагогические науки). С.176-179
3. Нурлигаянова О.Б. Психологическое содержание педагогической толерантности как профессионально важного качества учителя: дис. … канд. психол. наук. – Ярославль, 2006. – 188 с.
4. Поваренков Ю.П. Психологическая характеристика профессиональной толерантности учителя //Вопросы психологии внимания: сб. науч. трудов /Под ред. проф. В.И. Страхова. — Саратов: изд-во Сарат. ун-та, 2003. — Вып. 21. — 256 с.
5. Фадеева Т.Ю. Формирование педагогической толерантности будущих специалистов сферы образования Автореф. дисс. ... канд. пед. н. - Саратов, 2012.- 24 с.
6. Шалин В.В. Толерантность (культурная норма и политическая необходимость). — Краснодар: Периодика Кубани, 2000. —256 с.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ТОЛЕРАНТНОСТИ

***К.М.КАРИМОВ***

В статье рассматривается понятие толерантности как важное личностно-профессиональное качество педагога. Автор на основе сравнительного анализа исследований, к основным факторам развития педагогической толерантности относит определенные качества личности, условия (т.е. среду), удачный педагогический опыт и правильное педагого-психологическое воздействие. Конкретно анализируя вопрос, автором предлагается модель целевого воздействия на развитие педагогической толерантности.

**Ключевые слова:** педагогическая толерантность, развитие педагогической толерантности, воспитание толерантности, виды педагогической толерантности, психологическая подготовка будущих педагогов.

## PSYCHOLOGICAL FACTORS OF DEVELOPMENT OF PEDAGOGICAL TOLERANCE

***K.M.KARIMOV***

The article deals with the concept of tolerance as an important personal and professional quality of the teacher. Author on the basis of comparative analysis studies, the main factors of development of pedagogical tolerate certain personality traits, conditions, successful teaching experience and proper pedagogic-psychological impact. Specifically, analyzing the latter, the author proposes a model of the desired impact on the development of teaching tolerance.

**Key words**: Teaching tolerance. The development of teaching tolerance. Tolerance education of the future teachers. Forms of teaching tolerance. Psychological preparation of future teachers.

## НАҚШИ ПАДАРУ МОДАРОН ВА КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ИНКИШОФИ ШАХСИЯТИ КӮДАК

***ШАРИФОВА Б.***
***унвонҷӯи ПРМ АТТ***

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» 28 декабри соли 2013, №1056 тасдиқ шуда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таълиму тарбияи томактабиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва мақоми муассисаи томактабиро муайян кардааст. Яъне «муассисаи таълимии томактабӣ – ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад ва инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқию иҷтимоии кӯдаконро то расидан ба ҳафтсолагӣ таъмин менамояд.

Бар асоси ин санади меъёрию ҳукуқӣ ҳайати кормандони муассисаҳои томактабиро омӯзгорон, мураббиён, мушовирон, кормандони тиббӣ, ёварони мураббиён, дояҳо ва кормандони ёрирасон ташкил медиҳанд. Ва онҳоро зарур аст,

ки ҷиҳати инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқию иҷтимоии кӯдакон дар робита ба нишондоди Қонуни мазкур тадбирҳо амалӣ намоянд.

Дар (боби 1, моддаи 1.)-и Қонуни зикршуда таълиму тарбияи томактабӣ ба таври зерин тафсир шудааст: «таълиму тарбияи томактабӣ – раванди мақсадноке, қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабиро инкишоф дода, ба оила, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад»[1]

Зимни ин тафсир падару модарон ва кормандони муассисаҳои томактабӣ муваззафанд, ки талаботи давлатиро оид ба дараҷаи инкишофи маърифатнокии кӯдакон муайян намуда, шароити хубу мусоиди таълимию тарбиявӣ фароҳам оранд.

Ниҳоди аввалияи таълиму тарбият хонавода аст ва арзишҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим аз тарафи падару модар ба кӯдак интиқол меёбанд. Хонавода маконест, ки ёдгирии аввалини арзишҳои маънавӣ дар он шакл мегирад. Дар синни 3 то 7-солагӣ кӯдак марҳилаи аввалини омӯзишу парваришро дар муҳити хонавода ва муассисаи томактабӣ гузаронида, барои таҳсил намудан дар мактаб омода мегардад.

Афлотуни ҳаким таъкид менамояд, ки аввалин асароти тарбиятии кӯдак дар хурдсолист.

Ибни Сино тарбият ва манишро дар пеш аз 6-солагӣ ёдовар мешавад.

Мусаллам аст, ки таълим - раванди фаъолияти муштараки падару модар, ом ӯзгор ва муассисаи таълимӣ буда, ба инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии к ӯдак мусоидат менамояд. Тарбия раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд ба шумор рафта, аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа амалӣ мегардад, то ки кӯдакон ба зиндагии мустақилона омода шаванд.

Аз ин рӯ, барои тарбияти хуб дар хонавода фарҳанги солим, яъне роҳу равиши хуби зиндагӣ ва муносибати одилона зарур аст. Масалан, рафтор ва муомилаи меҳрубонона ва самимии аъзои хонавода (гуфтугӯ миёни зану шавҳар ва дигар аъзои оила боадабона, муҳаббатомез ва ботароват бошад, ки дар он хасму нафрат ва сохтакорию дурӯягӣ) эҳсос нагардад, Шинохти ҳуқуқи ҳамдигар, адолат ва дӯстдорӣ риоя гардад. Дар ин ҳангом фарҳанги солим аз хонаводаи солим сарчашма гирифта, маҷмӯи фарҳангҳои хонавода маҷмӯи фарҳангҳои ҷомеаро месозад. Зеро муҳаббати самимӣ равобити инсониро таровиш дода, зиндагиро ширин менамояд. Ба тавре, ки дар Ислом омадааст: «Зебо сухан гӯед, то посухи зебо бишнавед».

Аз нигоҳи тарбия фарзанде, ки дар ин гуна хонавода ба камол мерасад аз падару модари худ лаззат мебарад, ҳамеша шоду масрур ва дар дарсу зиндагӣ муваффақ мегардад. Падару модари худро дӯст дошта, дучори беморпи равонӣ нахоҳад шуд. Вақте, ки ба мактаб меравад, бо муаллим ва ҳамсинфонаш рафтори хуб дошта, мавриди муҳаббати дигарон қарор мегирад.

Дар ҳоле, ки кӯдак аз хонавода берун меояд ва ин кӯдак маҷмӯи рафторҳову махсусиятҳое ҳаст, ки ӯ ёд гирифтааст. Яъне ҳар фард бо як сармоя аз хонавода ба иҷтимоъ меояд ва агар сармоя некуву хуб бошад, таъсири неку хуб ва агар бад, таъсири бад ба дигарон мерасад. Пас, фарҳангҳо ташаккул меёбанд ва як фарҳангро шакл медиҳанд. Аз ин рӯ, ниҳоди хонавода тавлидкунандаи фарҳанг маҳсуб меёбад.

Дар моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии То ҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаи падару модар, ом ӯзгор, дар таълиму тарбияи фарзанд ба таври зерин муайян шудааст: «Таълиму тарбияи

фарзанд вазифаи падару модар, ом ӯзгор, давлат ва ҷомеа буда, вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад»[2].

Аз ин рӯ, омӯзгорону мураббиён ва волидонро зарур аст, ки бо риоя аз талаботи Қонуни мазкур вазифаву уҳдадориҳо худро, яъне рисолаи хешро риоя ва иҷро намоянд.

Инкишоф ва тарбияи ҳаматарафаи кӯдак бо роҳҳои гуногун ба амал баровარда мешавад. Аз ҷумла, бо роҳи гуфтугӯ, суҳбат, мубодилаи афкор, шиносоӣ бо муҳити зист, шиносоӣ бо табиат, варзиш, расмкашӣ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, мусиқӣ ва ғайра. Тавре ишора гардид, яке аз ин роҳҳо – шиносоии кӯдак бо табиат аст. Дар рафти шиносоӣ бо табиат кӯдаки дар бораи табиати зинда ва ғайризинда, набототу ҳайвонот маълумот гирифта, ба тафовути ҳайвоноти хонагиву ваҳшӣ, набототи зарарасону фоидаовар сарфаҳм меравад. Дар бораи фаслҳои сол, тағйирёбии онҳо ва мавҷудоти рӯйи замин маълумот мегирад.

Табиат манбаи беканори боигарии рӯҳии кӯдакон ба шумор рафта, онҳо дар ин росто бо манзараҳои мухталифи табиат шинос мегардонад ва меомӯзанд. Масалан, майсазор, боғҳо, гулҳои тару тоза, шабпараку ҳашаротҳо, парандаю дарахтон, борону барф, ҷӯйбору кӯлмакҳо диқатти кӯдаконро ба худ ҷалб намуда, онҳоро водор менамояд, аз калонсолон асрори онро пурсанд. Дар ин ҳангом калонсолон ва мураббиёнро зарур аст, ки ба саволҳои кӯдакон меҳрубонона ҷавоби амиқ дода, эшонро бо олами набототу ҳайвонот шинос кунанд, дар бораи ҳодисаҳои табиат ҳикояҳо нақл намоянд ва сабабҳои ивазшавии фаслҳои солро фаҳмонанд. Ин амал имкон медиҳад, ки кӯдакон ба мафҳуми табиати зинда ва ғайризинда сарфаҳм рафта, муносибати ғамхорона ба табиатро ёд гиранд.

Мусаллам аст, ки кӯдак ҳар як мавзӯъи навро дар ҷараёни иштироки бевосита ва иҷрои амал, хуб аз худ карда, дар хотир нигоҳ медорад. Калонсолон ва мураббиёнро лозим аст, ки бо назардошти махсусияти синнусолӣ сайругашт ва саёҳатро ба муҳити атроф ба роҳ монанд. Зеро дар ҷараёни сайругашт ва саёҳат кӯдакон ин ё он мавзӯи интихобшударо бевосита гӯш мекунанд, мебинанд, шинос мешаванд, ламс мекунанд ва ба он таваҷҷуҳ менамоянд.

Тавре маълум аст, ҳар қадаре, ки синни кӯдакон боло меравад, дар онҳо ҳисси кунҷкобӣ, мушоҳида ва донистан зиёд мегардад. Бинобар ин, аз калонсолон ба вежа мураббиеён хоҳиш карда мешавад, ки ба саволҳои кӯдакон самимона ҷавоб диҳанд, дар бисёр ҳолатҳо онҳоро дастгириву рӯҳбаланд карда, ситоишашон намоянд. Агар чунин муносибат ва муомила сурат гирад, ҷаҳонбинии кӯдакон нисбат ба табиат ва ҳодисаҳои он васеъ мегардад. Онҳо аҳамият ва зарари ҳодисаҳои табииро дарк намуда, тарзи дурусти муносибатро азбар менамоянд.

Дар баробари ин, мураббиён вазифадоранд, ки кӯдаконро бо муҳите, ки онҳоро иҳота кардааст, тадриҷан шинос намоянд ва дар фаъолияти педагогии хеш аз тарзу усули ғайрианъанаве, ки кӯдаконро барои эҷодкорӣ ва гузаштан аз мушоҳида ба амал водор месозад, истифода баранд.

Роҳи дигари инкишофи шахсии кӯдакон ин ташкили гӯшаи шахсии кӯдакон мебошад.

Дар хона ё муассиса барои ҳар як кӯдак, гӯшаи махсус, гӯшаи анҷоми шахсии онҳо (бозичаҳо, дастрӯймолча ё ягон намуди ороишие, ки шахси наздик ба ӯ туҳфа кардааст ва билохира лавозимоте, ки ба завқу ихтиёри кӯдак интихоб шудааст ташкил намоянд. Яъне ба кӯдак ҷаҳони ӯро муҳайё созанд. То кӯдак тавонад, ки дар

вақтҳои зарурӣ бо майлу хоҳиш, бе душворӣ ба он ворид шуда, фаъолият намояд, эҷод кунад. Хулоса, бо истифода аз гӯшаи мазкур кӯдакон муносибат бо ашёро омӯхта, кай ва дар куҷо истифода кардани онҳоро, ёд гиранд ва лавозимоти ба майлу завқашон мувофиқро дар куҷо нигоҳ доштанро ёд мегиранд.

Тарзи дигари инкишофи шахсияти кӯдакон баргузории бозиҳои дидактикӣ ё чорабиниҳои хушҳолкунанда мебошад. Зикр менамоем, ки дар раванди чунин чорабиниҳо фаҳмишу дониш ва қобилияти кӯдакон рушд ёфта, завқи онҳо ба ташкилу ширкат намудан бештар мегардад. Бо ин мехоҳанд, ки дар меҳвари чорабинӣ бошанд.

Барои ин мураббиёнро лозим аст, ки аз моҳи октябр то охири моҳи апрел дар давоми ҳафтаҳо як машғулияти умумиро вобаста ба хушҳол кардани кӯдакон (дар нимаи якуми рӯз, сешанбе ё чоршанбе) бо назардошти ҷадвалу қобилиятҳои кӯдакон ба нақша гиранд. Тавсия медиҳем, ки намуд ва давомнокии машғулиятҳо бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ҳавасмандӣ ва ниёзи кӯдакон мутобиқ бошад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» моддаи 1.

[2] Қонуни Ҷумҳурии То ҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» моддаи 5.

**КИТОБНОМА:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»
2. Қонуни Ҷумҳурии То ҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»
3. Ҳикмат Алӣ Ризо Омӯзишу парвариш дар Ирони бостон- Теҳрон 1972.-524 с


**РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ И СПЕЦИАЛИСТОВ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ РЕБЁНКА**


***ШАРИФОВА Б.***



Автором рассмотрена проблема развития личности детей и роль родителей и специалистов дошкольных учреждений в этом.



Ключевые слова: дошкольное учреждение, родители, развития личности, возраст, физическое развитие, любопытство, занятия.


**THE ROLE OF PARENTS AND PROFESSIONALS KINDERGARDENS IN DEVELOPMENT OF PERSONALITY OF A CHILD**


***SHARIPOVA B.***



The author deals with the problem of children's identity and the role of parents and specialists in the preschool education.



Keywords: preschool education, parents, develop of person, age, physical develop, curiosity, classes.

# РОЛЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ СРЕДЫ В ФОРМИРОВАНИИ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ ДЕТЕЙ РАЗНОГО ВОЗРАСТА И ПОЛА

***АСАДУЛЛОЕВ Р.Д.,***
***Научный сотрудник НИИ***

Особого разговора в данном контексте заслуживают проблемы загрязнения окружающей среды. Что касается экологии, то в подавляющем большинстве районов Таджикистана регулярно превышаются предельно допустимые концентрации вредных веществ, 2/3 территории республики загрязняются, каналы, сбросы, арыки с питьевой водой не очищаются. Это приводит к повышению влажности, эрозии земли и т.д.

Экологические факторы обусловливают адекватному для здорового образа жизни состоянию окружающей среды и рациональному природопользованию.

По республиканским телевизионным каналам «Шабакаи якум», «Сафина», «Баҳористон» и по радио «Садои Душанбе», «Тоҷикистон» широко освещаются проблемы экологической среды.

В этих же целях используются возможности республиканских информационных агентств «Ховар» и «Азия плюс».

В республиканских газетах «Джумхурият», «Садои мардум», «Джавонони Тоҷикистон» и «Минбари халқ» опубликавано более 300 очерков и материалов об экологической среде.

Следует отметить, что в сфере профилактики и экологии в обществе активно используется потенциал государственных, неправительственных, религиозных, молодежных организации и творческих союзов.

В современном таджикском обществе существуют мощные нагрузки на человеческий организм, создаваемые как негативными, так и позитивными факторами. Население испытывает стресс, но особенно ему подвержены школьники.

В Средней Азии, в том числе и в Таджикистане большие физические и нервные перегрузки школьников, вызванные неблагоприятной социально-экономической и экологической ситуацией, приводят к тому, что только 11% учащихся оканчивают школу без хронических заболеваний. Причиной сложившейся ситуации является недостаточная направленность общеобразовательных программ на воспитание и самовоспитание здорового образа жизни. В то же время анализ многочисленных литературных источников свидетельствует о недостаточной эффективности процесса физического воспитания в школьных дополнительных учреждениях, что подтверждается рядом фактов. Вопросы экологического воспитания, способствующего осознанию взаимодействия человека и природы, зависимости человека от окружающей среды, рассматривались И. Давлятшоев, Л.А. Губанова, А.К. Каюмов, [1,2,3,4].

Экологический аспект, по мнению ряда авторов И. Давлятшоев, Л.А. Губанова, А.К. Каюмов, [1,2,3], способствует раскрытию взаимосвязи среды и организма человека и закреплению в сознании ребенка ощущения своей неразрывности с природой.

Формирование у школьников представлений о здоровом образе жизни будет наиболее успешным, если:

- определено содержание понятия «здоровый образ жизни», включающего как биологические и социальные представления.

- так и экологические и раскрывающего зависимость здорового образа жизни от состояния окружающей экологической среды;

- спроектирована педагогическая технология, включающая формы, методы, условия, принципы, этапы формирования представлений о здоровом образе жизни: «здоровье» и

«образ жизни человека», «зависимость здоровья и образа жизни от состояния окружающей социальной и экологической среды», «здоровый образ жизни - основа сохранения и укрепления здоровья» - и диагностику определения уровня сформированности представлений о здоровом образе жизни;

- разработана модель взаимодействия субъектов воспитательно-образовательного процесса, предполагающая подготовку педагогов к решению задач формирования у детей здорового образа жизни, к методическо - просветительской работе с родителями, и непосредственное воздействие педагогов и родителей на детей.

В здоровом образе жизни важную роль играет питание, аэробные физические упражнения, проводимые в природных условиях, работа на садово-огородном участке, а также благоприятные для здоровья солнечные и воздушные ванны, очищающие и закаливающие водные процедуры. Республика Таджикистан не считается благополучных регионов Средней Азии т.к. на его территории функционирует Алюминиевый завод «Талько», который своим дымом усугубляет жизнедеятельность людей не только Таджикистана, но и сопредельного государства как Узбекистан и т.д. Природная среда значительно усиливает влияние физических нагрузок на организм школьников. Учитывая значимость климатического фактора в физическом воспитании школьников, мы предприняли попытку изучить некоторые его особенности в регионах республики.

Таджикские педагоги Л.А. Губанова и Ш.А. Сафаров пришли в выводы, что Республика Таджикистан имеет общую площадь 143,1 тыс. кв. км. 93% территории занимают горы, 7% - равнины. Республика расположена на юго-востоке Средней Азии. Ее координаты - 36°40' - 41°0,5' с.ш. и 67°ЗГ - 75°14' в.д. Максимальная температура летом доходит до + 52°С (Шаартуз, Пяндж, Колхозабад). Это районы Гиссарского, Зеравшанского, а также Туркестанского и Кураминского хребтов [3,С.38,57, 5,С.35].

Воспитатели, учитывая климатические условия республики, летних детских лагерей «Чайка» и «Гульхан» стараются освоить программный материал через таджикские национальные подвижные игры, которые обеспечивают реальное и безболезненное проведение оздоровительных мероприятий, направленных на формирование здорового образа жизни. Воспитатели стараются закрепить основные навыки программного материала в игровой деятельности. Воспитатели планируют танцевальные элементы, элементы борьбы, и гимнастику.

Каникулярное время охватывает летний период. Школьники находятся в это время на оздоровительных пришкольных площадках, в городских, и загородных оздоровительных лагерях. Воспитатели и инструктора по оздоровлению детей в соответствии с двигательным режимом лагеря сериями проводят комплексные физкультурно-оздоровительные и спортивно - массовые мероприятия. Ведущей национальной программой в оздоровлении детей в лагере является спортивная игра «Офарин! - Молодцы!», и в ее программе главенствующее место отводится национальным прогрессивным традициям таджикского народа. Школьники любят таджикские национальные подвижные игры, они содействуют выработке быстроты, ловкости, меткости и гибкости.

Республика Таджикистан считается одним из экологически благополучных регионов Средней Азии. Следовательно, необходимо в полной мере использовать природные условия края (мягкий климат, чистый воздух, большое количество солнечных дней в году) для укрепления здоровья.

С изучения природы, приобщения к её тайнам в известной мере начинания создание своего единства с остальным миром позволят правильному формированию поколения, которому в будущем предстоит беречь красоту земли и жизнь её обитателей. Такую возможность имеют дети в летний период в лагере «Чайка»,

находящего в живописном Такобском ущелье. Организация экскурсий, походов помогают увидеть красоту и величие этого края, что способствует воспитанию любви к родному краю, формированию и воспитанию экологического мировоззрения, а также выносливости, выдержки, упорству.

Для развития интереса у детей, воспитатели проводят экологические турниры с интересными заданиями, которые помогают расширить знания детьми о растительном и животном мире, об окружающей среде. За хорошо выполненные задания участники награждаются памятни мы призами и подарками. Впоследствии полученными знаниями делятся с родителями, друзьями, одноклассниками. Во время походов проводятся беседы о Родине, о заповедных уголках Таджикистана, узнают о редких растениях и животных, занесенных в «Красную книгу Таджикистана», о горных растениях, их полезных и лечебных свойствах. Проводятся встречи с местными жителями, которые показывают ребятам живописные уголки Такоба, чистые горные источники, лечебные травы и объясняют их предназначение в горных условиях.

Ребята видят главное, что люди, выезжая на природу, наносят ей ущерб, когда рвут цветы, устраивают свалки мусора. Поэтому обязательным во время походов общественно полезные дела, которые помогают им правильно оценить окружающую жизнь и посильным трудом участвовать в её преобразование. После каждого похода ребята обмениваются своими впечатлениями, рассказывают, какие чувства у них возникли от близкого знакомства с родным краем и желание беречь и приумножать его красоту, растительный и живой мир. Выезд на летный отдых не ограничивается изучением красоты горного края. Также проводятся литературные турниры, игры, спортивные соревнования с участием ребят из соседних лагерей и местных жителей.

Большое значение придаёт экологическому воспитанию через проведение ролевых игр, нацеленных на овладение определёнными правилами поведения в природе, в доступной форме детям даются природоохранительные знания. Ребята участвуют в творческой игре «Мы пишем разноцветную книгу». Каждый из четырех времен года – этап игры по времени, в которых дети пишут одну из глав книги «Весна», «Лето», «Осень», «Зима», куда входят стихи, рассказы, рисунки.

Каждому сезону посвящается праздник. Воспитательница считает, что праздник – явление многогранное, сложное. Он помогает развивать творческие способности младших детей, в нем музыка и песни, поэтическое слово, ритмы танца, другие изобразительные средства слиты воедино, создают у ребят светлый, праздничный настрой души, рождают радость общения с прекрасным.

Так, например, к празднику «Прощай лето!» дети готовились заранее, ему предшествовали экскурсии на природу, где особое внимание воспитательница уделила тому, чтобы они увидели красоту летнего города, характерные черты для этого времени года, чтобы дети поняли, что посаженные деревья и цветы требуют бережного к ним отношения. К празднику были подготовлены красочно оформленные гербарии из опавших листьев, альбомы, в которых были собраны рисунки, стихи об этом времени года. На празднике ребята читали стихи, рассказывали о впечатлениях, об этом времени года. На выставке демонстрировали поделки из природного материала, собранного во время экскурсий.

В средней и старших группы проводится утренник «Времена года в природе и жизни человека», где поднимаются проблемы взаимоотношения людей с этим миром, помогает увидеть краска, формы, звуки каждого времени года и способствует

развитию любознательности, формированию определенных отношений к изучаемым объектом и явлениям природы.

Бояд зикр кард, ки суманакпазӣ ҳам кори осон набуда, балки мушкилу заҳматталаб аст. Кадбонуҳо дар атрофи дегҳои суманак парвонавор давр зада, суманакро бо навбат бо кафгир кофта, тагурӯ мекунанд. Шабона ҳамсоязанҳоро низ ба ин маърака даъват мекунанд, то кумак намоянд. Бедорхобӣ мекашанд ва чунин сурудро месуруданд:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб мо дафча занем.

Дар он дастархони наврӯзӣ палав, шӯрбо, буғкабоб, манту, тушбера, ширбиринҷ, шавла, оши тӯппа, оши бурида, умоч, ордбирён, атола, қурутоб, шакароб, кочӣ, суманак, фатирмаска, далда, каллапоча, гӯштбирён, танӯркабоб, ҷигарбирён, лағмон, мостоба, гандмкӯча, тухмбирён, нашоиста, шир, ширчой, чой, дуғ, ширравған, туршбат, шашлик, биринҷоба, кабоб, ҳалво чакка, саршир, мост (ҷурғот), нонҳои гуногун аз қабили фатир, фатирхамир, чаппотӣ, нони ширмол, нон бо истифода аз мағзи чормағз, товагӣ, кулча, кулчақанд, қалама, чалпак; тухм, ҳасиб,

шакар, қанд набот, асал, писта, бодом, чормағз, хурмо, санҷид, зардолухушк, челон, ғулингоб ва амсоли инҳоро мегузоштанд.

**Ҳафтсин** ва **ҳафтшин** бошанд, зеби хони наврӯзӣ ба шумор meраванд.

| **Ҳафтшин:** | **Ҳафтсин** |
|---|---|
| Ширбиринҷ | Сабза |
| Шириниӣ | Сабзӣ |
| Шарбат | Себ |
| Шакар | Сирпиёз |
| Шакароб | Санҷид |
| Шона | Сипанд |
| Шамъ | Суманак |

Ҳамчунин аз навъи меваҷоти тар аз ҷумла: анор, ангур, нок, себ ва ғайра низ дастурхони наврӯзии моро оро медиҳанд.

Гулдухтарон ҳам дар ин айёми хушию хурсандӣ оромӣ надоранд. Онҳо мӯйҳои мушкинбӯйи худро чилбофӣ карда, ба пушташон мепартоянд. Ба гӯшҳо гӯшвора, ба дастҳо ангуштарину дастпона, ба гардан мухраҳои зебанда, ба пеши бар қулфи гиребон ва куртаҳои дилхоҳи зебанда ба бар мекунанд.

Ҳамчунин дар ин фасли зебо деҳқонон мавсими ҷуфтбароронро низ дар деҳоти кӯҳистон ва дар водиҳо бо техникаҳои гуногунтамға бо тантанаи наврӯзӣ шодбош мегуфтанд ва ба киштукори баҳорӣ бо дуоҳои «Худо бузург ва меҳрубон аст» ё «Даст ба кору дил ба ёр» гуфта, аз паси кор мешуданд. Ҳамчунин рӯёндани ҳосили фаровонро орзу менамуданд.

**АРҒУНЧАКБОЗӢ**

Бо фарорасии Наврӯзи оламафрӯз табиат ҷомаи дебо ба бар мекунад, дарёҳо сероб мешаванд, дашту даман хушу хуррам мегарданд, андалебон ба хушхонӣ медароянд, турнаҳо ва дигар парандаҳо аз ҷойҳои хунук ба сӯи Тоҷикистони офтобрӯ бармегарданд, деҳқонон ба кишту кори баҳорӣ камар мебанданд.

**АРҒУНЧАК**

Дар рӯзҳои иди Наврӯз калонсолон барои духтарон дар шохҳои дарахтон арғунчак мебанданд. Агар дар вақти арғунчакпарӣ нағз ҳаво гиранду аз шохи дарахт нишонае гирифта ба дугонаҳояшон диҳанд, пайи ҳам ду навбат мепаранд. Арғунчакпарӣ сурудҳои худро дорад, ки намунааш инҳоянд:

Арғунчак
Ҳаво, ҳаводор-е,
Барги сафедор-е,
Уштури қатор-е,
Сандуқи пурбор-е,
Ҳаво, ҳаводор-е
Барги сафедор-е!...
Ё ки ин хел месароянд:
Арғунчаку белинчак,
Ман духтари келинчак.
Келинчак хамир крдаст,
Камтарак фатир кардаст.
Ордакаш камӣ кардаст,
Ҳезумаш намӣ кардаст.

Бобош ба ҳезум рафтаст,
Арғамчина гум кардаст.
Арғамчин дар боғи мо,
Боғи мевадори мо.
Аз эҷодиёти хлқи тоҷик

Ҳамин тавр, қадами мубораки Наврӯз кишвари азизу ҳамешабаҳор ва гулгулшукуфони моро боз ҳам зеботару рангинтар ботаровату ҳаловатбахш мегардонад. Дар ҳақиқат, Тоҷикистон Ватани Наврӯз буданашро собит намудааст ва мардуми шарифи он аз ин ҷашни бошукӯҳ фахркунон менозаду меболад.

**КИТОБНОМА**:

1.Ноилшо Нуралиев, Абдурауф Муродӣ «Тоҷикистон ватани наврӯз аст» «Ирфон» 2012

2.Бозор Борон «Меҳри Ватан» «Сифат» 2015

## ОБНОВЛЕНИЕ ТРАДИЦИИ НАВРУЗА

***БОЗОР БОРОН***

Автор статьи пишет о том, какие изменения происходят в природе в день Навруза, как люди готовятся к празднику. Навруз - это не только праздник начала года, возрождения природы, радости жизни, но и двигатель единения человека с миром, знакомства с богатой национальной историей и фактор усиления национальной гордости. Благодаря щедрости Навруза города и районы, улицы и проспекты, жилые дома и сады становятся благоустроеннее, чище и прекраснее.

Ключевые слова: весна, Навруз, суманак, выпечка суманака, праздник, очищение сердец, родина Навруза.

## UPDATE TRADITIONS NAVRUZ

***BOZOR BORON***

The author writes about what changes occur naturally in the day of Nowruz, people are preparing for the holiday. Navruz - is not only a holiday beginning of the year, the revival of nature, the joy of life, but also the engine of human unity with the world, exploring the rich national history and enhancement factor of national pride. Thanks to the generosity of Navruz cities and districts, streets and avenues, houses and gardens are well-maintained, cleaner and more beautiful.

*Keywords*: spring, Nowruz, sumanak, sumanaka baking, holiday, ochistischenie hearts, the birthplace of Navruz

## НАВРӮЗ ВА СУННАТҲОИ ОН ДАР РӮЗГОРИ ФОРСИЗАБОНОН

***САЛОҲИДДИНОВА ГУЛНОРА,***
***ходими илми шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ***

Наврӯз яке аз бошукӯҳтарин ҷашнҳои ақвоми Ориёӣ ва мардуми форсизабон аст. Ҳикмати Наврӯз ончунон қавӣ аст, ки аз маҳдудаи мардумони форсизабон фаротар рафта, ба як ҷашни фаромиллӣ дар машриқзамин табдил шудааст. Наврӯз

ақида нест, балки як воқеият аст, бинобар ин, ҳеҷ кас наметавонад ин воқеиятро инкор кунад. Наврӯз ҷашни шуур аст ва забони шуур шеър аст, бинобар ин, шеъру шуур ҳамзоди ҳам ҳастанд. Ҳамчунон ки шеърро аз шуур наметавон ҷудо кард, Наврӯз низ аз баҳору табиат ҷудонопазир аст. Шояд дар тули таърих дар васфи ҳеҷ ҷашне мисли Баҳору Наврӯз шеър ва ҳикмат насуруда бошанд. Таваҷҷуҳи шоирон ба Наврӯз бесобиқа аст ва баҳору Наврӯзро бидуни шеър наметавон тасаввур кард. Яке аз оинҳои куҳани ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳ ба шеъру шоирӣ будааст.

Бояд гуфт, ки манша ва замони пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Аммо ин ҷашн таърихи зиёда аз шашҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор- ул - боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст» ва дар китобаш «Ал - тафҳим» менигорад, ки «нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст».

Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд. Дар рисолаи «Наврӯзнома»-и Умари Хайём низ ба ҳамин нигариши равшангарона ба Наврӯзи замони қадим ва хусусиятҳои оинҳои он рӯ ба рӯ мешавем ва ба бахши дигаре аз рамзу розҳои он пай мебарем.

Сабаби ниҳодани номи Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давра бувад. Яке он ки хар сесаду шасту панҷ рӯзу рубъа аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ба ҳамон вакту рӯз, ки рафта бувад, бад-ин дақиқа натавонад омадан. Чӣ ҳар сол аз муддат хаме кам шавад.

Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, «Наврӯз» ном ниҳод ва ҷашн ташкил намуд. Пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон ба ӯ иқтидо ва пайравӣ, карда Наврӯзро то ба мо оварда расониданд.

Ибтидои қисса чунон аст, ки чун Каюмарс аввал аз мулки Аҷам ба подшоҳӣ бинишаст, хост ки айёми солу моҳро ном диҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод Офтоб ба аввали дақиқаи амал омад. Мӯбадонро гирд карда бифармуд, ки таърих аз ин чо огоз мекунад. Мӯбадон ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд. Инчунин гӯяд ки Каюмарс ин рӯзро оғози таърих кард. Ҳар сол чун як давр Офтоб бигашт, дар муддати сесаду шасту панҷ рӯз ба дувоздаҳ қисмат кард, хар бахше сӣ рӯз ва ҳар якеро аз он номе ниҳоду ба фаришта боз баст аз он дувоздаҳ фаришта, ки эзиди таборак таоло эшонро олам гумоштааст.

Пас он гоҳ даври бузургро, ки сесаду шасту панҷ рӯзи рубъе аз шабонарӯз аст «соли бузург» ном кард ва чаҳор қисм кард «Чун чаҳор қисм аз ин соли бузург бигзарад, Наврӯз бузургу нав гаштани аҳволи олам бошад».

**Фарвардинмоҳ.** Аз забони паҳлавӣ буда, маънияш чунон бошад, ки ин моҳ аст, ки оғози рустани набот дар вай бошад. Ва ин моҳ мар бурҷи ҳамал рост, ки то сари вай офтоб андар ин бурҷ бошад.

**Урдибиҳиштмоҳ.** Ин моҳро аз биҳишт ном карданд, яъне ин моҳ он моҳ аст, ки ҷаҳон андар вай биҳишт монад аз хуррамӣ ва «урд» ба забони паҳлавӣ «монанд» бувад. Ба Офтоб андар ин моҳ бар давр асту дар бурҷи Савр бошад ва миёнаи баҳор бувад.

**Хурдодмоҳ.** Яъне он моҳ аст, ки хуруш диҳад мардумонро аз гандуму ҷаву мева. Ва Офтоб дар ин моҳ дар бурҷи ҷавзо бошад.

**Тирмоҳ (тирамоҳ).** Ин моҳро бад-он «тирамоҳ» хонанд, ки андар ӯ ҷаву гандум ва дигар чизҳоро қисмат кунанд. Ва тири Офтоб аз ғояти баланди фуруд омадан

гирад. Ва андар ин моҳ Офтоб дар бурҷи Саратон бошад, ва аввали моҳ аз фасли тобистон бувад.

**Мурдодмоҳ.** Яъне «хок доди хеш» бидод аз баргҳову меваҳои пухта, ки дар вай ба камол расид. Ва низ ҳаво дар вай монанди ғубори хок бошад. Ва ин моҳ миёнаи тобистон бувад ва қисмати ӯ аз Офтоб мар мурҷи Асад бошад.

**Шаҳривармоҳ.** Ин моҳро аз баҳри он «шаҳривар» хонанд, ки реви даҳл бувад, яъне дахл подшоҳон дар ин моҳ бошад. Ва ин моҳ заргаронро додани хироҷ осонтар бошад. Ва Офтоб дар ин моҳ дар Сунбула бошад, ки ин дар охири тобистон бувад.

**Меҳрмоҳ.** Ин моҳро аз он «меҳрмоҳ» гӯянд, ки меҳрубонӣ бувад мардумонро бар якдигар, аз ҳарчи расида бошад аз ғаллаву мева насиб бошад, бидиҳанду бихӯранд ва ҳам. Ва Офтоб дар ин моҳ дар Мизон бошад ва оғози хариф (тирамоҳ) бувад.

**Обонмоҳ.** Яъне обҳо дар ин моҳ зиёдат гардад аз боронҳо, ки оғоз кунад ва мардумон об гиранд аз баҳри кишт. Ва Офтоб дар он моҳ дар бурҷи Акраб бошад.

**Озармоҳ.** Ба забони паҳлавӣ «озар» - «оташ» бувад . Ҳаво дар ин моҳ сард гашта бошад ва ба оташ ҳоҷат бувад, яъне моҳи оташ. Офтоб дар ин моҳ дар бурҷи Кавс ҷой мегирад.

**Даймоҳ.** Ба забони пахлавӣ «дай» - «дев» бошад. Бад – он сабаб ин моҳро «дай» хонданд, ки дурушт бувад ва замин аз хуррамиҳо дур монда бувад. Ва офтоб дар Ҷадӣ бувад ва Давл аввали зимистон бошад.

**Баҳманмоҳ.** Яъне ин моҳ ба ҳамон ва монанд бувад ба моҳи Дай ба сардиву ба хушкӣ ва ба кунҷ андар мондаи Офтоб. Ва тири Офтоб андар ин моҳ ба хонаи Зуҳал бошад, бо Ҷадӣ пайванд дорад.

**Исфандормузмоҳ.** Ин моҳро бад-он «исфандормуз» хонанд, ки «исфанд» бувад, яъне андар ин моҳ меваҳо ва гиёҳҳо дамидан гиранд. Навбати Офтоб ба охири бурҷҳо, ба барчи Ҳут расад.

Пас, он оин то ба рӯзгори Искандари Румӣ, ки ӯро «Зулқарнайн» хонанд, бимонд. Ва то он муддат кабисе накарда буданд ва мардум ҳам бар он мерафтанд, то бар рӯзгори Ардашери Попаган, ки ӯ кабиса карду чашни бузург дошт ва аҳднома бинавишт ва он рӯзро «Наврӯз» бихонд.

Ва ҳам бар он оин мерафт то ба рузгори Нӯшервони Одил. Чун Айвони Мадони тамом гашт. Наврӯз кард ва расми чашн ба ҷо овард, чунон ки оини эшон буд. Аммо кабисе накард ва гуфт:

«Ин оин баҷо монд, то ба сари давр, ки Офтоб ба аввали Саратонояд, то он ишорат, ки Каюмарс ва Ҷамшед карданд аз миён бархезад». Ин бигуфт ва дигар кабиса накарда, то ба рӯзгори маъмуни халифа. ӯ бифармуд, то расад бикарданд. Ва ҳар соле, ки Офтоб ба Ҳамал омад. Наврӯз фармуд кардан. Ва «зи чи маъмуни» бархост. Ва ҳануз аз он «зич» тақвим мекунанд то ба рӯзгори Ал-Мутаваккил-Аллоҳ.

**Мутаваккил.** Иҷобат карда ва кабиса фармуд. Ва Офтобро аз Саратон ба Фарвардин боз оварданд. Ва пас аз он Халиф бинни Аҳмад, амири Сиистон кабасаи дигар бикард, ки акнун шонздаҳ рӯз тафовут ва аз он ҷо кардааст.

Дар қадим олимон аз донаҳои зироат сабзаҳо тайёр ва ба воситаи онҳо ҳосилнокии зироатҳои соли навро пешгӯи мекарданд. Дастархони наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он гул, ширини, шарбат, май, нон, меваҷот мегузоранд. Рақами ҳафт дар урфияти гузаштагон бузург буд ва ба ин хотир дастархони 7 син ва меоростанд, аз қабили себ, санҷид, сирко, суманак, сабза, сабзӣ, сипанд, ки ишора ба ҳафт фариштагони бузург аст.

Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ва низоми ҳаракати сайёраҳо 21- уми март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи авали баҳор, рӯзи киштукори деҳқон ба шумор меравад. Наврӯз бо қарори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба як иди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Мардуми тоҷик ба ҷашни Наврӯз ишқу алоқаи хос дошта, таҳти ҳар шароите онро гиромӣ доштаанд. Фолклори мардумони форсигӯйи Осиёи Миёна далели ошкори дилбастагии онон ба ҷашни Наврӯз аст. Дар ин фолклор шароити рӯҳӣ ва равонии мардуми қарнҳои мухталиф инъикос ёфтааст. Мардум бо шурӯи фасли баҳор, бахусус, айёми ҷашни Наврӯз новобаста аз масоил ва мушкилоти рӯзгори хеш бо сурудани шеъру таронаҳои дилошӯб ба истиқболи он рафта, ба шодиву тараб мепардохтанд. Барои мисол, ду намуна аз рубоиёти мардумӣ:

**Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,**
**Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.**
**Мурғони ҳаво ҷумла бикараданд парвоз,**
**Мурғи дили мо аз қафаси танг баромад.**

Ё худ

**Наврӯза ба навбаҳор кай мебинам,**
**Гулҳора ба шаш қатор кай мебинам.**
**Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,**
**Дунёра ба як қарор кай мебинам.**

Дар рубоӣ ва дубайтиҳои мардуми Наврӯз ба маънои эҳёи табиат, шукуфоӣ, раҳоӣ аз сардӣ, сахтӣ ва зуммати табиату зиндагӣ, айёми дигаргунии рӯҳиву равонӣ, умед ба ояндаи беҳтар, фаро расидани фасли шодиву шодкоми ва тараб инъикос ёфтааст. Нуқтаи ҷолиб дар таронаҳои мардумӣ ин аст, ки сарояндагон бо Наврӯз роз мегӯянд ва ниёйиш мекунанд.

Баҳор ва Наврӯз дар тули таърих манбаи илҳоми мардуми тоҷик буда, фалсафаи офаринандагиро аз ин фасли ҳикматомуз меомӯхтанд. Баҳор дар ашъори шоирони тоҷик фасли ишқу ошиқӣ, раҳои аз ғаму ғусса ва фурсати дигаре барои шуруи зиндагии шодобу саршор аз муҳаббат аст. Шоирон низ дар пайрави аз суннати неки наврӯзӣ зимни мурур ба гузаштаи пуршебу фарози хеш бо дуову ниёйиш мухотаби худро ба ояндаи сарсабз ва офтоби ташвиқ мекунанд. Равшаншод Лоик Шералӣ мегӯяд:

**Баҳори гулфишон омад , гули ман,**
**Ба ҷӯ оби равон омад, гули ман.**
**Дили ман ҳамчу мурғони фирорӣ,**
**Зи нав бар ошён омад, гули ман.**

Дар тӯли садсолаҳо Наврӯз ва ойину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои хукмрон борҳо ба тағйиру дигаргуниҳо мувоҷеҳ, шудааст ва мардуми тоҷику халқҳои дигари эронӣ дар ҳама давру замонҳои душвори пур аз ҷангу офатҳо аз таҷлили ин ҷашни зебои ниёгони худ даст накашидаанд.

Ойину суннатҳои тоҷикон дар айёми Наврӯз инҳоянд, ки аксари онҳо то ба имрӯз омада расидаанд.

Яке аз он гулгардонӣ мебошад. Аз омадани Наврӯз пеш аз ҳама бачагон бо иҷрои анъанаи гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як ду ҳафта қабл аз омадани Наврӯз гурӯх шуда, ба куҳу пуштаҳо рафта гулҳои баҳорӣ: сиёҳгӯш, бойчечак ва гули зардак чида меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд:

**Гул овардем ба меҳмонӣ,**

**Ту қадри гул намедонӣ?**
**Агар донӣ, мусулмонӣ.**
**Баҳори нав муборак бод!...**

Дигар суннати Наврӯз хонабуророн мебошад. Мардум як ҳафта пеш аз фарорасии Наврӯз курпаву палосҳоро аз хона берун бароварда, хонаро руфтаю тоза мекунанд. Кӯрпаю кӯрпача ва пардаю ашёро мешӯянд ва хушбӯй месозанд. Зеро хонаву дари тоза рамзи соли наву иқболи нав аст. Мардум бовар доранд, ки агар соли навро дар хонаи тозаву ороста пешвоз бигирӣ, ҳамон солро бо хушу хурсандӣ мегузаронӣ.

Дигар суннати Наврӯз суманакпазӣ мебошад. Суманак навъе за хӯриши наврӯзӣ мебошад, ки аз сабзаи гандум пухта мешавад. Худи сабза рамзи эҳёи табиат ва зебоию осоиштагии ҳаёт ба шумор меравад.

Суннати дигари Наврӯз хондани таронаҳои наврӯзӣ мебошад. Дар байни мардуми тоҷик рубоиву сурудҳои зиёди наврӯзӣ вуҷуд доранд, ки асосан дар айёми Наврӯз суруда мешаванд. Яке аз ғояҳои асосии рубоиву таронаҳои наврӯзӣ ин муқобилгузории фаслҳои зимистону баҳор мебошад. Мардум бо рафтани зимистон ва омадани баҳор ва иди Наврӯз шодию хуррамӣ мекунанд, аз ин хотир ҷашни Наврӯз дар таронаҳои мардумӣ бо оғози баҳор ва як навъ озодӣ айният дорад. Ин ҷо аз рубоиҳои мардумӣ намунае меорем:

***Наврӯз лола орад,***
***Май дар пиёла орад,***
***Пайғоми навбаҳорон***
***Бар кӯҳу ёла орад.***
***Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,***
***Ҷашни гулу муҳаббат бар бӯстон муборак.***

***Наврӯз навҷавон аст,***
***Наврӯз ҷовидон аст.***
***Аз рӯзгори дерин***
***Зеботарин нишон аст.***
***Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,***
***Ҷашни гулу муҳаббат бар бӯстон муборак. Лоиқ.***

Ҳамин тариқ, Наврӯз аз маъруфтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои мардуми тоҷик ва дигар халқҳои эронитабор ба шумор меравад. Наврӯз – ҷойи вохурӣ ва муносибати мардум, ҷое ки ҳам зану мард ва ҳам пиру ҷавон гирд меоянд, шодию хурсандӣ мекунанд, лаззат мебаранд, ёди гузаштагон менамоянд ва пайванди худро бо табиат баён месозанд.

## КИТОБНОМА


1.Истифодабарӣ аз сомонаҳои интернет.
2.Умари Хайём «Наврӯзнома»
3. Э.Раҳмон, « Тоҷикон дар оинаи таърих» Лондон- Душанбе,2000
4. «Осор-ул-боқия, ва Ал- тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ.
5. «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ.
6. «Пандномa»- Нӯшервони Одил.
7. « Кобуснама»- и У. Кайковус

## НАВРУЗ И ЕГО ТРАДИЦИИ В ЖИЗНИ ПЕРСЕЯЗЫЧНОГО НАРОДА

***САЛОХИДДИНОВА ГУЛНОРА***

Автор в данной статье пишет о великолепии праздника Навруз, и его основных традициях. Навруз это день, в котором люди вместе собираются за праздничным дастарханам, посредством веселья, национальных игр, земледельческих работ показывают своё единение с природой.

**Ключевые слова:** Навруз, природа, традиции, народ, праздник, торжество.

## NAVRUZ AND IT'S TRADITIONS IN THE PERSIAN'S LIFE

***SALOHIDDINOVA G***

The author of this article writes about the splendor of Navruz, and its main traditions. Nawruz is a day where people gather together for a festive dastarkhan through fun, national games, farming works show his unity with nature.

**Keywords:** Nowruz, nature, traditions, people, holiday, celebration.

*МЕТОДИКА*
*МЕТОДИКА*

# ШЕВАИ ТАЪЛИМИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ ДАР МАКТАБ

***Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ**, директории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори илмҳои филологӣ*

Таълими дуруст ва мақсадноки рӯзгор ва осори суханварон дар мактаби миёна ва ҳамчунин дар омӯзишгоҳҳову факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо аз масоили муҳими таълиму тарбия ва методикаи таълим ба шумор меравад. Интихоби матни асари бадеӣ, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ аз масоили муҳимест, ки ҳангоми таълими адабиёт аз омӯзгор тақозо мешавад. Агар муаллими адабиёт диди фарохи зебошиносӣ надошта бошаду аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ набошад, наметавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дарсаш низ самараи хуб дода наметавонад. Дар ин навишта саъй намудем, то дар мисоли шеваи таълими «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ шеваи таҳлили каломи бадеъро бо мисолҳо, ба забони сода пешкаши устодони адабиёт гардонем. Аз сӯйи дигар, аз он ҷо ки мо – тоҷикон беш аз ҳар миллате ба адабиёт алоқаманд ҳастем, ҳар ҳаводори шеъри ноби форсии тоҷикӣ метавонад аз ин навишта барои худ суд бардорад.

Афсаҳулмутакаллимин Мушрифуддин Муслеҳ бинни Абдуллоҳ Шайх Саъдии Шерозӣ яке аз суханварони тарози аввали шеъру адаби форсу тоҷик аст, ки бино ба таъкиди худаш, ҳанӯз дар замони зиндагияш «сити суханаш» ба атрофу акнофи олам рафтаву «зикри ҷамил»-аш дар ҳар анҷумане садо медиҳад ва воқеан, то ҷаҳон боқист, дурдонаҳои пандогини назму насраш зинатбахши рӯзгори башарият аст ва то дар шарёни инсоният ҷӯшиши ишқу майли зебоист, ниёз ба каломи ошиқонаи ин шоири ширинкалом дорад:

Ҳафт кишвар намекунанд имрӯз
Бе мақолоти Саъдӣ анҷумане.

Рӯзгори Саъдӣ худ як мактаби тарбият аст. Омӯзгор метавонад ҳангоми баррасии ҳаёти шоир аз асарҳои ӯ мисолҳо биоварад, ки хеле омӯзанда асту пояи мантиқии илмӣ доранд. Муҳимтарин сарчашмае, ки дар таъйини зиндагии шоир аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ҳамоно осори худи суханвар аст. Бино ба шаҳодати худаш, Саъдӣ дар оилаи аҳли савод ба дунё омадааст, падару бобо ва дигар авлодони Саъдӣ аз уламои дин будаанд:

Ҳама қабилаи ман олимони дин буданд,

Маро муаллими ишқи ту шоирӣ омӯхт. (1,5)

Саъдӣ саводи ибтидоӣ ва таълими Қуръонро нахуст аз падари донишмандаш омӯхтааст. Саъдӣ дар боби дуюми «Гулистон» ҳикояте меоварад, ки марбут ба замони туфулияташ аст:

***Ҳикоят***

***Ёд дорам[1], ки дар айёми туфулият[2] мутааббид[3] будаме ва шабхезу[4] мулаъи зуҳуду парҳез[5]. Шабе дар хидмати падар[6] нишаста будам ва ҳама шаб[7] дида ба ҳам набастаю мусҳафи[8] азиз дар канор гирифта ва тоифае[9] гирди мо хуфта. Падарро гуфтам:***

***- Аз инон[10] яке сар барнамедорад, ки дугонаӣ[11] бигузорад[12]. Чунон хоби ғафлат бурдаанд[13], ки гӯйи нахуфтаанд, ки[14] мурдаанд.***

***Гуфт :***

***- Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ[15] беҳ аз он ки дар пӯстини халқ афтӣ[16].***

***Набинад муддаӣ[17] ҷуз хештанро,***
***Ки дорад пардаи пиндор[18] дар пеш.***
***Гарат чашми худобине бубахшанд,***
***Набинӣ ҳеҷ кас оҷизтар аз хеш».***

**Луғат:**

*1.Ёд дорам: дар хотир дорам. 2.Туфулият: рӯзгори кӯдакӣ. 3.Мутааббид: ибодаткунанда. 4.Шабхез: касе, ки барои ибодат шабонгоҳ бархезад. 5.Мулаъи зуҳуду парҳез-ҷазманди порсоию тақво. 6.Дар хидмати падар: ба киноя ба маънии дар назди падар. 7. Ҳама шаб: аз оғоз то поёни шаб. 8.Мусҳаф: Қуръон. 9.Тоифа: гурӯҳ. 10.Инон: инҳо. 11.Дугонаӣ: киноя аз ду рукъат намоз. 12.Бигузорад: ба ҷо оварад, адо кунад. 13.Бурдаанд: рабудаи хоби ғафлат, хоби бехабарӣ. 14.Ки: ин ҷо ба маънии балки омадааст. 15.Бихуфтӣ: хоб мерафтӣ. 16.Афтӣ: ба киноя мурод айбҷӯию ғайбат. 17.Муддаӣ: даъвогар, ин ҷо ба маънии беҳудагӯю лофзан аст. 18.Пардаи пиндор-ҳиҷоби гумони ботил, гумони ноҳақ.*(2,23)

Омӯзгор метавонад аз ин ҳикоят рӯзгори кӯдакии шоирро ба хонандагон бозгӯйӣ кунад ва ҳам аз ҳикмати ҳикоят, хосса аз сухани падари шоир панди ҷонбахше барои наврасон ироа дорад: **«Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ беҳ аз он ки дар пӯстини халқ уфтӣ».** Яъне. ҷони падар, ту низ агар хоб мерафтӣ, беҳтар буд аз он ки айби мардумон ҷӯию ғайбат кунӣ».

Нахуст, устод бояд диққат диҳад, то хонандагон матни асарро дуруст қироат кунанд, зеро барои шинохти матни асар ва дарёфти маънии мақсуди суханвар аввал бояд онро дуруст қироат кард. Қироати саҳеҳи матн ба дарёфти дурусти мақсаду мароми адиб мусоидат мекунад.

Сонияն, бояд калимаҳо ва ибораҳоро шинохт ва маъони онҳо дарёфт. Масалан, дар ҳикояти дар боло зикршудаи Шайх Саъдӣ калимаҳо ва ибораву таъбироти зиёде ҳастанд, ки ниёз ба шарҳу тафсир доранд ва хонандаи мактаб наметавонад ба осонӣ дарки маънӣ бикунад. Дар аксари китобҳои дарсӣ бештар ба мавзӯъ, мазмун ва мундариҷаи ҳикоятҳои адибон таваҷҷуҳ шуда, мазмун ва ғояи онҳо барои хонандагон бозгӯйӣ шудаанд. Дар ин амал хонанда дар бораи асар маълумот пайдо мекунад, аммо худи асарро бевосита намехонад. Аммо роҳи беҳтару хубтар он аст, ки омӯзгор ҳамроҳи хонандагон бевосита чанд ҳикоятро дар синф таҳлил кунад ва ҳикоятҳои бозмонда барои хониши мустақилона вазифаи хонагӣ дода шавад. Ин амал имкон медиҳад, ки хонанда бевосита бо матни асар ошно шавад. Кор бо луғат ҳангоми таҳлили матни асари бадеӣ беҳтарин роҳ аст барои аз худ кардани матни асари бадеӣ.

Зимни овардани ҳикояти боло аз замони кӯдакии Саъдӣ мо калимот ва таъбироти душворро дар поёни матн, зери унвони луғат овардем. Ҳифзи луғатҳои душвор ва таъбироту киноёти адабӣ фонди луғавии хонандаро бой мегардонад ва ҳамчунин хонанда бо ин роҳ забон меомӯзад. Мутаассифона, таҷрибаи таълими чандсолаи «Гулистон»-и Саъдӣ нишон дод, ки хонандагони мо бисёре аз калимаҳо, ибораҳо ва мазмунҳои ин китобро қариб намефаҳманд ва ин мушкили забониву баёнӣ имкон намедиҳад, ки мазмунҳои баланди китоб аз сӯйи онҳо фаро гирифта шаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама хонандагон бо луғат сари кор гирифта метавонанду мақсади нависандаро дарк мекунанд. Бинобар ин, баъд аз луғат мазмуни матнро бо забони адабии имрӯза овардан мувофиқи мақсад аст. Барои намуна, мазмуни ҳикояти фавқуззикро меорем:

*«Дар хотир дорам, ки айёми кӯдакӣ ба ибодат биёр майл доштам ва шабҳо аз хоб мехастаму намоз мегузоридам. Яке аз шабҳо дар назди падар нишаста будаму тамоми шаб Қуръони маҷид мехондам ва гурӯҳе дар гирди ману падарам хуфта буданд. Ба падар гуфтам, ки аз инҳо яке ҳам аз хоб намехезад, то ду ракъат намоз гузорад, чунон хоби ғафлаташон бурда, ки гӯё хоб нарафтаанд, балки мурдаанд. Падарам гуфт: Ҷони ман, ту низ агар хоб мерафтӣ беҳтар буд аз он ки айби мардумон ҷӯию ғайбат кунӣ».*

Яке аз мушаххасоти «Гулистон»-и Саъдӣ он аст, ки ҳар як ҳикоят бо порчаҳои шеърӣ зинат ёфтааст. Яъне, Саъдӣ зимни баёни ҳикоят ғояи онро бо қитъаи шеърӣ ҷамъбаст мекунад. Шинохти калимоти душвор, таъбирот ва тасвироти шоиронаи ин порчаи шеърӣ низ барои дарки ҳамаҷонибаи мақсади суханвар хеле муҳим аст. Омӯзгор бояд ҳамроҳи хонандагон ин қитъаҳоро таҳлил кунад ва алоқамандии онро бо матни ҳикоя баён дорад. Ба тариқи намуна, мо маънии порчаи шеърии ҳикояти мавриди назарро меоварем:

«**Набинад муддаӣ…:** Инсони беҳудагӯву лофзан ғайр аз худ ҳунари каси дигарро намебинад, зеро пардаи тираи гумони ботил пеши чашмашро маҳкам кардааст. Агар ба ту чашми ниҳонбину ҳақиқатшинос бидиҳанд, ҳеч касро аз худ пасттар намебинӣ. Яъне, худро аз ҳама кас оҷизтару нотавонтар мешуморӣ».

Омӯзгор баъд аз таҳлили матни ҳикоя ва порчаи шеърии он ҳамроҳ бо хонандагон бояд аз ҳикоя натиҷагирӣ кунад. Хубтар мебуд, агар муаллим дар ин масъала сараввал фикру андешаҳои хонандагонро пурсад ва баъдан, худ ҷамъбаст намояд. Ба тариқи намуна аз ҳикояти боло чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

Саъдӣ дар ин ҳикоят онҳоеро танқид кардааст, ки айби дигаронро мебинанду айби худашонро намебинанд, ё худ танҳо аз пайи айби дигарон ҳастанд. Шаб то рӯз нахуфтану ибодат кардан ва Қуръон дар каф доштан суде надорад, агар дар ҷустуҷӯи айби одамон бошӣ! Аз тамоми шаб нахуфтану ибодат кардан ва ҳамзамон ғайбат кардан, шаб хобидану айби дигаронро нагуфтан беҳтар, савобтар ва ба Худо писандтар аст, таълим медиҳад Саъдӣ.

Ба ҳамин минвол, омӯзгор метавонад, аз ҳар боби «Гулистон» вобаста ба синну соли хонандагон ҳикояте интихоб кунад ва ҳамроҳи онҳо дар синф баррасӣ намоянд. Ба тариқи намуна, чанд ҳикоятро аз ҳар боб бо зикри луғатҳои душвор ва бозгӯйи мазмуни онҳо пешниҳод менамоем. Ҳикояте, ки дар ибтидо вобаста ба даврони кӯдакии шоири бузург баррасӣ кардем, аз боби якуми «Гулистон» аст.

**Намуна аз «Дебоча»:**

***Матн:***

**Зикри[1] ҷамили[2] Саъдӣ, ки дар афвоҳи[3] авом[4] афтодааст ва сити[5] суханаш, ки дар басити[6] замин мунташир гашта ва қасабулҷайби[7] ҳадисаш,[8] ки ҳамчун шакар мехӯранд ва руқъаи[9] муншаоташ,[10] ки чун коғази зар мебаранд, бар камоли фазлу[11] балоғати[12] ӯ ҳамл[13] натавон кард…**

**Луғат:**

*1.Зикр: ёдоварӣ, бар забон гирифтани номи касе. 2.*Ҷамил: *зебо, хуб, нек. 3.*Афвоҳ: *даҳонҳо, забонҳо. 4.Авом: омма, мардуми одӣ. 5.Сит: овоза, шуҳрати нек. 6.Басит: паҳно, дар инҷо: рӯйи олам. 7.Қасабулҷайб: найшакар, навъе ширинӣ, ишора ба қалами равон ва сухани ширин. 8.Ҳадис: сухан, калом. 9.Руқъа: пора, баргаи когазе, ки рӯйи он чизе нависанд, нома. 10.Муншаот: навиштаҷот, иншо. 11.Фазл: донишу хирад, бартарӣ. 12. Балогат: суханварӣ, санъати сухан. 13.Ҳамл: ҳамл кардан: нисбат додан, алоқаманд донистан.*(2,14)

## Мазмуни матн:

Шуҳрату номи неки Саъдӣ бар забони ҳамаи мардум афтодааст ва овозаи суханони ширину панду андарзҳояш бар рӯйи замин паҳн гаштааст ва шаҳди сухани ширин ва офаридаҳои қаламашро мардумон чун шакар мехӯранду ҳифз менамоянд

ва порчаҳои навиштаҳояшро чун тиккаҳои пурқиммати зару тило бо худ мегардонанд…

**Намуна аз боби дуюми «Гулистон»**

***Ҳикоят***

**Ду бародар яке хидмати султон кардӣ ва дигаре бо зӯри бозу нон хурдӣ. Боре[1] тавонгар гуфт дарвешро[2], ки чаро хидмат накунӣ[3], то аз машаққати[4] кор кардан бираҳӣ? Гуфт: - Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати[5] хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари шамшери заррин[6] ба хидмат бастан».**

***Ба даст оҳаки тафта[7] кардан хамир,***
***Беҳ аз даст бар сина пеши амир.***

**Луғат:**

*1.Боре: хулоса, сухани кӯтоҳ, алқисса. 2.Дарвеш: тангдаст, нодор, камбағал. 3.Чаро хидмат накунӣ:чаро хидматгории султон намекунӣ. 4.Машаққат: ранҷу душворӣ ва сахтӣ. 5.Мазаллат: хорӣ. 6.Зарин: шамшери тилоӣ, ки ғуломон ҳангоми хидмати сарои подшоҳ бо камарбанди зарин ҳамоил мекарданд ва посбонӣ мекарданд. 7.Тафта: оҳаки доғ, чун бар оҳак об бирезанд, ҳамчун оташ гарму тафта мешавад.* (2,25)

***Мазмуни матн:***

Ду бародар буданд, яке дар дарбори шоҳ хидмат мекарду дигаре бо меҳнати ҳалоли худ зиндагиашро пеш мебурд. Рӯзе бародаре, ки дар дарбор хидмат мекарду сарватманд буд, бародари камбағали худро гуфт, ки чаро ба подшоҳ хидмат намекунӣ, то аз сахтии кор халос шавӣ? Бародари камбағал ҷавоб дод, ки ту чаро кор намкунай, то аз хорию забунии хидматгори шоҳ будан халос шавӣ, ки мардумони дошнишманд гуфтаанд:

**Нони худ хӯрдан…** Нон аз дастранҷи худ хӯрдан ва осудадил нишастан беҳтар аз камари шамшери зарин бастан ва ба чокарӣ истодан аст.

**Ба даст оҳаки тафта…** Оҳаки доғро бо даст сириштану дарҳам омехтан басе некӯтар аст аз даст дар бағал ниҳодану хидмати дигареро кардан.

Дар ин ҳикоят назари ду кас ба зиндагӣ инъикос ёфтааст, ё худ зиндагӣ аз назари ду кас арзёбӣ гардидааст: яке дар хидмати касе будан ва беташвиш рӯзгор гузаронданро авлотар медонад, дигаре бо дасту бозуи худ, бо заҳмати худ, араки ҷабин рехта, нон ёфта хурданро беҳтар мешуморад. Саъдӣ тарафдори бародари дувум аст. Чуноки ӯ гуфтааст, хидмат ба дигарон, хидмати султон мазаллат (хорӣ), таҳқир ва сарзанишу озорҳои зиёде дорад. Касе, ки дар хидмати дигарон аст, озоду сарбаланду соҳибихтиёр нест, ҳамеша аз касе гап мешунавад, аз касе озор мебинад. Аммо одаме, ки бо зӯри бозуяш заҳмат кашида, ранҷ бурда, кор мекунад, ба шахсе вобаста нест, аз касе гап намешунавад, таҳқир намебинад, озод ва бо сари баланд зиндагии хешро пеш мебарад. Бинобар он, «нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан», яъне бо дасту бозуи худ, бо заҳмати хеш кор карда нон хӯрдан аз хидмат ба дигарон, ё худ, чунонки дар байти боло омада, бо даст оҳанро хамир намудан аз даст рӯйи сина монда пеши амир, ё каси дигар истодан ҳазорҳо маротиба беҳтар аст. Ин аст, ки аз нигоҳи Саъдӣ, агар хоҳед, ки хору залил ва сархаму оҷизу вобаста не, балки озоду сарфарозу соҳибихтиёр бошед, бо дасту бозуи худ кор кунед, заҳмат кашед ва роҳат бинед.

***Намуна аз боби сеюм:***

***Ҳикоят***

**Ду амирзода дар Миср буданд: Яке илм омӯхту дигаре мол андӯхт[1]. Оқибатуламр[2] он яке алломаи[3] аср гашту ин яке азизи Миср[4] шуд. Пас ин тавонгар ба чашми ҳақорат[5] дар фақеҳ назар кардию гуфтӣ:**

**- Ман ба салтанат[6] расидаму ин ҳамчунон дар масканат[7] бимондааст.**

**Гуфт:**

**- Эй бародар, шукри неъмати Борӣ[8] аззасмуҳу[9], ҳамчунон афзунтар аст бар ман, ки мероси[10] пайғамбарон ёфтам, яъне илм ва ба ту мероси Фиръавну Ҳомон[11] расид, яъне мулки Миср.[12]**

***Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,***
***На занбӯрам, ки аз дастам биноланд.***
***Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,***
***Ки зӯри мардумозорӣ надорам.***

**Луғат:**

*1.Андӯхт: захира кард, ҷамъ кард. 2.Оқибатуламр: охири кор, саранҷоми кор. 3.Аллома: доно, ҳамадон. 4.Азизи Миср: вазири мулки Миср. 5.Ба чашми ҳақорат: ба дидаи хорӣ, яъне, нописандона нигаристан, ҳақиру паст шуморидан. 6.Салтанат: фармонравоӣ, шоҳӣ. 7.Масканат: фақру ҳоҷат, муҳтоҷӣ. 8.Борӣ: Офаридгор. 9.Аззасмуҳу: номи вай гиромӣ бод. 10.Мерос: моле, ки аз мурда ба ворисаш мерасад, мурдарег. 11.Фиръавну Ҳомон: Фиръавн-подшоҳи Мисри қадим, ки худро Худо эълон карда буд, ба даъвати пайғамбар Мусо гӯш надод ва ӯро таъқиб кард ва ҳангоми таъқиб бо ҷумла лашкараш дар дарёи Сурх ғарқ шуд. Ҳомон-вазири Фиръавн, ки ӯро дар даъвои худоияш дастгирӣ менамуд. 12.Мулки Миср: подшоҳӣ ва фармонравоии сарзамини Миср.*( 2, 38)

***Мазмуни матн:***

Дар мулки Миср ду амирзода буданд, ки яке илм омӯхту дигаре пулу мол ва сарват ҷамъ кард. Дар охир яке донишманди забардасти замони худ гашту дигаре вазири мулки Миср шуд. Бародаре, ки вазири Миср шуда буд, нописандона ва ба чашми хорию забунӣ ба бародари донишмандаш нигариста гуфт, ки ман ба фармонравоию подшоҳӣ расидам, аммо ин ҳанӯз дар камбағалию муҳтоҷӣ мондааст. Бародари донишманд мегӯяд:

-Эй бародар, шукри неъмати Худованд, ки номи вай гиромӣ бод, лутфу атои Ӯ бар ман бештар аст нисбат ба ту, зеро ман мероси пайғамбарон, ки илму дониш аст, ёфтаам, аммо ба ту мероси Фиръавну Ҳомони лаънаткардаи Худованд, яъне вазирию фармонравоии Миср расид.

**Ман он мӯрам…:** Ман он мӯрчаи нотавонам, ки гоҳе зери пойи ину он мемонам, занбур нестам, ки ба касе неш занаму онҳо аз неши ман дар нолаю фарёд бошанд. Оё метавонистам бошам шукри неъмати Худованд кунам, ки зӯри мардумозорӣ надорам?

Ҳадаф ё худ мақсади Саъдӣ дар ин ҳикоят танқиди салтанатхоҳӣ, ҷоҳталабӣ, мансабхоҳӣ, ҳукуматдорӣ, фармонравоӣ, зуроварӣ, зулмпарварӣ ва ситоишу тарғиби илму дониш, олимию донишмандӣ ва хоксорию беозорӣ мебошад. Саъдӣ ғуруру худписандиву тавонгарӣ ва салтанати амирзодаи аввалро намеписандад ва инро мероси Фиръавну Ҳомон мешуморад. Фиръавн лақаби подшоҳони қадими Миср аст, ки даъвои худоӣ доштанд ва Ҳомон номи кофире, ки вазири Фиръавн буд. Шоири инсонпарвар барои он салтанати амирзодаи якумро написандидааст, ки ӯ роҳи мағрурию худписандӣ, роҳи зулму ситам ва таҳқиру озорро пеш гирифтааст. Аммо, рафтори амирзодаи дуюм, дар назари Саъдӣ, барои он қадру қиммати баланд пайдо кардааст, ки ӯ суннати пайғамбарон, илму дониш, олимию донишмандӣ ва хоксорию беозориро идома додаст, бо кору ҳунару заҳмати хеш нон мехӯрад ва касеро озор намедиҳад, ба касе ҷабру ҷафо намекунад, баръакс бо нури ақлу дониш ва фазлу хирадаш пеши роҳи одамонро равшан месозад.

**Намуна аз боби чаҳорум:**

***Ҳикоят***

**Якеро аз ҳукамо[1] шунидам, ки мегуфт:**

**-Ҳаргиз касе ба ҷаҳли худ иқрор накардааст, магар он кас, ки чун дигаре дар сухан бошад, ҳамчунон нотамом гуфта, сухан оғоз кунад.**

***Суханро сар аст, эй хирадманду бун[2],***
***Маёвар сухан дар миёни сухун[3].***
***Худованди[4] тадбиру фарҳангу ҳуш***

***Нагӯяд сухан, то набинад хамӯш.***

**Луғат:**

*1.Ҳукамо: ҳакимон, донишмандон. 2.Бун: ин ҷо ба маънии охир, анҷом ба кор рафтааст. 3.Сухун: суханҳо. 4.Худованд: соҳиб, доро, худованди тадбир - дурандеш, дорои андешаи дуруст.*(2,43)

***Мазмуни матн:***

Шунидам, ки яке аз донишмандон мегуфт:

-Ҳаргиз касе ба аблаҳии худ иқрор накардааст, танҳо он кас ба аблаҳию нодонии худ иқрор аст, ки ҳанӯз шахси гӯянда суханашро ба итмом нарасонида, вай сухан гӯяд.

**Суханро сар аст…:** Эй марди хирадманд, сухан оғоз дораду анҷом, ба ҳеч ваҷҳ дар миёни сухани дигарон сухан нагӯй. Шахси дурандеш ва соҳиби андешаи дуруст он гоҳ забон ба гуфтор мекушояд, ки аҳли нишаст хомӯш бошанд.

Дар ин ҳикоят касе, ки дар миёни сухани одамон сухан мегӯяд, танқид шудааст. Бисёр воқеъ мегардад, ки шахсе ногаҳон ба суҳбати дигарон ҳамроҳ мешавад, яке суханашро ба итмом нарасонда, сухан мегӯяд, ба миёни сухани мардум медарояд, сухани рафиқонро мебуррад ва бо ҳамин рафтори беҷояш дили ҳамсуҳбатонро хиҷил месозад, аҳли суҳбатро дар ҳолати ногувор мегузорад. Чунин шахсонро Саъдӣ ҷоҳилу нодон мешуморад, Саъдӣ дар ин қитъа таъкид сохта, ки сухан оғозу анҷом дорад, ҳангоме ки касе сухан мегӯяд, дар миёни сухани гӯянда даромадан, миёни сухани ӯро шикастан дуруст нест, зеро бо ин амали ноҷо шумо риштаи сухбатро меканед, ба ахли суҳбат халал мерасонед, табъи онхоро нохуш мегардонед. Инсоф он аст, ки чун аҳли суҳбатро хомӯш дидед, пасон сухан гӯед.

**Намуна аз боби панҷум:**

**Ҳикоят**

**Ҷавоне покбозу[1] покрав[2] буд,**
**Ки бо покизаруе[3] дар кирав[4] буд.**
**Чунин хондам, ки дар дарёи аъзам[5]**
**Ба гирдобе дарафтоданд бо ҳам.**
**Чу маллоҳ[6] омадаш, то даст гирад,**
**Мабодо, к-андар он ҳолат бимирад.**
**Ҳамегуфт аз миёни мавҷу ташвир,[7]**
**«Маро бигзору дасти ёри ман гир».**
**Дар ин гуфтан ҷаҳон бар вай барошуфт.**
**Шунидандаш, ки ҷон медоду мегуфт:**
**«Ҳадиси ишқ аз он баттол[8] манюш,[9]**
**Ки дар сахтӣ кунад ёрӣ фаромӯш! »**
**Чунин карданд ёрон зиндагонӣ,**
**Зи корафтода бишнав, то бидонӣ,**
**Ки Саъдӣ роҳу расми ишқбозӣ**
**Чунон донад, ки дар Бағдод тозӣ[10].**
**Дилороме, ки дорӣ, дил дар ӯ банд,**
**Дигар чашм аз ҳама олам фурӯ банд.**
**Агар Маҷнуни Лайлӣ зинда гаштӣ,**
**Ҳадиси ишқ аз ин дафтар навиштӣ.**

**Луғат:**

*1.Покбоз: покбохта, покизакор. 2.Покрав: некуравиш, некукор. 3.Покизарӯй: зебочеҳра. 4.Кирав: киштии хурд, қаиқ, заврақ. 5 Дарёи аъзам: бузургтарин дарёи рӯйи замин. 6 Маллоҳ: киштибон. 7 Ташвир: шарманда шудан, шармандагӣ. 8.Баттол: беҳудагӯй,одами паст. 9. Манюш: нашунав, гӯш макун. 10.Тозӣ: арабӣ, араб.* (2,49)

***Мазмуни матн:***

**Ҷавоне покбоз…:** Ошиқе ҷавону покбохтаву некукор бо ёри зебочеҳрае дар киштӣ нишаста буд. Бо амри тасодуф ҳарду дар бузургтарин дарё миёни гирдоб афтоданд. Чун маллоҳ омад, то ӯро аз гирдоби бало халос кунад, дар ҳоли он, ки ҳар лаҳза имкон дошт дар мавҷи гирдоб ғарқ гардад, гуфт: «Аз ман даст кашу ёри маро халос кун».

Шуниданд, ки ҳангоми ҷон додан мегуфт: «Қиссаи ишқу ошиқӣ аз он мардони лофзану беҳудагӯй, ки дар сахтӣ шарти ошиқӣ, яъне ҷон додан барои ёрро фаромӯш мекунад, машунав». Ошиқони ҳақиқӣ, монанди ин ҷавон зиндагонӣ карданд, расму роҳи ошиқиро аз чунин корафтодагони пухтакор бишнав. Саъдӣ аз ойини ишқбозӣ, монанди он ки дар Бағдод забони арабиро медонанд, огоҳ аст. Ёри нозанину дилнишине, ки дорӣ, дил ба ӯ банду чашм аз дигар хубони оламу нозу наими он бипӯш. Агар он Маҷнуни дилбохтаи Лайлӣ зинда мегашт, достони ишқу ошиқиро аз ин китоб меомӯхт.

**Намуна аз боби шашум:**

***Ҳикоят***

**Вақте ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам. Дилозурда ба кунҷе нишасту гирён ҳамегуфт: «Магар хурдӣ фаромӯш кардӣ, ки дуруштӣ[1] мекунӣ?»**

***Чӣ хуш гуфт золе[2] ба фарзанди хеш,***
***Чу дидаш палангафкану пилтан[3].***
***Гар аз аҳди хурдит ёд омадӣ,***
***Ки бечора будӣ дар оғӯши ман.***
***Накардӣ дар ин рӯз бар ман ҷафо,***
***Ки ту шермардию ман пирзан***

**Луғат:**

1.*Дурушт: дағалӣ, бадрафторӣ. 2.Зол: пир, солхӯрда. 3.Пилтан: танаш монанди фил, пурзӯр.* (2,53)

***Мазмуни матн:***

Рӯзе бо ғуруру ҷаҳолати ҷавонӣ ба сари модар садо баланд кардам. Дилаш ранҷиду ба кунҷе нишаста гирён гуфт:

-Магар замони кӯдакиятро фаромӯш кардӣ, ки ба ман дағалӣ мекунӣ?

**Чӣ хуш гуфт…:** Пирзане писар худро, ки далеру зӯрманд шуда буд, гуфт: - Агар айёми кӯдакияатро, ки дар оғӯши ман нотавон будӣ, фаромӯш намекардӣ, имрӯз, ки тануманду пурқувват гаштаиву ман солхӯрда, ситам бар ман раво намедоштӣ.

**Намуна аз боби ҳафтум:**

***Ҳикоят***

**Ҳакиме[1] писаронро панд медод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътимод нашояду симу зар дар сафар бар маҳаллаи хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафорик[2] бихӯрад. Аммо ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда. Вагар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси[3] худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду дар садр[4] нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад!**

***Вақте афтод фитнае дар Шом[5],***
***Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.***
***Рустозодагони[6] донишманд***
***Ба вазирии подшо рафтанд.***
***Писарони вазири ноқисақл[7],***
***Ба гадоӣ ба русто[8] рафтанд.***

**Луғат:**

*1.Ҳаким: донишманд, донандаи илмҳои ҳикмат. 2.Тафориқ: ҷудо-ҷудо, мурод кам-кам хӯрдан. 3.Дар нафси худ: дар зоти худ. 4.Садр: пешгоҳ, болои маҷлис, маснади баланд. 5.Шом: номи кишвар дар қаламрави Арабистон. 6.Рустозодагон: зодагони деҳа, аҳли деҳа. 7.Ноқисақл: камхирад, камақл. 8.Русто: деҳа.* (2,56)

***Мазмуни матн:***

Донишманде писарони худро панд медод, ки «Эй азизони падар, ҳунар омӯзед, ки ба молу мулк ва давлати дунё эътимод нест. Пулу мол ҳангоми сафар дар маърази нобудист: ё дузд якбора ҳамаашро мебарад ё соҳибаш кам-кам харҷ мекунад, ки тамом мешавад. Аммо касбу ҳунар монанди чашма ҳамеша дар афзоиш асту фоида меоварад ва сарватест, ки ҳамеша бо соҳибаш аст. Агар соҳибҳунар бе пул монд, гапе нест, зеро ҳунар дар зоти худ сарват аст. Одами ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад, ӯро ҳурмат мекунанду боло менишонанд, вале каси беҳунар гадоӣ мекунаду ба сахтӣ рӯз мегузаронад».

**Вақте афтод…:** Вақте дар кишвари Шом ошӯбу ғавғо ба амал омад, ҳар кас худро ба гӯшае гирифту пайи касбу коре шуд. Зодагони деҳа, ки донишманд буданд, ба мақоми вазирии подшоҳ расиданд, аммо фарзандони камақли вазир ба қишлоқҳо барои гадоӣ рафтанд.

**Намуна аз боби ҳаштум:**

***Ҳикмати ҳафтум***

**Сухан миёни ду душман чунон гӯй, ки агар дӯст гарданд, шармзада нашавӣ .**

***Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,***
***Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.***
***Кунанд ину он хуш дигарбора дил,***
***Вай андар миён кӯрбахту хиҷил.***
***Миёни ду тан оташ афрӯхтан,***
***На ақл асту худ дар миён сӯхтан.***
(2,60)

***Шарҳи ҳикмат:***

Дар байни ду шахси ба ҳам душман чунон сухан гӯй, ки агар онҳо бо ҳамдигар оштӣ кунанду дӯст шавад, ту аз суханони ба онҳо гуфтаат хиҷилу шарманда набошӣ.

**Миёни ду кас**…: Ҷанг дар байни ду кас оташи афрӯхтаро мемонад ва хабаркаши бадбахт ҳезумкаши ин оташ аст. Он ду ҷангара бо ҳамдигар оштӣ мекунанду роҳи муросоро пеш мегиранд, вале суханчини хабаркаш шармандаю расво мешавад. Оре, ду касро ҷанг андохтан аз рӯйи ақлу фаросат нест, зеро дар оташи ин ҷанг худи ҷангандозанда месӯзад.

Барои он ки омӯзгор тавонад хонандагонро ба андешидан во дорад, хубтар аст натиҷагирӣ аз ҳикоятро ба онҳо вогузорад. Ҳамчуни вобаста ба ғояи ҳикоя метавонад ба хонандагон навиштани иншоро супориш диҳад. Агар хонандагон бо луғат кор карданро ёд гирифтанд, баёни мазмуни ҳикоятро метавон ба онҳо супориш дод. Бо ин роҳ метавон малакаи андешиданро дар тафаккури хонандагон такмил дод.

Агар хонандагони мо «Гулистон»-ро ҳадди ақал дар ҳамин сатҳ бифаҳманд, роҳи онҳо барои фаҳми амиқтари ин асар ва осори суханварони бузурги дигар то ҳадде ҳамвор хоҳад шуд.

## КИТОБНОМА:


1. Гулистони Саъдӣ.Ба кӯшиши Халил Хатибраҳбар.-Теҳрон, 1385.
2. Шарҳи мунтахаби «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ. Ба кӯшиши Ш.Р. Исрофилниё ва А.Раҳнамо. Душанбе, 2016.
3. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун.//Илм ва инноватсия, 2014, №3, с. 67-71.


## СТИЛЬ ОБУЧЕНИЯ «ГУЛИСТОН» СААДИ ШЕРОЗИ В ШКОЛАХ


***Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ***



Автор статьи постарался показать бесценное произведение «Гулистон»-а Саади Шерози методики анализа поэтики с примерами. Автор предлагает методику обучения жизненного пути поэта на основе его произведений.



Ключевые слова: методика, обучение, учитель, текст, стиль, язык.


## LEARNING STILE OF “GULISTON” SADI SHEROZI IN SCHOOLS


***SH.R. ISROFILNIOY***

The author tried to show the priceless work of "Guliston" -Saadi Sherozi with method of analysis poetics with examples. The author proposes a method of teaching the life of the poet based on his works.
**Keywords:** methodology, training, teacher, text, style and language.

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО»-И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ.

***НИЁЗОВА ЗЕБО, аспиранти ПРМ***
***ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ***

Мероси пурғановати Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мақоми хеле баланд дорад. Аксари адабиётшиносон ӯро ба сифати бузургтарин суханвари ҳаҷвнигор муаррифӣ кардаанд ва осори ӯ имрӯз низ дар тарбияи маънавии насли наврас аҳамияти фавқуллода дорад. Бино ба таъкиди муҳаққиқон, «Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар таълими адабиёт дар мактаби миёна ва ҳамчунин дар факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо барои устодон пеш меояд, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ, алалхусус, шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ набошад, наметавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дарсаш низ самараи хуб дода наметавонад». (7,67) Дар ин навишта саъй намудем, то шеваи таълими «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зокониро бо мисолҳо ва ба забони сода пешкаши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гардонем.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1» (соли нашр 2007) дар синфи У11 2-соат ва дар синфи 1Х 3-соат барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Убайди Зоконӣ ҷудо шудааст. Аммо дар барномаи наве, ки Ш.Р. Исрофилниё пешниҳод намудааст, барои таълими рӯзгор ва осори Убайди Зоконӣ танҳо дар синфи 1Х 14-соат ихтисос дода шудааст.

Воқеан, осори ин шоири бузурги ҳаҷвнигор сазовор аст, ки барои таълими онҳо соати бештаре ҷудо бишавад.

Донишмандон баъд аз таҳқиқи рӯзгор ва осори суханвар муайян кардаанд, ки Мавлоно Низомуддини Убайди Зоконӣ яке аз суханварони мумтози адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва аз бузургтарин латифапардозону наққодони чирадасти адабиёти оламшумули мост. Ӯ дар деҳаи Зокони қаламрави Қазвини Эрон таваллуд ёфтааст. Замони зиндагии шоири ҳаҷвнигор ба давраи қатлу ғорати истилои муғул рост меояд, ки аз тиратарин даврони таърихи мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон аст.

Осори бадеии Убайди Зоконӣ хеле бой ва басо рангин буда, навъу шаклҳои бешумори адабиро дар бар мегирад, ки ин ҳолат дар таърихи адабиёти форсу тоҷик кам ба назар мерасад. Убайди Зоконӣ ҳам шоири тавоно ва ҳам нависандаи беҳамтост. Ӯ чун шоир қасида, ғазал қитъа, рубоӣ ва маснавиҳои «Ушшоқнома», «Меҳмонӣ кардани сангтарош Худовандро аз садоқат», «Мушу гурба» ва ба ҳайси нависанда рисолаҳои беназири «Ахлоқ-ул-ашроф», «Рисола дилкушо», «Сад панд», «Ришнома», «Фолномаи буруҷ», «Фолномаи вуҳуш ва туюр», «Наводир-ул-амсол», «Мактуботи қаландарон», «Ахлоқ-ул-амсол», «Мақомот» ва «Даҳфасл»- ро таълиф намудааст. Адабиётшиносон муайян кардаанд, ки ҳунари суханварии Убайди Зоконӣ, пеш аз ҳама, дар ҳаҷву мутайиба зоҳир гаштааст. Шоир, агар дар шеър аз қолабҳои маъмули назми классикии форсу тоҷик берун нарафта бошад, пас дар наср,

алалхусус дар рисолаҳои мансури ҳаҷвӣ тозакориҳои зиёд дошта, сабки нав ва шеваи баёни тозаро пеш гирифтааст.(3,123)

Омӯзгор бояд ҳангоми таълими рӯзгор ва осори Убайди Зоконӣ ин нукта, яъне, «бузургтарин латифапардозону наққодони чирадаст» будани суханварро бо далелҳо собит кунад. Ҳамчунин бо истифода аз осори шоир замони зиндагии ӯро барои хонандагон равшан созад.

Дар миёни асарҳои Убайди Зоконӣ «Рисолаи дилкушо» мақоми махсус дорад. Ин асар мансур буда, бо ду забон- форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ таълиф шудааст. Рисола аз ҳикояҳои хурд-хурд сурат гирифта, латифаҳои халқиро ба ёд меорад. «Рисолаи дилкушо» маҷмӯи ҳикояҳо аст, ки аз чор се ҳиссаи онро ҳикояҳои форсӣ -тоҷикӣ ва як ҳиссаи онро ҳикояҳои арабӣ ишғол менамояд ва саҳначаҳои хурд-хурдӣ фоҷиаангезу интиқодии замони муаллифро фаро гирифтааст. Зимни саволу ҷавоб ва гуфтугузори қаҳрамонон Убайди Зоконӣ тамоми нобаробариҳои воқеии рӯзгори хешро ошкор месозад. Масалан, дар ҳикояти зерин рӯзгори нобасомон ва пур аз фақру фоқаи аҳли заҳмати замони шоир инъикос шудааст:

**Ҳикоят**

**Ҷанозаеро ба роҳе мебурданд. Дарвеше[1] бо писар ба сари роҳ истода буданд. Писар аз падар пурсид:**

**-Бобо, дар ин ҷо чист?**

**Гуфт:**

**-Одамӣ.**

**Гуфт:**

**-Куҷояш мебаранд?[2]**

**Гуфт:**

**- Ба ҷое, ки на хӯрданӣ бошаду на пӯшиданӣ, на нону на ҳезум, на оташу на зару на сим[3], на бӯрё[4], на гилем.**

**Гуфт:**

**- Бобо, магар ба хонаи мо мебаранд**?(5,39)

Омӯзгор бояд ҳамроҳи хонандагон ҳикоятро баррасӣ кунанд. Хуб мебуд, ки яке аз талабагон ҳикоятро бо овози баланд қироат мекард ва дигарон гӯш мекарданд. Бояд аввал калимаҳои душворфаҳм шарҳ дода шаванд. Калимоти душвор аз ҷониби омӯзгор шарҳ дода мешаванд. Хонандагон бо калимаи «ҷаноза» ошноянд ва онро мефаҳманд, вале вожаи «дарвеш» ниёз ба шарҳ дорад. Мафҳуми дарвеш дар ин ҳикоят ба маънии шахси камбағал, бе чиз, нодор ба кор рафтааст. «Бобо» ин ҷо ба маънии падар ба кор рафта, ки имрӯз ҳам дар баъзе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба шакли «бова» ба кор меравад. Калимаҳои «зар», «сим» ва «бурё» низ бояд аз ҷониби муаллим шарҳ дода шавад.

Чуноне ки мебинем, дар ин ҳикоят Убайди Зоконӣ бо зарофату ришхандҳои сабук тарзи зиндагии фақиронаву нодории ҳамзамононашро баён намуда, аз номи писари дарвеше қиссаро ҷамъбаст мекунад. Аз ин ҳикоя вазъи иҷтимоӣ, тарзи зиндагии камбағалонаву номусоиди асримиёнагии мардум ба назар мерасад. Убайди Зоконӣ бо чунин ҳикояҳои фошкунандаи худ тамоми нобаробариҳои замони хешро ошкор месозад. Ӯ бо суханони нешдор золимиву номардумиҳои аҳли ҷоҳу сарвати замонашро зери тозиёнаи танқид мегирад. «Рисолаи дилкушо» зиракӣ, дурбинӣ ва ҳозирҷавобиву некниятии муаллифи онро нишон медиҳад, ки ӯ ҳамеша ҷонибдору дилсӯзи аҳли меҳнат, мардуми одӣ будааст. Дар ҳикояти дигар, сӯфиёни тариқатро, ки бояд шахсони беолоиш, поку порсо ва таркидунёкарда бошанду вале хирқаи сӯфиёнаро барои фиреби мардум пӯшидаанд, мавриди танзу масхара қарор медиҳад:

**Ҳикоят**

**Сӯфиеро гуфтанд:**

**-Хирқаи хеш бифурӯш.**

**Гуфт:**

**- Агар сайёд доми худ фурӯшад, ба чӣ чиз шикор кунад?**

(5,33)

Хирқа- ҷомаи пашминаест, ки сӯфиёни тариқат мепӯшанд ва он нишони порсоӣ аст. Ин ҷо нависанда аз забони сӯфӣ сирату нияти ӯро фош кардааст. Дар ибтидои пайдоиши тасаввуф касоне, ки ба ин ҷараён мегаравиданд, аз дунё даст мекашиданд ва ҳама вақт ба тоату ибодат машғул мешуданд. Хирқаи хашине доштанд, ки ҳама вақт тани онҳоро мехарошид, то аз ёди Худо фориғ набошанд. Мардум онҳоро хеле эҳтиром мекарданд. Аммо дар замони Убайди Зоконӣ, чуноне ки аз ҳикоятҳояш бармеояд, тасаввуфу сӯфигарӣ ба доми фиреби сӯфинамоён табдил ёфта буд. Яъне, сӯфиёни замони нависанда поку порсо набуданд, ҷомаи дарвеширо барои фиреби мардум мепӯшиданд. Аз ҳамин сабаб аст, ки нависанда сӯфиро ба сайёду хирқаашро ба доми сайёд монанд кардааст.

Омӯзгор бояд бо хонандагон фаҳмонад, ки сӯфиён одамони ботақвову худдотарсанд, вале баъзе касоне ҳастанд, ки худро сӯфию мулло вонамуд карда, мардум, алалхусус, ҷавононро ба роҳи хато мебаранд. Бояд сӯфиёни поку порсоро аз сӯфитарошону муллоҳои бесаводу фиребгар фарқ кард. Вобаста ба ин муаллим бояд моҳияти дини ислом ва хусусан, мазҳаби Имоми Аъзамро, ки инсонро ба роҳи некию накукорӣ ҳидоят мекунад, ба ҷавонон фаҳмонад.

Дар ҳикояти дигар, сустимонии мусулмонони замони худро фош намуда, таъкид мекунад, ки мусулмонӣ танҳо дар нишонаҳои зоҳирӣ, ҷома пӯшидану сала бастан ва ба масҷид рафтан нест:

**Ҳикоят**

**Рӯзе Музаббад[1] бар дари масҷиде истода буд. Муаззин[2] бонги азон бардошт, ки «ҳайя алалсалот-биштобед барои намоз» ва мардум ба анбӯҳ гирд омаданд. Пас, Музаббад гуфт:**

**- Ба Худо савганд, агар гуфтӣ: «ҳайя алалзакут-бишитобед барои додани закот[3]» аз даҳ тан як тан ҳам наёмадӣ.**

**Луғат:**

1- номи шахс. 2- азонгӯянда. 3- закот- як ҳиссаи мол, ки дар роҳи Худо диҳанд. Закот ҳам мисли намоз аз фарзҳои дини ислом аст.

(5,29)

Нависанда аз номи Музаббад, ки монанди Талҳаку Ҷуҳо аз қаҳрамонони латифаҳои ӯянд, сустимонии мардуми замонашро ошкор намудааст.

Омӯзгор дар баробари шарҳи калимоти муаззин, азон, закот бояд мавқеи онҳоро дар дини ислом баён кунад, то мақсади муаллиф аз ин ҳикоя барои хонандагон равшан шавад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки ба ҳеч ваҷҳ Убайди Зоконӣ шахси бедин набуду исломро масхара накардааст, балки аз хор шудани дини ислом ва воситаи сарватҷамъкунии сӯфиёни риёиву рӯҳониёни фиребгар гаштани онро ҳимоя кардааст. Ба ҳамин минвол, омӯзгор метавонад ҳамроҳи хонандагон чанд латифаеро баррасӣ кунад, ки марбут ба яке аз рукнҳои дини ислом - ҳаҷ бахшида шудааст. Аз ҷумла ҳикояҳои зерин маҳз дар ҳамин масъалаанд:

**Ҳикоят**

**Розӣ[1] ва Гелонӣ[2] ва Қазвинӣ[3] бо ҳам ба ҳаҷ рафтанд. Қазвинӣ муфлис[4] буду Розию Гелонӣ тавонгар[5] буданд. Розӣ чун даст дар ҳалқаи Каъба зад, гуфт:**

**- Худоё, ба шукронаи он ки маро ин ҷо овардӣ, Булбулу[6] Бунафшаро[7] аз моли худ озод кардам.**

**Гелонӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:**

**- Бад-ин шукрона Муборак[8] ва Сунақарро[9] озод кардам.**

**Қазвинӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:**

**- Худоё, ту медонӣ, ки ман на Булбул дораму на Сунақар, на Бунафшаву на Муборак, бад-ин шукрона модари Фотимаро[10] аз худ ба се талоқ озорд кардам.**

**Луғат:**

*1-аз аҳли Рай, шаҳрест дар Эрон. 2-аз аҳли Гелон, шаҳрест дар Эрон. 3- аз аҳли Қазвин, шаҳрест дар Эрон, ки мардумаш хеле шӯхтабъу сода ва зудбоваранд. 4- бе чиз, камбағал.5- бой, сарватманд. 6, 7, 8. 9, номҳои ғуломону канизон. 10- номи духтари Қазвинӣ. (5,24)*

Бояд зикр кард, ки дар ин ҳикоят ба ҳеч ваҷҳ ҳаҷ, ки яке аз рукнҳои дини ислом аст, ҳаҷв нашуда, балки содагии марди қазвинӣ ва ноогоҳии ӯ аз расму русуми ҳаҷ ба танз кашида шудааст. Яъне, Розию Гелонӣ, ки сарватманд буданд, хидматгоронашонро ба шукронаи ҳаҷ карданашон озод карданд, вале Қазвинӣ, ки шахси камбағал аст, ҳеч зарурате ба озод кардани касе надошт, балки тақлид ва ноогоҳии ӯ боис шуда, ки занашро талоқ диҳад. Мувофиқи талаботи дини мубини ислом ҳаҷ ба мусулмоне фарз мегардад, ки имкони молӣ дошта бошад. Агар мусулмоне зану фарзандашро берӯзӣ гузошта, ба ҳаҷ рафта бошад, ҳаҷаш дуруст намешавад. Қазвинӣ бо ин содагиаш на ин ки аз заруроти ҳаҷ огоҳ набуданашро ошкор кард, балки ҷабри азиме ба зану фарзандҳояш раво дид, ба умеди он, ки ҳаҷаш қабул гардад.

Дар ҳикояти дигар, ки низ марбут ба ҳаҷ аст, аз як сӯ, зиракии араби биёбонӣ ва аз сӯйи дигар, бепарвоии арабро ба дини ислом нишон медиҳад:

**Ҳикоят**

**Аъробиеро[1] гуфтанд: Ту пир шудаӣ ва умре табоҳ кардаӣ, тавба куну ба ҳаҷ рав.**

**Гуфт:**

**- Харҷи сафари ҳаҷ набошадам.[2]**

**Гуфтанд:**

**- Хонаатро бифурӯшу ҳазина кун.[3]**

**Гуфт:**

**- Чун боз гардам, куҷо сукунат гузинам?[4] Ва агар боз нагардаму муҷовири[5] хонаи Каъба монам, Худоям намегӯяд, эй аблаҳи нодон, аз чӣ рӯ хонаи худро бифрӯхтию дар хонаи ман манзил гузидӣ?[6]**

***Луғат:***

*1- араберо. 2- яъне,барои ҳаҷ рафтан маблағ надорам. 3- яъне, хонаатро фурӯшу харҷи роҳро пайдо кун, ҳазина кардан ба маънии ҷамъ кардан аст.4-интихоб кардан, яъне баъд аз бозгашт аз ҳаҷ дар куҷо зиндагӣ кунам.5- ҳамсоя, наздик, муқим ва бошандаи назди ибодатгоҳ ва дигар ҷойҳои муқаддас. 6- интихоб кардӣ.* (5,43)

Чуноне ки аз ҳикояи боло мушоҳида мешавад, араби биёбонӣ аз расму русуми ҳаҷ огоҳ аст ва барои ҳаҷ нарафтанаш низ сабаби бисёре овардааст. Сабаби аввали араб, яъне харҷи роҳ надоштан, аз лиҳози шариат дуруст аст, аммо сабабҳои дигаре, ки овардааст, хандаовар ҳастанд.

Дар ҳикояти дигар, ки низ ба ҳамин масъала бахшида шудааст, маҳдудияти андешаи арабро нисбат ба бузургии Худованд мефаҳмонад:

**Ҳикоят**

**Арабе ба ҳаҷ рафт ва пеш аз дигарон дохили хонаи Каъба шуду дар пардаи Каъба овехт ва гуфт:**

**-Бор Худоё, пеш аз он ки дигарон даррасанду[1] бар ту анбӯҳ[2] шаванд ва заҳматат афзоянд, маро биёмӯрз[3].**

***Луғат:***

*1-бирасанд, биёянд. 2-бисёр, зиёд, издиҳом. 3- яъне, гуноҳҳои маро бибахш.* (5,19)

Аз тарҷумаи ҳоли Убайди Зоконӣ бармеоянд, ки гузаштагони ӯ аз миллати араб будаанд, вале баъдан бо форсҳо омехта шуда, эронӣ шудаанд. Омӯзгор бояд моҳияти ҳар як ҳикояро вобаста ба баромади иҷтимоии шоир, замони зиндагии ӯ таҳлил намуда, ба хонандагон фаҳмонад.

Ҷанбаи дигаре, ки омӯзгор ҳангоми таълими «Рисолаи дилкушо» бояд диққат диҳад, ҳамоно, забони ҳикоятҳост. Муаллим бояд шогирдонро бо каломи пухтаву равон ва мухтасару нишонрас будани сабки сухани ҳикояҳои суханвар шинос кунад. Муъҷазбаёнию мухтасаргӯйӣ аз мушаххасоти ҳикоятҳои Убайди Зоконист. Баъзе ҳикоятҳо аз ду-се ҷумла иборатанд, монанди ҳикояи «Сӯфиеро гуфтанд», ки дар боло овардем. Ҳамчунин ҳикояи зерин:

**Ҳикоят**

**Талҳакро пурсиданд, ки даюсӣ чӣ бошад?**

**Гуфт:**

**- Ин масъаларо аз қозиён бояд пурсид.**

(5,28)

Ҳарчанд, ки ин ҳикоя хеле кутоҳ аст, аммо маънои амиқе дорад. Хонанда тавассути ин ҳикоя аз чигунагии қозиёни замони шоир маълумот мегирад.

Агар муаллими одабиёт ҳангоми таълими «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ин нуктаҳоро, ки баён кардем, ба назар бигирад, дарсаш самараи хуб дода метавонад ва хонандагон метавонанд ба ин васила аз моҳияти ҳикоятҳои суханвар огоҳ шаванд. Илова бар ин, шарҳи калимоту ибораҳои душвор захираи луғавии онҳоро бой мегардонад.

## КИТОБНОМА:

1.Аббос Иқбол. Куллиёти Убайди Зоконӣ. Теҳрон,1334.

2. Муҳаммад Осимӣ. Мавлоно Низомиддини Убайдуллоҳи Зоконӣ \\ Паёми навин, № 9, 1338, саҳ.67-73.

3. Холиқ Мирзозода. Ҳаҷвнависи бузург Убайди Зоконӣ// Мулоҳизаҳо доир ба адабиёт, Душанбе: Адиб, 1963, саҳ. 123-147.

4. Убайди Зоконӣ. Куллиёти Мунтахаб, Душанбе, 1963.

5. Ш. Р. Исрофиёниё ва М. Султонмамадова. Мунтахаби «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ Душанбе. 2016.

6. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун.//Илм ва инноватсия, 2014, №3, с. 67-71.

## МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО» УБАЙДА ЗОКОНИ В СРЕДНИХ ОБШЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

***З.НИЁЗОВА***

*В статье автор подчёркивает выдающуюся роль великого литератора Убайда Зокони в истории персидско-таджикской литературы.*

*Автор постарался предложить учителям средних общеобразовательных учреждений методику преподавания произведения Убайда Зокони «Рисолаи дилкушо».*

Ключевые слова: Убайди Зокони, методика, рассказ, анекдот, стиль речи.

## METHOD OF TEACHING "Risolai Dilkusho" UBAYD ZOKONI AT THE (COMMON EDUCATIONAL SECONDARY INSTITUTIONS) SCHOOLS

***Z.NIYOZOVA***

The author emphasizes the prominent role of the great writer Ubayd Zokoni in the history of Persian-Tajik literature.

The author has tried to offer the teachers of average educational institutions teaching methodology works of Ubaid Zokoni "Risolai Dilkusho".

**Keywords:** Ubaid Zokoni, technique, story, anecdote, style of speech.

*ТАҚРИЗ*
*ОТЗЫВ*

# ТАҚРИЗ
# БА РИСОЛАИ ИЛМИИ С. СУЛАЙМОНӢ «ПЕДАГОГИКАИ ФАРОҒАТ»

***И. ДАВЛАТШОЕВ***
***ходими пешбари илмии шуъбаи***
***педагогика ва психологияи ПРМ АТТ,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

Муаллиф дар асари навини педагогии хеш назарияхои олимони муосири Аврупою Амрико ва тоҷику форсро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуда, тибқи талаботи педагогикаи фароғат мавқеи устуворона ва нуқтаи назари ибтикориро бо амалияи рушди фарҳангии тарбияти шахс таҳқиқ намудааст. Чунончи, аввалан ӯ ба ақидаи файласуфони Юнони қадим ва Ҳинд Афлотун, Суқрот, Арасту, То Гувр ва Плутарх такя намуда, перомуни ҳаллу фасли масоили тарбияти шахс дар раванди фаъолияти фароғатӣ ҳам аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва ҳам педагогӣ дар равиши истифодаи дурусти вақти фароғат андешаронӣ намудааст.

Баъдан, устод С. Сулаймонӣ назарияи файласуфон ва равоншиносонро аз дидгоҳи ҷараёнҳои идеализм (Ҳерберт Рейд), реализм (Ҷон Локк), прагматизм (Дюи), ҷомеашиносон (Огюст Конт, Энгелс, Земил, Реблен, Домездия, Маркс, Маргарит Мейд, Кембел Юнг), Патрик (равоншиноси амрикоӣ), донишмандони муосир Доктор Нош, Ҷеродӣ Файз, Кросс, Бючер, Рейд, Карлсон ва дигарон дар доираи фаъолияти фароғатӣ натиҷагирӣ аз дамгирии майнаи одам, шодию нишот, солимгардии ҷисмонӣ ва маънавӣ, самаранокии истифодаи вақти холӣ, бахри офиятбахшӣ ва манфиатгирӣ аз бозӣ, варзиш ва ғайраҳо таҳқиқоти бобарор анҷом додаст, ки дар амалияи ҳаётии инсон ба исбот расидаанд.

Донишманди маъруфи тоҷик дар асоси хулосабарориҳои мантиқии олимони оламшумули гузашта ва муосир ҳақиқатнигорона қайд намудааст, ки агар «тафреҳот (фароғат)-и интихобшуда огоҳона сурат гирад, метавонад сабаби осудагии равонӣ, саломатии ҷисмонӣ, рушду тавсиаи шахсият ва мушорикатҳои иҷтимоӣ барои тамоми аҳоди башарӣ шавад». Воқеан, самаранок истифода бурдани вақти холӣ ва озод аз дидгоҳи фароғатии ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солими шахсият мусоидат мекунад.

Тибқи афкори пешқадами педагогию иҷтимоии олами мутаммадин офиятбахшии вақти фароғатро муаллифи рисолаи «Педагогикаи фароғат» дар намунаи ҳар кадом ба худ хосси як қатор мамолики мутараққии ҷаҳони муосир – Аврупо (Фаронса, Австрия, Олмон, Булғористон), Ҳиндустон, Кореяи Шимолӣ, Куба ва Ҷопон бо мисолҳои ҷолиби диққат нишон додаст, ки истифода аз аксари онҳо дар шароити Тоҷикистони мо низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Чунончи, дар радифи омӯзиши таҷрибаи пешқадами аксари кулли мамолики номбурда, бахусус вақти холигӣ ва фароғатии хешро гузаронидан бо омӯзиши маҷаллаю мутолиаи қитобҳо, ҳунаромӯзӣ, дидану омӯхтани намоишномаҳои фарҳангию илмӣ, санъату маданият аз тариқи радио телевизион ва дигар васоити ахбори омма (ВАО), ташкили сабқатҳои варзишию тандурустӣ, тамринҳои солимгардонӣ барои кишвари дорои захираҳои обу барфу борони чаҳор фасли соли кишвари офтобруя ва биҳиштосои Тоҷикистон айни муддао мебуд.

Вобаста ба таҳқиқоти солҳои охир муаллифи рисола коркардҳои аслии вақти фароғатро ба ду қисмати асосӣ - мустақим, ғайримустақим ва аҳамияти онҳо дар таҳавулоти иҷтимоӣ, истироҳат ва рафъи хастагӣ, нишот аз фароғат, зебоишиносӣ, шинохт, ҳосили кайфият, таъсири анвоъ шаклхои истифодабарии солимгардонии онҳо ва омилҳои муассири вақти фароғат, нақши омилҳои сиёсию иҷтимоӣ, омӯзиш ва парвариши истисноӣ муқаррар намуда, пас он таъсири тарзи зиндагию рӯзғордорӣ бар фароғати инсон ва ҳадафҳои гузаронидани вақти фароғату сарфи нерӯи барномасозӣ, заминаи равонии онро баҳри ташаккули навоварӣ дар раванди фаъолиятҳои фароғатӣ инъикос намудааст. Дар самти навгонии рушди фароғатӣ муаллиф тафакурро ба ду дастаи ҳамгиро ва вогиро тақсим намуда истода, мавқеи илмии хешро устуворона тариқи зайл таҳким бахшидааст: «Тафаккури ҳамгиро, талоше аст барои ҳалли масъала бо равишҳои суннатӣ ва омӯхташуда дар ҳоле қи тафаккури вогиро, тафаккуре аст мубтано бар равишҳои наву ҷадид». Ба ҳамин тариқ, бо баррасии андешаи равоншиносон тафаккури вогироро муҳаққиқи рисола навоварии арзишнок муаррифӣ намуда, ҷавононро ба шинохти он мувоҷеҳ месозад.

Дар таҳқиқи боби дигари рисола, ки «Аҳамияти вақт дар зиндагӣ» номгузорӣ шудааст, муаллифи рисола се нақши онро дар фаъолияти фароғатӣ баррасӣ намудааст: якум, рафъи хастагӣ дар раванди саргармии фароғатӣ, дуюм, истифодаи имконият҃ҳои вақти холигӣ барои такмили эҷодкориҳо дар баланд бардоштани сатҳи маълумот, сеюм, ширкати интелектуалии гурӯҳии озоди иҷтимоӣ тибқи дарёфти истеъдодҳо. Барои рафъи мушкилоти рухдиҳанда муҳаққиқи рисола баҳри танзими вақти фароғат чунин талаботу усулҳои зарурии риояи қоидаҳои куллиро ба миён гузоштаст, ки барҳақ барномасозӣ ва пурзӯр намудани назоратро дар мадди аввал гузоштааст. Дуюм, омӯзиши худназоратии донишомӯзон тибқи густариши муроқибати дастаҷамъӣ. Сеюм, ҳифзи созандагӣ ва пешгирии оқибатҳои фасодкорӣ. Чаҳорум, истифода аз тамоми имконоти мавҷуда баҳри фароғати вақти холӣ. Панҷум, ҷуброни костаҳои фаъолият ва дар охир, таносуби маблағи вақти фароғат, ки шояд тулонӣ гардаду одатҳои танбалию танпарварӣ мушкилотро эҷод мекарда бошанд, зарурияти истифода аз барномаҳои қаблӣ баҳри пешгирии он мушкилоти рухдиҳанда имконпазир мегардад. Баҳри рафъи мушкилот муҳаққиқ «соддатарин, камхарҷтарин ва бехатартарин навъи» варзишро муҳимтарин омили солимгардонӣ дар фароғат номидааст, ки ба шароити рухдиҳанда пурра мувофиқу мусоид бошад.

Дар фасли муҳими рисола, ки ба проблемаи педагогика фароғат дар назария ва амалияи рушди фарҳангии шахс бахшида шудааст, муаллиф ба тадқиқоти сотсиологҳо, фарҳангшиносон, акмеологҳо, ювенологҳо, герополог҃ҳои Федератсияи Россия такя намуда, аз нигоҳи танқидӣ нисбати истилоҳотсозии забони тоҷикӣ нуқтаи назари хешро баррасӣ намудааст. Дар доираи услуби муқоисавӣ муҳаққик санъату маданияти русро бо мисолу намунаҳои хоссаи фарққунанда ба фарҳанги ғании тоҷикӣ таҳлилу тафсир намуда истода, нуқтаи назари хешро беғаразона чунин баён мекунад, ки истифодаи онҳоро на ба таври тақлидкорона аз ҷониби ҳаваскорони санъат, балки эҷодкорона қобили қабул меҳисобад. Баъдан, муаллиф бекорӣ ва вақти зиёдатии холии инсонро дар равиши назарияи К.Д. Ушинский маҳкум намуда, самаранок ва сарфакорона истифодаи онро ба ҳамагон аз ҷиҳати илмӣ талқин намудааст. «Дар раванди фаъолияти иҷтимоӣ- фарҳангӣ неруи рӯҳию равонии шахс мунтазам такмил меёбад».-гуфтани муаллиф маънои онро дорад, ки агар шахс донишҳои навро аз худ намуда, мунтазам малака, маҳорат ва таҷрибаи хешро такмил диҳад. Дар ин фасли рисола аввалин олими муайянкунандаи вазифаҳои фаъолияти маърифатиро ба М.С. Зеленетский дониста шуд, гурӯҳи калони

олимони баъдинаи солҳои 60-уми Русияро мутахассисони соҳаи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ба қалам додааст, ки дар натиҷаи таҳлилу баррасии асарҳои онҳо «се функсия (вазифа)-и фаъолияти иҷтимоии - фарҳангӣ – креативӣ (самаранокӣ), ташкилкунандаи иҷтимоӣ ва рушдбахшандаи шахсиятро муқаррар намудааст.

Қисмҳои асосии фаъолияти фарҳангӣ- фароғатиро муҳаққиқ дар фасли дигари рисола чунин шарҳ додаакст, ки «Фаъолияти дӯстдорон (ҳаваскорон), ки дар заминаи марказҳои фароғатӣ ба роҳ монда мешавад, ба воситаи технологияи мудирияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ идора мешавад». Фаъолияти вазифавии онҳо, ки дар сохторҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ – клубҳо, коххои фарҳанг, марказҳои фароғатӣ, методӣ, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу истироҳат, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва ғ-ҳо фаъолият мекунанд, дар роҳи татбиқи онҳо муаллиф масоили аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ҳаллу фасли технологияи онҳоро дарёфт намудааст. Аломатҳои усули муайянкунандаи фаъолияти фарҳангӣ –фароғатӣ аз нигоҳи олими тоҷик дар омилҳои донишандӯзӣ (каломи аёнӣ, амалӣ, репродуктивӣ, ҷӯяндагӣ – таҳқиқотӣ, усули таъсиррасонӣ, ҳамкорӣ ва амалиёти мустақилона, рушдёбанда (усули ҳидояткунӣ, додани иттилооти дастурӣ, назорати кори мустақилона) ифода гардидаанд. Баъдан, дар ин боб масоили марбута вобаста ба фаъолиятҳои фарҳангию фароғатӣ тибқи усули корбарии каломӣ (хабар, фаҳмондан, суҳбат, муҳокима, маслиҳат), аёният (нигоридан, намоиш додан, истифодаи асарҳои матбуотӣ (тавсиявӣ-иттилоотӣ, намоишӣ), театрикунонӣ, усули масъалагузорӣ, мусобиқа, машғулиятҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, усули таъсиррасонӣ, мураттабгардонӣ ва ба танзим даровардани сохтори муошират таҳкик гардидаанд.

Вобаста ба фаъолияти иҷтимоӣ- фарҳангӣ назарияи иҷтимоӣ- педагогии имрӯза аз нигоҳи муаллифи рисола се самти асосии инкишофро дорост:

1.Самти касбшиносии иҷтимоӣ-педагогӣ шароитҳои дохилӣ (ботинӣ)-и ташакули сифатҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои одоби иҷтимоии шахс, вазифаҳо, феълу ху, тамоил, худдаркнамоиро меомӯзад.

2.Масоили ба ташаккулит иҷтимоии шахс вобастабудаи хонаводабозиҳои коллективии бачагона, маҷмӯи фаъолиятҳои ҳамсоягӣ.

3Маҷмӯи проблемаҳои иҷтимоӣ – психологӣ. Хулосабарории мантиқии муҳаққиқ тибқи ин самтҳои фаъолият чунин аст, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид шудани педагогикаи иҷтимоӣ тақозои замони муосир мебошад.

Яке аз фаслҳои муҳими рисола ба педагогикаи фаъолияти миаърифатӣ ва таҳсилӣ дар соҳаи фароғат бахшида шуда, муаллифи рисола масъалаҳои умумият ва вижагиҳои педагогикаи фаъолияти маърифатӣ-таҳсилиро дар доираи омӯзиши илмҳои илоҳиёт, табиатшиносӣ, ақидаҳои фалсафию педагогии олимони ибтидои асри XX Россияи подшоҳӣ густариш додааст. Корҳои беруназсинфӣ, беруназмактабӣ, фаъолияти худомӯзӣ, ки ҳанӯз аз асри X1X то солҳои 60-уми асри XX зимни таҳқиқи донишмандони Руссия дар намунаи фаъолиятҳои нобиғаҳои ҳамондавра И.М. Сеченов, А.Н. Реформатский, М.И. Коновалов, Н.В. Чехов, М.М. Ковалевский ва дигарон коркардашуда аз ҷониби муҳаққиқи рисолаи «Педагогикаи фароғат» , дарёфт кардашудаанд, пас дар якҷоягӣ бо ҳайати бадеию эҷодии муҷамасоз А.С. Голубкина, ҳунарпешагон В.Н. Масалитинова, Е.В. Вахтанов ва дигарон таҳқиқ намудани фаъолияти маърифатӣ ва таҳсилӣ дар соҳаи фароғат муқаррар кардашуданд, аз ҷиҳати илмиӣ асоснок карда шуданд. Устод С. Сулаймонӣ барҳақ бо таассуф қайд кардааст, ки «бо оғозӣ ислоҳоти ҷомеакорҳои маърифатӣ – таҳсилии калонсолон аз инкишоф бозмемонд». Ба қавли муҳаққиқи рисола, танҳо дар солҳои 1970-1980 ҷамияти «Дониш» ва дигар ташкилотҳои ҷакмъиятӣ фаъолона

ба кор шурӯъ намудаанд. Дар рушду камолоти донишҳои фарҳангии оммаи халқ нақши радиою телевизинро қайд кардани муаллиф аз он аст, ки соли 1930 ташкил шудани институти ғоибонаи таълими радиоӣ ба низоми худомӯзии мардум таъсири мусбат бахшид. Мувофиқи таҳқиқоти муаллиф, радиошунавонӣ ва намоишҳои телевизионӣ тариқи ташкили корҳои лексионии олимони маъруфи рус А.Н. Бах, С.И. Вавилов, И.В. Мичурин ва дигарон ба пешрафти кори маърифатӣ-таҳсилӣ дар солҳои мин- баъдаи 60-70-уми асри гузашта ба пояи бланд бардоштани сатҳи маърифатии калонсолон ва ҷавонон мусоидат намуданд. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX мувофиқи иттилооти илмии муаллиф ҳаҷми намоишҳои таҳсилӣ – маърифатӣ ба сатҳи паст фаромада бошад, пас филмҳои илмӣ-оммавӣ дар такмили сатҳи маърифатӣ ва фарҳангии омма нақши арзандаро бозиданд. Муҳаққиқ барҳақ иброз доштааст, ки кино ва компютер фаъолиятнокии маърифатӣ ва маънавии ҳамагонро аз охири асри XX сар карда то ҳанӯз рушду нумӯъ мебахшанд, донишҳои фароғатии давраи холигиро васеъ ва фаъолиятнокии маърифатӣ – таҳсилиро афзун намуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки доир ба масъалаи муҳими педагогикаи мактабӣ муаллифи рисола боби махсусро дар низоми «Технологияи ташкили фароғати кӯдакон ва наврасон» бахшидааст. Дар доираи иҷтимоишавии наврасон мушкилоте, ки дар ҳаёти онҳо ба амал меоянд, инҳо мувофиқи ақидаи муҳаққиқ максимализм (ифротӣ), негативизм (инкори ҳама), бетоқатию бесабрӣ мебошанд. Ин мушкилотро муаллифи рисола якум, дар надоштани истироҳати солим ва эҷодкорӣ, ки онҳоро оқибат ба гурӯҳҳои бомжҳо (оворагарди беҷойи кору манзил, бесоҳиб), майзадаҳо ва наъшамандон ворид месозанд, дидааст. Дуюм, ба назари муаллифи рисола нарасидани маблағи наврасони камбизоат барои дохил шудан дар бахшҳои варзишӣ, студияҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, ки пулакӣ шудаанд. Сеюм, аз меъёри муқаррарӣ зиёда ба бозиҳо ва машғулиятҳои дигари компютерӣ сару кор гирифтани онҳо, ки мувофиқи нишондоди муҳаққиқ ба саломатии наврасон зараровар буда, нури чашмонашонро хира, қоматашонро хам ва осеб ба сутунмуҳра оварда мерасонанд. Чорум, дар доираи иштирок надоштан дар фаъолияти фароғатгоҳ ва қонеъ карда нашудани ниёзҳои наврасон оқибат ба кӯча дода шудани онҳо мувофиқи муаллифи рисола аз падидаи доғи рӯз аст. Аз рӯйи нишондодӣ устод С. Сулаймонӣ «Барои он ки неруи тарбиявии вақти холии наврас пурра ва мақсаднок истифода шавад, ӯро то ҳадди имкон барвақттар бо фаъолияти фаъоли иҷтимоии фароғатӣ банд кардан зарур аст» ва дар сохтори зерин ба роҳ мондани масъаларо пешниҳод мекунад: дар муассисаҳои бачагонаи фароғатӣ; ҷалби онҳо ба истироҳат ва ташабускориҳои ҷамъиятӣ; вобаста намудани онҳо ба варзиш, эҷолкорӣ, бозӣ, меҳнат; ворид сохтан ба ҳайати коллективи мувофиқ (марказ, отряд, гурӯҳ); ҳамроҳ намудан аз рӯйи ҷинс (якҷинса, ҳарҷинса); баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии онҳо. Дар ташкили фароғати самаранок муаллиф усули ҳавасмандгардонӣ ва саргармнамоӣ, усули рушди ташаббускорӣ ва худфаъолиятии кӯдакону наврасон, истифода аз усули такя бар эҳсосоти мусбатро бо далелҳои қотеъонаю воқеӣ тарҳрезӣ намудааст.

Дар боби дигари китоб муаллиф дар раванди иҷтимоишавии кӯдак нақши барномаҳои фарҳангиву варзиширо бехтарин омили пажӯҳишҳои озмоишии фаъолияти самарабахши фароғатию маърифатӣ ба қалам додаст, ки гуногунрангии тадбирҳои фарҳангию педагогӣ, муҳайё намудани шароит, риоя намудани шартҳои коллективӣ ва муносибатҳои равонии инсонпарварона нисбат ба шогирдон аз маҳорати корбарӣ ва роҳбарии одилонаи коллективи педагогии фароғатӣ вобастагӣ дошта бошад.

Боби «Технологияи ислоҳи рафтори ношолиста» ба ислоҳи фаъолияти таҳрифкоронаи ғайри қобили қабул ва ё хилофи қоидаҳои ҷорӣ бахшида шуда, муаллиф барномаи ислоҳнамоии «Фарҳанг алайҳи наъшамандӣ»- и Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва ҳунари ш. Москва ва барномаи иҷтимоӣ педагогии «Эмпатия»- и олими амрикоӣ Р. Виггингтон (бо усули равондармони)-ро ҳамчун намуна мисол меоварад ва пас аз таҳлили чуқури илмии вазъи мушкилоти бамиёномада баҳри ислоҳот мавзӯҳои дарсҳои факултативӣ – «Ҳайвоноти хонагӣ; дафтари дарсазхудкунӣ» одатҳои хуб; дигар авбошӣ накунед; худро аз ҷаҳолат нигоҳ дор; таҷовузи ниҳонӣ ва диданашавандаро боз дор; тухфаи беҳтаринро интихоб намо"-ро бо тавзеҳоти зарурии методӣ тавсия додаст. Ба ақидаи олими тоҷик бадтарин мушкилоти хонаводагӣ дар таҳкими муҳайё накардани шароити фароғати истироҳатӣ барои кӯдакон фирорӣ гардидани онҳост, ки комилан дуруст аст.

«Технологияи фарғати ҷавонон» боби дигари рисола аст, ки муҳаққиқ синни то 24-сола (донишҷӯ, кормандони дорои тайёрии касбӣ) ва пас, то 30-сола (дорои ихтисос ва таҷриба)-ро дар назар дорад, ки гӯё дар натиҷаи акселератсияшавӣ ва алтруизмгароӣ фароғати онҳо «майдончаи зарурии иҷтимоӣ барои корҳои мушаххас» бошад. Устод С. Сулаймонӣ бо дурустӣ қайд намудааст, ки «Фарҳанги ҷавонӣ – қисми фарҳанги умумии ҷомеа аст». Вале тафовутҳои фарҳангии ҷавононро муаллиф аз нигоҳи танқидӣ ташвишовар арзёбӣ намуда, иттиҳодияҳои ғайрирасмии ҷавонон (неформальные объединения молодёжи)-ро, ки зодаи Россияи давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аст, бо нишондоди олимони рус С.И. Иконникова (худфарҳангии хурофот ва ғалатфаҳмӣ, рок-мусиқӣ, порафарҳанг-субкультура), В.Т. Лисовский (гурӯҳҳои фароғатӣ - ғаририрасмии дорои чунин зергурӯҳҳо: ҷамъиятӣ –сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, клубҳои худфаъолиятӣ, динӣ ва нимадинӣ, ҳифзи ҳуқуқ, фанатҳои варзишӣ ва мусиқӣ, зидди иҷтимоӣ – панкиҳо, металистон, рокерҳо, ҷиноӣ, авбошӣ ва ғ.-ҳо), Д.В. Олшанский (кӯшиши бо худ будан. тақлидкорӣ, ҳисси галагӣ, маҳдудияти ҳарифон, душманон, бадхоҳон, даъвоҳои аз ҳад зиёд, гопникҳо, реперҳо ё хиперҳо, сартарошидаҳо, фан-гурӯҳҳо), ки ба иддае аз ҷавонони тоҷик ҳам таъсири манфӣ гузоштаанд, баҳри пешгирии зухуроти манфӣ пурмазмун ва дақиқкорона таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар радифи барномаҳои хориҷӣ муаллиф баҳри ба ҷавонон муҳайё намудани шароити муътадили фароғатии вақтҳои холӣ ғамхорона дар ин боби асари хеш як қатор лоиҳаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии саргармӣ, рушдбахшандагӣ, тандурустӣ ва барномаҳои озмунӣ-фароғатии «Эрудит», шоу, иҷрокунандагони сурудҳои эстрадӣ, лоиҳаҳои марказҳои фароғатии нав, толлорҳои наққошӣ, кӯшишҳои субъектҳои фарҳангӣ - фароғатии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷамиятӣ, соҳибкорӣ, фароғатӣ - таълимӣ, маҳалии минтақавӣ, бадеӣ-эҷодиро тавсия карда, иловатан коркарди барнома ва лоиҳаҳои наверо, ки омили ташаккули рушди солимгардонии ҷавонон ва ҷавобгӯи талаботи замон бошанд, бо коркарди дастуру нишондодҳои технологияи навини фароғатӣ пешниҳод намудааст.

Дар боби «Технологияи фароғати хонавода» муаллифи китоб проблемаҳои хонаводагиро асосан ба чаҳор гурӯҳ тақсим намуда, якум, онҳоро дар кам будани робитаҳои миқдорию сифатии иҷтимоӣ ва муоширати волидайн бо фарзандон, дуюм, набудани ташхиси доимӣ ва маҳсулнокии тарзҳо ва усули инкишофи фикрӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдакон, сеюм, мавҷуд набудани малакаҳои устувор, шаклҳои фароғати дастаҷамъии оилавӣ ва эҷодкории муштараки фарҳангӣ, чаҳорум, норасоии фарҳанги иҷтимоӣ-равонии волидайн ва фарзандон ҳамчун сабаби зиддиятҳои хонаводагӣ арзёбӣ намудааст. Вале муаллиф дар таҳқиқоти хеш тибқи фаъолияти фароғатӣ бо назардошти гуногунрангии хонаводаҳои имрӯза, ки онҳо аз пурра ва

нопурра, серфарзанд ва камфарзанд, бефарзанд, ҷавон, падаршоҳӣ, душвор, носолим, зиддииҷтимоӣ, байналмилалӣ, байниқавмӣ ва ғ.-ҳо иборатанд, масъалаҳои баҳсталаби проблемавиеро рӯйи кор овардааст, ки таҳқиқоти ҳаматарафа муҳим ва заруриро самаранок дарёфт карда тавонистааст. Дар ҳаллу фасли муштараки проблемаҳои аилавӣ низ муалиф дастовардҳои беназири оилаҳои намунвиро ёдрас намуда, сиёсати давлатии рушду нумуъи оиладории замонавӣ, стандартикунонӣ, муҳити ҳамдигарфаҳмӣ, солимгардонии фарзандон, эҳтироми ёрии ҳамдигарӣ, ҳамкориҳои оила, мактаб ва аҳли ҷомеаро дар доираи маҳфилҳои эҷодии «Дастони моҳир», иттиҳодияҳои «Бародари бузург», «Хоҳари бузург», «Модар ва фарзанд», барномаи «Осорхона ва хонавода», лоиҳаи «Хонаводагӣ», кумаки маркази равоншиносӣ ва педагогӣ ба волидайн, тадбиқи барномаи клуби фароғатии хонавода дар заминаи мактаби таҳсилоти умумӣ таҳким бахшидааст.

«Технологияи ташкили фароғати калонсолон» боби дигари китобро ташкил медиҳад, ки дар он муаллиф,ба масоили муътадилгардонии муносибатҳои ҷавонону калонсолон дар номувофиқатии баҳои арзишҳо, идеалҳо, принсипҳои ҳаётӣ, барҳам задании зиддиятҳо рушду нумуъ бахшидан ба мазмуни барномаҳо фароғатӣ ва солимгардонӣ ва ғ.-ҳо аҳамияти хосса зоҳир кардааст.Барои калонсолон ва пирон низ муҳаққиқ намунаи ба гимнастика машғул шудани шахсиятҳои маъруфи асрҳои гузаштаю кунуниро дар сини 80-солагӣ мисол оварада, вазифаҳои асосии барномаҳои фароғатӣ ва «Тандурустӣ»-ро бо далелу омилҳои қотеона бараъло нишон додаст.

Дар мавриди «Фароғати нобиноён» муаллиф бо ғамхории инсонпарварона таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, донишомӯзии онҳоро дар ташкили тарзи дурусти варзишу фароғати солимгардонӣ дидаст. Ба ҳамагон ӯ тавсия медиҳад, ки якум, ба истироҳат ва рафъи хастагӣ, дуюм, бо осоиши рӯҳию равонӣ, сеюм, ба рушди фардӣ ва иҷтимо онҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд, ҳар чи барвақтару бетаъхир аз пайи қонеъ кунонидани эҳтиёҷу ниёзи онҳо бошем.

Боби «Фароғат дар ислом»-ро муҳаққиқ бо гуфтори пандомӯзи Каломи Шариф- ояҳои Қуръони карим, ҳадисҳои Расули Акрам (с) ва ҳазрати Алӣ (а) нишон дода истода, фароғати кӯдакону ҷавонон ва калонсолонро дар таълимоти Ислом зимни варзиш, бозӣ, меҳнат,шуғли доимии муфид арзёбӣ кардааст. Агар дар доираи таълимоти Ислом таҳқиқоти муҳаққиқ нисбат ба бозӣ бештар ба кӯдакон таалluқ дошта бошад, пас варзиши саворакорӣ, тирандозӣ ва шиноварӣ ба тамоми хусусиятҳои синнусолӣ дахлпазиранд, ки ба осудаҳолӣ ва тандурустии ҳар як инсон мусоидат мекунад.

Боби «Илоҳиётшиносии фароғат» низ дар китоби «Педагогикаи фароғат» аз пайғоми шодиофарӣ оғоз гардида, алфози шодӣ дар Қуръони карим чун шодию нишот ба фароғату тандурустӣ, ки мояи покию тозагианд, мансуб гардонида шудаанд. Қимати пурарзиши ин боб дар он зоҳир мегардад, ки калимоти душворфаҳми аслии арабӣ аз ҷониби муаллифи китоб бо шарҳу тафсири мантиқӣ дастрасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ маънои луғавии фарахро аслан шабеҳи шодию нишот маънидод карда, инчунин навъҳои гуногун- маъноии онро мувофиқи фармудаи Қуръони карим ба се қисмат ҷудо намудааст: якум, саркашию бадмастӣ; дуюм, хушнудӣ ва ризо; сеюм, шодмонию хушҳолӣ. Аз мавқеъи равоншиносӣ, мувофиқи ақидаи муҳаққиқ, тафреҳу шоддӣ баъзан қодиранд, ки пеши роҳи ҳар гуна касалиҳоро гиранд ва ҳатто ба солимгардонии бемор мусоидат кунанд. Мувофиқи таълимоти Арасту шодмониро муаллиф ҳамрадифи муваффақияту комёбӣ дар рушди

маънавият меҳисобад, ки воқеан шахс дар натиҷаи шодию нишоти бомаврид рӯҳи тоза мегирад.

«Ханда ва фароғат» як ҷузъи ҷудонашавандаи муаллифи китоби «Педагогикаи фароғат» ба қалам дода шудааст, ки дар он истилоҳоти базла, мазоҳ, мутоъиба, факоҳат, латифа, ҳазл, ҳаҷв, карикатура, комедия, танз ва ғ.-ҳо дар ҳадафи рафъи хастагӣ фароғати бемислу монанд тафсир гардидаанд. Бахусус, мақоми «танз» дар китоб чи бо истилоҳоти тоҷикӣ ва чи русӣ бо маъноҳои афсӯсу масхара ва таънаю сарзаниш кардан истифода бурда шуда, мунаққид барҳақ дар он ақидаест, ки он «Захмҳои ниҳониро мешикофад, чирк ва палидиҳоро берун мерезад, ғафлатро мезудояд ва бемориро беҳбуд мебахшад». Хуллас, муаллиф фасоҳату назокат ва зарофату латофати баёни каломи хандаомезро бо санъати баланди маънвӣ дар риштаи фароғат аз ханда тасвир намудааст.

Дар ҷамъбасти рисолаи хеш устод С. Сулаймонӣ тибқи мавзӯи фароғат ҳадафи омӯзиш, якум, мавзӯҳои навҷавонӣ ва ҷавониро дар доираи таҳқиқи равоншиносӣ таҳавули ҷисмонии балоғат, равонӣ ва ақлонӣ мавриди мутолиа ва истифода медонад. Дуюм, муаллиф фароғатро мафҳуми ҷадид ҳисобида, баробари ба низоми иҷтимоӣ ворид гардидани технологияи ибтикорӣ зиёда гардонидани фурсати истироҳату фароғатро дар муддати авҷи камолот, донишандӯзӣ ва соҳибкасбшавӣ мавриди амал меҳисобад ва ба тамоми табақаҳои ҷомеа баробар тақсимшавии тарғибу ташвиқро аз тариқи садо ва симои марказӣ омили рушди фароғат ва солимгардонӣ таъкид намудааст. Сеюм, муаллиф вақти фароғатро бо омӯзиши мавзӯҳои ғайрибарномавии фароғатӣ, фароғати ғайрифаол, нимфароғатӣ табақабандӣ намуда, моҳияти аслӣ ва зараровариии онҳоро нисбат ба иқлим ва шароити маҳал бо мисолу далелҳои амиқ пешниҳод намудааст. Бахусус, дар доираи истироҳатгоҳҳои тобистонаи кӯдакон мақоми урдугоҳҳои бачагонаро тибқи фароғату солимгардонӣ ҳадафи таҳқиқ қарор дода, бо таассуф қайд намудааст, ки «на ҳамаи хоҳишмандон метавонанд аз ин лагерҳо истифода баранд». Дар охир баҳри муассир сохтани фаъолиятҳои вақти фароғат муҳаққиқ барои омӯзгорон ва мураббияҳо тибқи роҳбарии самарабахши педагогӣ тавсияҳои судманд пешниҳод намуда, 100 номгӯй адабиёти зарурии илмию методии муҳаққиқони ватанию хориҷиро барои ихлосмандони «Педагогикаи фароғат» тавсия кардааст.

Таманиёти мо аз устоди арҷманд он аст, қи дар нашриёти минбаъдаи китоб луғатномаи забонҳои хориҷиро дар охири ҳар боб дарҷ карда, баҳри оммавӣ ва дастрасӣ гардонидани рисолаи пурарзиш ба ҳусни соҚдабаёнии мазмуну мундариҷаи асар эътибори ҷиддӣ диҳанд.

## ОТЗЫВ
## НА МОНОГРАФИЮ СУЛАЙМОНИ С. «ПЕДАГОГИКА ОТДЫХА»

***И. ДАВЛАТШОЕВ***

Автором подробно, детально проанализирована монография известного таджикского учёного, в которой указаны все положительные стороны работы.

Ключевые слова: глава, известные учёные, содержание, тема отдыха, технология организации, рекомендации, пожелание.

## REVIEW TO THE

## MONOGRAPH SULAIMONI *S.* "PEDAGOGY FAROGAT"

***I. DAVLATSHOEV***

*The author in detail, analyzed the monograph of known Tajik scientist, which shows all the positive aspects of the work.*

***Keywords:*** *head, well-known scientists, content, holiday theme, organization of technology, recommendations, wish.*

## БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «Илм ва инноватсия» мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ, табиӣ, иқтисодӣ, гуминатарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд. Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо матн, расмҳо,ҷадвал, диаграмма, графика, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word омода карда шавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат A4, фосилаи байни сатрҳо - 1см, ҳошияҳо: боло -3см, поён -2,5см, чап -3см, рост -2см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд ракамгузорӣ кард шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф (муаллифон) нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассасаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русию англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Қоидаҳои тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шаванд.

Мақолаҳои илмие, ки ба маҷалла супорида мешаванд, бояд хулосаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ) ва тақризи мутахассисони соҳаро оид ба имконияти чопи он дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намоянд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, бо пешниҳоди ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон баргардонида мешаванд.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Наука и инновация» печатаются статьи, содержащие результаты проведенных исследований по педагогическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1.Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотации на таджикском, русском, персидском и английском языках.

2.Статья должна быть подготовлена в системе Microsot Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат A4, интервал одинарный, поля: верхнее-2,5 см, левое -3см, правое-2см:), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилия автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов на таджикском, русском и ангийских языках).

Ссылки на цитируемую литературу даются в скобках, например (12.с.42). Список литературы приводится общим списком после ключевого слова (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается разюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст разюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

**Масъули чоп**: ***КАМОЛОВА С.***

**Муҳаррири матни русӣ**: ***ҶОНМАҲМАДОВА Г.***

**Муҳаррири матни англисӣ**: ***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***

**Ҳуруфчини компютерӣ:** ***КОМИЛОВА М.***

**Саҳифабанд:** ***ҲАЙДАРОВ Р.***

**Ответственый секретарь**: ***КАМОЛОВА С.***

**Редактор русского текста:** ***ДЖОНМАХМАДОВА Г.***

**Редактор английского текста:** ***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***

**Компьютерный набор:** ***КОМИЛОВА М.***

**Верёстка:** ***ХАЙДАРОВ Р.***

*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи АбдураҳмониҶомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*

*Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, пр.С. Айни,45*

*Ба матбаа ** супорида шуд. Ба чопаш *** имзо шуд.Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/16 11,5 ҷузъи чопӣ. Теъдод 100 нусха. Супориши №*

*Дар нашриёти «Сифат» чоп шудааст.*
*ш. Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*